ОКУТОГОВО

# АЗОБҲОИ ҶАҲАННАМ

Душанбе
«Донишварон»
2020

ББК84.4/8+84.4(5Я)+83.34/38
О-40

Таҳийя ва тарҷумаю сарсухани
***Қодири Рустам***

Муҳаррир
***Абдуҷалили Амон***

**Окутогово.**
Азобҳои ҷаҳаннам. – Душанбе: «Донишварон», 2020. – 180 с.

Маҷмуаи ҳикояҳои нависандаи бузурги Жопун, ки бори нахуст барои хонандаи тоҷик пешниҳод мешавад, аз намунаи достонҳои кӯтоҳи ӯ дар жанру сабкҳои мухталиф фароҳам шудааст.

ISBN 978-99975-63-95-8

© Қодири Р., тарҷума ба тоҷикӣ, 2020.

# ОКУТОГОВО:
# МЕРОСИ БУЗУРГИ УМРИ КӮТОҲ

Окутогово Рйунускэ, ки аз бунёдгузорони адабиёти навини Жопун маҳсуб мешавад, ҳамагӣ сию шаш сол умр дид ва аз ин зиндагии кӯтоҳ низ фақат чаҳордаҳ сол ба офариниши осори бадеӣ – асосан достони кӯтоҳ ва эссе машғул буд. Аммо мероси адабии бозмонда аз ин нависандаи кӯтоҳумр хеле ғанӣ ва рангин аст. Танаввуи жанрӣ, сабкию услубӣ ва мавзуии ин мурдареги адабӣ низ шигифтӣ меангезад. Окутогово ҳам достонҳои реалистӣ таълиф карда, ҳам романтикӣ, ҳам ба фантастика пардохта, ҳам ба ҳаҷви иҷтимоию танз, ҳам воқеоти гузаштаи дури кишварашро ба тасвир овардааст, ҳам рӯйдодҳои замони худро; гоҳе аз нависандагони бузурги ғарбӣ ва рус пайравӣ карда ва гоҳе даст ба ибтикору навоварӣ задааст. Дар як диди сатҳӣ шояд чунин ба назар намояд, ки нависанда, ки дар бисту чаҳорсолагӣ ба таълифи осори бадеӣ шуруъ кард ва беш аз нимаи солҳои халлоқияташ мантиқан боястӣ ба давраи касби таҷриба баробар меомад, танаввуи мавзуию усулию сабкии офаридаҳояш низ ҳосили ҷустуҷӯйҳои адабӣ ва ба хотири пайдо кардани жанр, сабк ва мавзуи вежаи худ будааст; аммо чун ба таълифоти ӯ амиқтар ва бо назари таҳқиқ менигарем, мебинем, ки на, албатта, чунин набудааст, балки аввалан, ин танаввуи жанрӣ, сабкию услубӣ ва мавзуӣ то охири умри Окутогово идома ёфтааст ва сониян, агар ба таърихи таълифи достону эссеҳои нависанда таваҷҷуҳ бикунем, хоҳем дид, ки ӯ пайваста ва навбат ба навбат гоҳ ба реализм, гоҳ ба романтизм, гоҳе ба фантастика ва гоҳе ба устураю тамсил, гоҳ ба замони дур ва гоҳ ба даврони муосир рӯй овардааст. Албатта, барои тавҷеҳи танаввуи жанрию сабкии офаридаҳои Окутогово ин нукта ҳам шояд муассир будааст, ки Жопун дар солҳои бачагӣ ва навҷа-

вонии Окутогово барои рушди сармоядорӣ ва дар маҷмуъ дар ҳамаи риштаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ беш аз пеш ба Ғарб рӯй оварда ва аз он пайравӣ мекард. Ва адабиёт, ба хусус насри бадеӣ низ дар ин пайравӣ ва омӯзиш истисно набуд. Чунонки муҳаққиқи рус А. Стругатский навиштааст: «ҳамаи он чи, ки суннати адабии ғарбӣ дар давоми садсолаи рушди муназзам касб карда буд: ҳам романтизм, ҳам сентиментализм, ҳам реализм, ҳам натурализм, ҳам нахустин шигирдҳои декадентӣ ва модернистӣ ба маънои аслии ин таркиб, дар як соат ба Жопун фурӯ рехтанд. Ҳамаи ин бояст ҳарчи зудтар ҳазм шуда, интихоб ё мутобиқ мегардид». Аммо дар мавриди Окутогово, ки намунаҳои беҳтарини достонҳои кӯтоҳро бо сабку услубҳои мухталиф таълиф кардааст, ин амрро низ сабаби аслии танаввуи осораш наметавон номид, балки дурусттар аст, бигӯем, ки нависандаи жопунӣ бо савқи табиӣ тавонистааст барои ҳар мавзуъ ва ҳар андеша сабку услуб ва жанри муносибтарин ва мутобиқтаринро пайдо бикунад ва аслан як сабаби умдаи комёбиаш дар нависандагӣ низ ҳамин аст. Ва афзун бар ин, ба Окутогово муяссар шудааст, ба ҳар «шахсияти достониаш» мутобиқ бо ҷинс, синну сол ва вежагиҳои ҳирфаӣ ва инсонии ӯ «либоси хос»-и ӯро бипӯшонад.

Окутогово аз ҷумлаи маъдуд нависандагони жопунӣ будааст, ки дар замони бухрони адабиёти ин кишвар, ки натиҷаи нодуруст фаҳмидани моҳияти адабиёти Ғарб буда ва ба натурализми маҳз ва шеваи аккосии зиндагӣ мунҷар шуд, тавонистанд роҳи адабии вежаи худро пайдо бикунанд. Вай ботини инсон, хурдтарин тағйир ва таҳаввулоти равони ӯро мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор медиҳад. Аммо таҳқиқи руҳу равони инсон бидуни ҳаракати ҷисми ӯ равоншиносӣ аст, илм аст, достон нест, адабиёти бадеӣ нест, ин аст ки нависанда ба ҳаракати физикии фард ё афрод ниёз дорад, ба воқеа

эҳтиёҷ дорад, ки дар асари бадеӣ ба сужа ва фабула бадал мешавад.

Ин аст, ки барои ӯ худи воқеа муҳим нест, сужа фақат василаи таҳқиқи ҷаҳони ботинии инсон аст. Ва ба ин сабаб ӯ гоҳе воқеаро аз таърихномаҳо ва вақоеъномаҳои гузашта мегирад ва ё аз осори нависандагони ғарбӣ бо тағйире ва ё бо такмиле ахз менамояд ва ба тавассути он сухани худро мегӯяд, диди зебошинохтии худро ба намоиш мегузорад, ҳадафи худро ироа медиҳад. Асоси сужаи аввалин достони кӯтоҳи ӯ – «Дарвозаи Расёмон», ки оғози шуҳрати нависандагии ӯ гардид ва ба тавассути филми ҳамноми нобиғаи дигари жопунӣ – Окиро Куросово барои ҳама ҷаҳони мутамаддин ошност, аз вақоеъномаи асримиёнагии жопунӣ ахз шудааст, достони тамсилии «Тори анкабут» ривояти машҳури буддоӣ аст, ки Лев Толстой низ истифода карда, достони «Шавлаи бататӣ» мулҳам аз «Шинел»-и Николай Гогол ва ба навъе таҳаққуқ пазируфтани орзуи «одами кӯчак»-и ӯ Акакий Акакевич ва достони кӯтоҳи дигараш - «Даструймол» андешаи ба таври аёнӣ нишондодаи Август Стриндберг – нависандаи машҳури суидӣ мебошад.

Аммо бо андӯхтани таҷрибаи зиёдтар Окутогово бештару амиқтар ба зиндагии воқеии мардуми кишвараш рӯй меоварад ва аз иқтибоси сужа ва «татаббуъ»-и андеша ва мазомини дигарон ҳарчи бештар даст мекашад, вай дигар ҳаёти рӯзмарраи ҳамзамонон ва ҷаҳони ботинии хешро таҳқиқ мекунад ва достонҳояш низ аз назари ҳунари нависандагӣ, усул ва василаю воситаҳои тасвири бадеӣ печидатару рангинтар ва аз лиҳози ҷустуҷӯҳои равонковона амиқтар мегарданд. Чунончи, дар ҳикоя ё худ достони кӯтоҳи «Дар бешаи анбӯҳ», ки сужаи содае дорад, воқиа аз забони ҳафт нафар – се нафар ширкаткунандагони ҳодиса ва чаҳор нафар шоҳид ҳикоят мешавад. Самурайи 26-сола бо духтари 19-сола

издивоҷ мекунад ва ҳарду савори асп аз зодгоҳи арӯс ба шаҳри домод равон мешаванд. Роҳашон аз доманаи кӯҳ, аз миёнаи беша мегузарад. Дар ин ҷо бо марде дучор меоянд, ки роҳзани машҳур аст. Роҳзан бо дидани арӯс аз ӯ хушаш меояд ва мардро мефиребад, ки андаруни беша ганҷеро пинҳон кардааст ва агар барои дар овардани он ба ӯ ёрӣ диҳад, бахше аз ин ганҷро ба ӯ хоҳад дод. Дар беша роҳзан самурайро ба дарахт мебандад, занро таҷовуз мекунад ва самурайро мекушад. Вале воқиа аз забони ширкаткунандагони он (нависанда руҳи самурайи мақтулро низ ба сухан меоварад) ба гунае ҳикоят мешавад, ки хонанда ба натиҷа мерасад, дар ин фоҷиа на фақат роҳзан, балки худи самурай ва занаш низ гунаҳкоранд, вале мизони гуноҳи ҳар яке ба равшанӣ то охир маълум нест. Чунин наҳваи ҳикоят, ки бештар хоси насри модернистӣ аст, барои солҳои бистуми қарни бистум навоварӣ маҳсуб мешуд ва аз камоли нависандагии Окутогово шаҳодат медиҳад.

Дар марҳалаи аввали офарандагӣ Окутогово на бидуни таъсири назарияи роиҷи ҳунари ғарбӣ ба шиори «ҳунар барои ҳунар» тамоюл пайдо мекунад ва дар ҳамин марҳала аст, ки гуфтааст: «зиндагии инсон арзиши як мисраи Бодлерро ҳам надорад». Аммо худи зиндагӣ ва таҷрибаи инфиродии ӯ дар халқи эҷоди бадеӣ боис шуданд, ки нависандаи жопунӣ ба зудӣ пучу бесамар будани ин назарияро дарёбад ва аз он рӯй битобад. Ва акнун ӯ як сол қабл аз марги фоҷиавиаш дар соли 1926 чунин навиштааст: «асли «ҳунар болотар аз ҳама чиз аст» – ҳадди ақалл дар эҷоди бадеӣ, – ин асл фақат боиси хамёза мешаваду бас». Лекин пайравӣ аз ҳамин асли «ҳунар болотар аз ҳама чиз» буд, ки нависандаро таҳрик ва водор кард яке аз беҳтарин достонҳояш – «Азобҳои ҷаҳаннам»-ро таълиф бикунад. Ин шоҳкори Окутоговоро ба ду гунаи комилан мухталиф метавон тафсир кард ва яке аз сабабҳои барҷастагӣ ва

мондагории он низ ҳамин тафсирҳои мухталиф аст; ин достон ҳам таъйиди руҷҳони осори ҳунар бар зиндагии инсон аст ва ҳам танҳоӣ ва фоҷиаю мусибати инсони ҳунарманд. Нависанда аз сӯйе қурбониҳои ҳунармандро барои фатҳи Ҷамолунгмаи ҳунар нишон медиҳад ва ҳамзамон фоҷиаи шахси ӯро барои таҳаққуқ пазируфтани ин амр. Ҳунарманд барои даст ёфтан ба аҳдофи ниҳоии ҳунараш бояст аз ҳама чиз бигзарад, ҳама арзишҳои дигарро дар ин роҳ қурбонӣ бидиҳад. Наққоши пир – Ёсихидэ барои эҷоди тоблуи «Азобҳои ҷаҳаннам» на танҳо ҳаёти шогирдонашро ба хатар мегузорад, балки ягона шахси азизи худ – духтараш, танҳо касеро, ки василаи иртибот ва дилгармии ӯ ба зиндагӣ мебошад, низ воситае барои даст ёфтан ба ҳадафи ниҳоии худ – офариниши шоҳкор мекунад ва дар ин роҳ духтарро ба куштан медиҳад. Аммо фоҷиа танҳо бо сӯхтани духтар дар оташ ба итмом намерасад, балки фаротар аз он худи наққоши пир низ моҳияти инсон буданашро қурбон мекунад. «Азоби ҷаҳаннам» исме рамзӣ ва амиқ аст, аз сӯйе муҳтавои тоблуи ҳамномашро, ки шоҳкори наққош Ёсихидэ аст, ифода мекунад ва аз сӯйи дигар фоҷиа ва мусибати инсонии худи наққоши пир, ҷаҳаннамеро ки андаруни ӯ қарор дорад. Аммо ин достони тӯлонӣ, ки қисса (повест) ҳам метавон номидаш, фақат баёнгари арзиш ва ҷойгоҳи ҳунар, фоҷиа ва қурбониҳои наққоши пир барои даст ёфтан ба хостаҳои қалбиаш нест. Окутогово бо маҳорати нависандагӣ ва умқи тафаккур ду худхоҳӣ, ду қудратхоҳиро ба таври мутавозӣ нишон медиҳад. Яке худписандии наққоше, ки барои расидан ба ситеғи ҳунар мутобиқ бо асли машҳури Макиавеллӣ «ҳама василаро ҷоиз медонад» ва дигаре худхоҳии шоҳ, ки қудраташ заминае аст барои таҳаққуқ бахшидан ба хостаҳои бешарафонаи қалбаш ва дар ин мавриди хос муҷозоти касе, ки ҷуръат кардааст, хостаи ӯро рад бикунад… Аз ин ҷост, ки ин достон, бештар аз он ки на-

мудори асли «ҳунар болотар аз ҳама чиз аст» бошад, бар рағми он, такзиб ва инкори он аст. Ҳунар танҳо дар заминаи зиндагии инсон метавонад ҳастӣ ёбад ва барои инсон метавонад қадр дошта бошад... Асли ҳунар башардӯстист ва меъёри асолати ҳунар хидмати он барои инсон аст, агар ҳунар ба дарди мардум намехӯрад, чизе беҳуда ва пучу бемаъност.

Мусаллам аст, ки адабиёти бадеӣ (ки шохае аз ҳунар аст) ба ҳайси гунае аз шинохти Олам бештар ба таҳқиқ ва мутолиаи бадеии ҷаҳони Одамӣ ва иртиботи ӯ бо ҷомиа ва табиат сару кор дорад. Ва дар ин таҳқиқу мутолиа бештар аз ду омил ва ё илми зебоишинохтӣ ва равонковӣ ҳамчун абзор ва василаи пажуҳиш истифода мекунад. Ва ин ки Максим Горкий фармудааст, «нависанда муҳандиси руҳи одамизод аст», аз ҳамин вазифаи умдаи адабиёт маншаъ мегирад. Воқеан, бидуни омӯзиши Инсон ва ҷаҳонии ботинии ӯ дар иртибот бо табиату ҷомиа, ҳеч нависандае наметавонад осори содиқона ва муассир халқ бикунад, ҳатто нависандае ҳам, ки ба таълифи достону романҳои фантастикӣ ихтисос дорад. Ҳамин омӯзиши амиқи ҳаёт аст, ки нависандагони асилро дар баробари таҳаввулот ва тағйироти билқувва дар ҷомиа ҳассос мекунад, эшон даст бар набзи замонаи худ доранд ва хурдтарин тағйироти зарабони онро пай мебаранд ва гузашта аз ин, неруи пешбинии таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаҳои худро пайдо мекунанд ва ҳамватанони худро гоҳе аз пешомадҳои хуш башорат ва гоҳи дигар аз пайомадҳои фоҷиабор ҳушдор медиҳанд. Достони афсонаии «Момотаро», ки Окутогово соли 1924 таълиф кард, ҳамин гуна ҳушдори нависанда ба ҳамватанони хеш буд. Нависандаи ҳассос ва борикбин хеле дақиқ тамоюлҳои тавсиаталабонаи давлати импереалистии Жопунро эҳсос карда буд ва оқибати фоҷиабори онро ҳам ба ҳаммеҳанонаш ба таври бадеӣ нишон дод. Пас аз ҳафт соли чопи ин достон Жо-

пун ба Чин ҳамла бурд ва онро ишғол кард, пас аз нуҳ соли дигар муттаҳиди Олмону Италия дар Ҷанги ҷаҳонии дувум шуд ва дар соли 1945 бо фоҷиаи Нагасаки ва Ҳиросимо гирифтор шуду шикаст хӯрд….

Ва аммо зиндагии шахсии худи Окутогово низ на камтар аз кишвараш бо интизори мавҳуми фоҷиа иртибот дошт… Ӯ аз навҷавонӣ бо эҳсоси ташвишовару бимангези девона шудан ба сар мебурд ва дар солҳои охири умраш ин эҳсос ташдид пайдо кард… Чанд бор талоши худкушӣ низ кард ва боре навишт: «хостам худро бикушам, аммо пашша халал расонд», бори дигар орзуяшро рӯйи коғаз мерезад, ки «кош яке пайдо мешуд ва маро дар хоб мекушт». Ва ин эҳсос, албатта, бедалелу бесабаб набуд. Модараш дар нуҳмоҳагии нависандаи оянда аз ақл бегона шуда буд ва кӯдакашро барои тарбия ба хонаводаи доияш (тағо, бародари модараш), ки фарзанд надошт, доданд. Ва доияш, ки исми хонаводагии худ – Окутоговоро ба нависандаи оянда дод, ӯро ба таври аҳсан тарбият ва таълим дод. Ва ӯ низ бар ивази тарбия исми хонаводагии тағояшро шуҳраи офоқ кард. Ва аммо номи худи нависанда – Рйунускэ ба маънии аждаҳост, зеро ба иттифоқи аҷибе ӯ соли 1882 мутобиқ бо солшумории қадими жопунӣ дар соати Аждаҳо, рӯзи Аждаҳо ва моҳи Аждаҳо ба дунё омада буд…

Як соли охир таваҳҳум, руъёҳо, садоҳо бештар аз пештар азияташ медоданд, ӯ роҳи наҷотро дар офариниши осори бадеӣ медид, пайваста менавишт, то дардҳояшро ба рӯйи коғаз бирезад. Сатираи фантастикии «Дар кишвари обиҳо», «Чарххои дандонадор», ки баёни таассурот ва эҳсосоти айнии чанд рӯзи пай дар пайи зиндагии худи нависанда аст ва низ «Зиндагии девона», ки аз беҳтарин навиштаҳои Окутогово ба шумор меоянд, маҳсули ҳамин зиндагии бесомони як соли охири умри нависанда мебошанд. Вале ин шеваи равонковӣ ҳам натавонист наҷоташ бидиҳад. Ниҳоятан, нависанда

дигар муқовимат кардан натавонист: субҳи 24 июли 1927 веронал –доруи хобро ба мизони марговар фурӯ бурд ва ҷаҳони пуразобу азиятро тарк кард….

Ва зиндагии ҷовидони дигарро оғоз кард; осори Окутогово, ки ба ҳамаи забонҳои маъруфи дунё тарҷума шудааст, имрӯз низ қалбу мағзҳоро тасхир мекунад… Дар ватанаш аз рӯйи достонҳои ӯ ҳудуди 20 филми бадеӣ бардоштаанд.

Яке аз ҷоизаҳои маъруфи адабии Жопун ба номи Окутогово аст, ки ҳамасола ба нависандагони ҷавони боистеъдод эъто мешавад…. Дар миёни онҳое, ки ин ҷоизаро соҳиб шудаанд, номҳои Кобо Абэ ва Кендзабуро Оэ низ ҳаст.

***Қодири Рустам***

# МОМОТАРО

## 1

Дар замони қадим, дар замони қадими қадим дар бешаи анбӯҳи касногузаре як дарахти азими шафтолу meруст. Не, фақат «дарахти азим» гуфтан кифоят намекунад. Шохаҳои вай то ба абрҳои осмон қад кашида буданд, решаҳои вай то ба Кишвари торикӣ дар умқи замин фурӯ рафта буданд. Ровиёни ахбор овардаанд, ки дар ҳамон замони офариниши ҷаҳон худо Идзанаги барои он, ки дар паҳнои васати Кишвари торикӣ ва Ҷаҳони зиндагон ҳашт тундарро аз худ рафъ намояд, ба сӯйи онҳо шафтолу афканда буд ва аз ҳамин шафтолуи Асри худоён дарахти азими шафтолу рӯйид.

Аз замоне, ки Кайҳон вуҷуд дорад, ин дарахт ҳар даҳ ҳазор сол як бор гул мекунад ва ҳар даҳ ҳазор сол як бор бар медиҳад. Гулҳои вай ба чатри арғавонӣ мемонад, ки гирдогирдашро шилшилаҳои тилоӣ фаро гирифта. Меваҳояш… Оё ҳоҷат аст бигӯем, ки меваҳояш низ хеле бузург мешуданд. Вале аҷибтар аз ин ҳама он аст, ки ҳар мева ба ҷойи донак андарунаш тифле дошт.

Дар замони қадим, дар замони қадими қадим дарахти шафтолу шохаҳои худро бар рӯйи кӯҳҳову водиҳо густарда, сар то сар ғарқи мева ва худ ғарқа дар анвори хуршед қад афрохта буд. Меваҳояш, ки дар ҳар даҳ ҳазор сол як бор падид меомаданд, дар ҳазор сол мерасиданд ва ба замин намеуфтоданд. Аммо боре тақдир ба сурати зоғи муқаддас ба яке аз шохаҳои дарахт фурӯ нишаст. Зоғ ба яке аз шафтолуҳои хурд, ки тоза ба сурх шудан оғоз карда буд, минқор зад ва шафтолу ба поин парид. Вай аз миёни анбӯҳи абр гузашт ва ба рӯди дурдасти кӯҳӣ уфтод. Рӯдак қатраҳои сафеди обашро пош дода аз байни шаххову тангноҳо ҷорӣ буд ва табиист, ки ба Кишвари одамон мерафт.

Чӣ тавр шафтолу бо кӯдаки андарунаш баъд аз убури дараҳои касногузари махуф ба байни одамон уфтод? Гумон намекунам, ниёзе барои ботафсил ҳикоят кардани ин амр бошад. Инро ҳар кӯдаки жопунӣ медонад: пирзане дар рӯди кӯҳӣ либосҳои пирмардашро, ки кӯҳ барои ҳезум рафта буд, об мегардонд…

## 2

Момотаро, ки аз шафтолу ба дунё омада буд, тасмим гирифт, ки Онигасима – Ҷазираи шайтонҳоро фатҳ кунад. Чаро ин андеша ба сари ӯ омад? Зеро барои ӯ кор кардан дар беша, рӯд ва киштзор ончунон ки пирмарду пирзан мекарданд, нафратовар буд. Пиру кампир, ки ин писараки худсару ҳардамхаёл ҷонашонро ба лаб оварда буд, барои он ки ӯ ҳарчи зудтар аз назарашон дур бишавад, хеле зуд барояш дирафш, шамшер ва ҷомаи ҷанг таҳия карданд. Афзун бар ин, бо талаби Момотаро барои тӯшаи роҳаш нони арзан пухтанд.

Инак, Момотаро бо ваҷоҳати мағлубнопазир ба фатҳи Онигасима рафт. Дар роҳ ба ӯ саги калони дайдуе дучор омад, ки чун бо Момотаро сухан пайваст, чашмони гуруснааш медурахшиданд:

–Момотаро-сан, Момотаро-сан. Он чист, ки дар миёнбандат дорӣ?

– Нонҳои арзан аст, ки беҳтарин нон дар Жопун аст, – бо ифтихор посух гуфт Момотаро. Рости гап, ӯ худ низ тардид дошт, ки дар воқеъ нонҳои ӯ беҳтарин нон дар Жопун бошанд.

Вале саг баробари шунидани номи нони арзан ба назди ӯ давид.

– Ба ман ноне бидеҳ, ҳамроҳат меравам.

Момотаро дод зад:

– Не, ман як нон ба ту дода наметавонам. Нимашро медиҳам.

Аммо саг ҳамоно дандон месоид: «Як нон бидеҳ» Вале Момотаро низ аз гуфтааш намегашт: «Нимто медиҳам». Савдо ҳар қадар бештар идома ёбад ҳам, дар ниҳоят он ки ҳеч чиз надорад, ба оне ки ақаллан чизе дорад, тобеъ мешавад. Саг ҳам оҳи сарде кашиду ба ивази ним нони арзан аз дунболи Момотаро равон шуд.

Момотаро ба ивази ним нони арзан ба ҷуз саг ҳамчунин бӯзина ва товусро ҳам ба хидмат гирифт. Вале мутаассифона, хидматгорони Момотаро ҳеч сари созиш бо ҳам надоштанд. Саг, ки ашкҳои дарозу тез дошт, бузинаи бечораро фиреб медод. Бӯзина, ки хеле моҳирона нонҳои арзанро бармешумурд, ҳамвора товуси содадилро аҳмақ мекард. Товус, ки заминларза ва улуми дигарро хуб медонист, пайваста саги аҳмақро фанд медод. Баҳси миёни онҳо дақиқае ҳам қатъ намешуд. Хулоса, Момотаро, ки саг, бӯзина ва товусро ба хидмат гирифта буд, дар ин сегона ёварони боэътимод пайдо кардан натавонист.

Илова бар ин бӯзина, ки шикамаш ба дард омада буд, ногаҳон исён кард. Вай изҳор дошт, ки бояд хеле амиқ фикр бикунад, ки оё ними нони арзан кирои он дорад, ки Момотароро дар юриши Онигасима ҳамроҳӣ кунад. Саг акосзанон ба бӯзина ҳамла овард ва андак монда буд, ки даронда партоядаш. Агар товус сагро нигоҳ намедошт, бӯзина, эҳтимол ҳамин ҳоло, дар ҷо мемурд ва то рӯзе, ки харчанг аз ӯ интиқом кашид, намерасид. Вале товус ба навъе сагро ором кард ва ба бӯзина усули вафодорӣ омӯзондан гирифт ва талқин намудан гирифт, ки ба фармонҳои Момотаро гӯш бидиҳад. Вале бӯзина аз дандонҳои саг халос шуда, ба дарахти канори роҳ баромад ва ҳеч эътиное ба панду андарзи товус накард. Ва ниҳоят фақат аз баракати маҳорати Момотаро гардан фуроварду ба поин фуромад. Момотаро худро бо бодбизане, ки дар он хуршеди дар ҳоли тулуъ нақш шуда буд, бод зада ва ба ӯ нигариста, оромона гуфт:

– Бошад, агар намехоҳӣ, бо ман наё. Вале вақте ки Онигасимаро фатҳ мекунем, ту саҳми худро аз ҷавоҳирот намегирӣ.

Чашмони бӯзинаи ҳарис калон боз шуданд:

– Ҷавоҳирот? Магар Онигасима ҷавоҳирот дорад?

– Албатта, чӣ ҷойи сухан? Он ҷо як ганҷи аҷиби хурдакаке ҳаст – чакуши саодат меноманд – як бор кӯфтани он кофист, ки ҳарчи бихоҳӣ, ҳозир бишавад.

– Пас бо ёрии ин чакуш мо метавонем ҳар қадар ки бихоҳем, чунин чакушҳо пайдо бикунем ва ҳар кадоми мо ҳарчиро, ки хостем соҳиб мешавем. Хеле хуб аст. Илтимос, маро ҳамроҳ бигиред.

Момотаро дар мушояати саг, бӯзина ва товус боз роҳ пеш гирифт, то ки ҳарчи зудтар Онигасимаро фатҳ бикунад.

**3**

Онигасима – ҷазираест, ки хеле дур, дар кадом як гӯшаи бахр воқеъ шудааст. Вале ин ҷазира, чунонки одамон гумон доштанд, фақат аз шаху сахраҳои урён иборат набуд. Дар асл ин ҷазира гӯшаи биҳиштосои зебое буд, ки дар он дарахтони нахли норҷил руста ва мурғони биҳиштӣ чаҳчаҳа мезаданд. Шайтонҳое, ки дар чунин биҳишт зода шуда буданд, албатта, бештар аз ҳама дар олам зиндагии осоиштаро дӯст медоштанд. Ва ё беҳтар аст чунин бигӯем: онҳое, ки шайтонашон меномиданд, нажоде буданд, ки дар фазои саодату хушбахтии хеле бештар аз он ки ба одамон насиб шуда буд, парвариш ёфта буданд. Шайтонҳое, ки дар достони раҳой аз кӯзаи пушт аз онҳо ҳикоят шудааст, шаби дароз мерақсиданд. Шайтонҳое, ки достони роҳиби кӯчак қиссаи онҳост, низ бехабар аз хатари камингирифта духтарони равона ба сӯи маъбадро тамошо мекарданд. Сютэн-додзи, ки дар кӯҳҳои Оэяма роҳзанӣ мекард, ё Ибараги-додзи, ки назди дарвозаи Расёмон

дуздӣ мекард, нобакорони ашаддӣ маҳсуб мешуданд. Вале шояд Ибараги-додзи хеле сахт ҷодаи Судзакаро дӯст медорад, ончунонки мо Гиндзаро хуш дорем, ва ба ин сабаб гоҳу ногоҳ дар назди дарвозаи Расёмон, ки дар ин ҷода воқеъ аст, пайдо мешавад? Сютэн-додзи ҳам, ман ба ин амр итминон дорам, дар кадом як ғори кӯҳи Оэяма арақ хӯрда менишаст. Ва овозаҳоеро, ки вай занонро медуздид (дар бораи ин ки ростанд ё дурӯғ чизе намегӯям) худи занон паҳн мекарданд. Аммо ба ин амр, ки оё занон воқеан ҳамеша дар бораи худ гапи рост мегӯянд, ман, инак бист сол аст, ки шубҳа дорам. Ва аммо дар иртибот бо Райко ва чаҳор қаҳрамони машҳур – шояд асли сухан фақат ин аст, ки онҳо нисбат ба занон майли беинтиҳо доштанду бас.

Шайтонҳо дар буттазорҳои анбӯҳи тропикӣ кото менавохтанду мерақсиданд, ашъори шоирони қадимро мехонданд, хулоса айём дар оромишу осоиш ба сар мебурданд. Занону духтарони шайтонҳо порча мебофтанд, сакэ мепухтанд, гулчанбар месохтанд, хулоса чунон мезистанд, ки занону духтарони мо. Аҷинаҳои пири дандонрехта наберагонашонро нигоҳубин мекарданд ва ба онҳо дар хусуси он ки мо одамон чӣ қадар даҳшатовар ҳастем, ҳикоятҳо нақл мекарданд.

– Агар худсариву нофармонӣ кунед, шуморо ба Ҷазираи Одамон мефиристанд. Ҳамаи шайтонҳоеро, ки ба Ҷазираи Одамон меуфтанд, ҳатман мекушанд, чунонки дар замонҳои қадим Сютэн-додзиро кушта буданд. Чӣ? Одамон кистанд? Одамон – ҷонварони даҳшатовар ҳастанд, шох надоранд, дастону пойҳои сафед доранд. Занони онҳо ба чеҳра, дасту пойи худ ранги сафед мемоланд. Аз ҳамин қадар ҳам мешавад фаҳмид, ки онҳо кистанд. Мардону занони одамон пайваста дурӯғ мегӯянд, онҳо ҳарис, бахил, бадрашк, худписанданд, дӯстон ва ҳаммаслакони худро мекушанд, хонаҳоро месӯзонанд, дуздӣ мекунанд, тамоман ҷоҳиланд…

## 4

Момотаро ба дили шайтонҳои маъсуму бегуноҳ он қадар тарсу даҳшат афканд, ки онон аз замони бунёди кишварашон аслан эҳсос накарда буданд. Шайтонҳо «Одам! Одам!» гӯён доду фарёд карда, ба чаҳор тараф пароканда шуданд. Момотаро дирафши бо тасвири шафтолу ва бодбизани бо нақши хуршеди дар ҳоли тулуъро ба ин тарафу он тараф алвонҷ дода, ба ходимони худ –сагу бӯзинаву товус фармон медод:

– Ба пеш! Ба пеш! Ҳамаи шайтонҳоро то нафари охирин маҳв мекунем.

Сагу бӯзинаву товус, ончунонки медонем, хидматгузорони он қадар таърифӣ набуданд. Вале, лозим ба таъкид аст, ки дар саросари ҷаҳон сарбозе ҷасуртар аз ҳайвони гурусна наметавон пайдо кард. Онҳо чун тӯфон ба шайтонҳои дар ҳоли фирор ҳуҷум оварданд. Саг бо ашкони неруманди худ шайтонҷавонҳоро мехоиду медарид. Товус бо минқори тези худ шайтонбачаҳоро мекушт. Бӯзина – вай монанди одам аст – қабл аз он ки аҷиназанҳои ҷавонро бикушад, таҷовузашон мекард.

Пас аз он ки ҳамаи ҷиноятҳои маъруфу номаъруф содир шуд, шоҳ ва чанд тан аз шайтонҳои зиндамонда худро ба паноҳи лутфи Момотаро таслим карданд. Вале оё Момотаро дар воқеъ метавонист аз пирӯзии худ лаззат бибарад? Онигасима дигар он биҳиште набуд, ки то дирӯз буд ва дар шохи дарахтонаш мурғони биҳиштӣ чаҳчаҳа мезаданд. Нахлистон пур аз аҷсоди шайтони кушта буд. Момотаро дар мушоияти се хидматгузораш, дирафши дасташро ба чапу рост алвонҷ дода, ба назди шоҳ, ки зону зада ва сари таъзим фуруд оварда буд, берун омад ва иброз дошт:

– Бо эҳсоси ҳамдардӣ ба шумо зиндагӣ эҳдо мекунам. Вале дар бадали ин шумо бояд ҳамаи ганҷу сар-

ватҳои Онигасимаро якто намонда ба ман таслим кунед.

– Мувофиқем, меоварем….

– Ғайр аз ин, шумо ба унвони гаравгон фарзандонатонро ба ман месупоред.

– Фармонбардорем…

Шоҳи шайтон боз сар ба замин гузошт ва ҳаросон ба Момотаро рӯй овард:

– Мо медонем, ки сазои таҳқир карданамон шуморо кашидем. Вале на ман, на шайтонҷазираи мо – Онигасима ҳеч тасаввуре надорем, ки чӣ таҳқире нисбат ба шумо аз мо содир шуда. Оё илтифот карда намегӯед, ки мо шуморо чӣ таҳқире кардем?

Момотаро хунсардона сар ҷунбонд:

– Беҳтарини жопуниҳо Момотаро се нафар хидматгузор истихдом кард: сагу бӯзинаву товус – ва ба ин сабаб биёмад, то Онигасимаро фатҳ кунад.

– Фаҳмидем. Аммо чаро шумо ин се ходимро истихдом кардед?

– Ман чанд сол пеш тасмим гирифта будам Онигасимаро фатҳ кунам ва ба ин сабаб ба ивази нони арзан хидматгузоронро истихдом намудам. Чӣ тавр? Агар бигӯӣ, ки ҳоло ҳам нафаҳмидаӣ, ман ҳамаатонро мекушам.

Шоҳи шайтонҳо тарсид, худро чанд қадам дуртар гирифт ва ба таъзим пушт дуто кард.

## 5

Беҳтарини жопуниҳо – Момотаро ва хидматгузорони ӯ – сагу бӯзинаву товус гардунаҳои пур аз ҷавоҳиротро ба гардани шайтонбачаҳо бастанд ва бо ҷалолу ҳишмат роҳи ватан пеш гирифтанд… Инро ҳар бачаи жопунӣ ба хубӣ медонад. Бо ин ҳол зиндагии Момотаро бо саодат ёр набуд. Шайтонбачаҳо ҷуръат пайдо

карда, товусро, ки посбонашон буд, куштанд ва ба Онигасима гурехтанд. Вале агар фақат гурехта буданд, чандон гапе буд. Шайтонҳои бозмонда дар ҷазира гоҳе баҳрро убур карда меомаданд ва гоҳе талош мекарданд Момотароро ҳини хобаш бикушанд ва гоҳе кохашро оташ мезаданд. Ба ҳар сурат, бӯзинаро, чунонки мегӯянд, иштибоҳан кушта буданд. Вақте хабари нохуши навбатиро ба самъи муборакаш мерасониданд, Момотаро оҳи амиқе мекашид.

– Ба ростӣ, ки аз ин шайтонҳои интиқомхоҳ ба сутӯҳ омадам.

Саг ба чеҳраи ғамини Момотаро нигариста, бо ҳамдардӣ менолид:

– Дар воқеъ нобакоранд, – меҳрубонии хоҷаро, ки ба онҳо зиндагӣ эҳдо карда буд, зуд фаромӯш карданд.

Аммо дар ин вақт дар соҳили Онигасима шайтонҳои ҷавон бо истифода аз нури равшани моҳи минтақаи гармсер аз ҳастаҳои норҷил бумб месохтанд, то ба истиқлоли ҷазираи худ ноил шаванд. Онҳо ҳатто ишқи аҷинадухтарҳои моҳлиқоро фаромӯш карда буданд ва чашмони бузурги андӯҳгинашонро дурахшонида, хомӯш кор мекарданд….

Дар иртифоъи кӯҳҳо, андар дараи касногузару аз чашми одамон ниҳон, чун дар замони бостон дарахти азими шафтолу, ки шохаҳояш абрҳоро мебӯсанд ва саросар ғарқи мева аст, қад афроштааст. Чунонки медонем, танҳо як меваи он ба рӯди кӯҳӣ уфтода ба кишвари одамон шиновар шуд, ки андарунаш Момотаро буд. Вале андаруни меваҳои дарахти азим хеле зиёд қаҳрамонони оянда хуфтаанд. Зоғи бузурги муқаддас боз кай ба шохи дарахти шафтолу фурӯ хоҳад нишаст? Бале, андаруни меваҳои дарахти азими шафтолу хеле зиёд қаҳрамонони оянда хуфтаанд…

*Июли 1924*

# ДЗЮРИАНО КИТИСКЭ

## 1

Дзюриано Китискэ аз аҳолии рустои Уракамии шаҳристони Сонокии музофоти Хидзэн буд. Вай хеле барвақт аз падару модар ятим монда, аз хурдсолӣ ба хидматгории марди маҳаллӣ Отон Сабуродзи истихдом шуд. Аммо, азбаски аз модар гоҷу гаранг ба дунё омада буд, ҳамеша мавриди хандахариш ва масхараи рафиқонаш қарор мегирифт, ки ӯро чун ҳайвон азият медоданд ва маҷбур мекарданд, сахттарин корҳоро анҷом бидиҳад.

Ин Китискэ дар синни ҳаждаҳ-нуздаҳсолагӣ ба духтари ягонаи Сабуродзи – Канэ ошиқ шуд. Канэ, албатта, ба эҳсосоти хидматгор аслан таваҷҷуҳ накард. Барсарӣ рафиқони бераҳмаш, ки зуд ҳама чизро пай мебурданд, боз бештар ӯро масхара кардан гирифтанд. Китискэ, бо вуҷуди гоҷию гарангиаш, зоҳиран ба ин азиятҳо тоб наёвард ва боре шабона, бесадо аз хонае, ки барояш худӣ шуда буд, гурехт.

Аз он пас дар муддати се сол аз Китискэ ҳеч хату хабаре набуд.

Вале баъд вай дар кисвати дарвешон бори дигар ба рустои Ураками баргашт. Ва боз ба хидматгории хонаи Сабуродзи пазируфта шуд. Акнун ӯ таҳқиру истеҳзои рафиқонашро ба дил намегирифт ва тамоми нерую талошашро сарфи кор мекард. Ба духтари арбобаш Канэ мисли саг вафодор буд. Канэ шавҳар карда буд ва ҳамроҳи шӯяш зиндагии хушбахтона доштанд.

Ҳамин тавр, бидуни воқиае тақрибан ду сол сипарӣ гардид. Аммо дар ин муддат рафиқонаш ба рафтори Китискэ машкук шуданд. Бар асари кунҷковӣ бодиққат пайгирӣ кардандаш. Ва дар воқеъ диданд, ки вай саҳару бегоҳ ба пешониаш салиб мекашад ва зери лаб дуо ме-

хонад. Онҳо филфавр ба арбоб хабар бурданд. Субуродзи, зоҳиран аз оқибати нохуши ин кор барои худ андешид ва ҳамон дам Китискэро ба бинои идораи рустои Уракамӣ гусел кард.

Вақте ки посбонон ӯро ба зиндони Нагасак мебурданд, Китискэ ҳеч нишонаи тарс зоҳир накард. Не, баръакс чунонки ривоят мекунанд, чеҳраи аҳмақонаи Китискэ дар ин вақт онқадар шукуҳ дошт, ки гумон мебурдӣ аз нури осмонӣ мунаввар шудааст.

## 2

Китискэ, чун ба назди додрас овардандаш, ошкоро иқрор кард, ки ба фирқаи масеҳӣ гаравидааст. Пас дар байни ӯ ва додрас чунин гуфтугӯйе радду бадал шуд.

Додрас. Худоҳои мазҳаби ту чӣ ном доранд?

Китискэ. Шоҳзодаи кишвари Бэрэн[1] Эсу Киристо-сама[2], боз шоҳзодахонуми кишвари ҳамсоя Санта-Мария-сама.

Додрас. Онҳо чӣ гунаанд?

Китискэ. Эсу Киристо, ки ба хоби мо меояд, ҷавони зебоест, ки офурисодэи бунафш бар тан дорад. Шоҳдухтар Санта-Мария каидории[3] зардӯзию симдӯзӣ мепӯшад.

Додрас. Ба чӣ далел онҳо худои ин мазҳаб шудаанд?

---

[1] Таҳрифи исми потугалии Belem, ки ҳамон Вифлеем аст.

[2] Исои Масеҳ. Сама – пасванди эҳтиром. Масеҳият ба Жопун дар нимаи дувуми қарни XYI ворид шуда буд, вале пас аз муддате, дар соли 1587 мамнуъ гардид ва масеҳиён мавриди таъқиб қарор гирифтанд. Азбаски мубаллиғони масеҳият ағлаб португолиҳо (камтар испониҳо) буданд, бисёр исмҳои урупоӣ ва мафҳумҳои мазҳабӣ аз забони португолӣ мутобиқ бо талаффузи жопунӣ ба забони масеҳиёни Жопун ворид гардид.

[3] Офурисодэ ва каидори – либосҳои қадимии ашрофи Жопун.

Китискэ. Эсу Киристо-сама ба шоҳдухтар Санта-Мария ошиқ шуд, аз шиддати ин ишқ мурд ва ба ин сабаб худо шуд, чунки хост касонеро ки мисли худаш азоб мекашанд, наҷот бидиҳад.

Додрас. Ту дар куҷо ва аз кӣ ин таълимотро пазируфтӣ?

Китискэ. Ман се соли дароз дар ҳар ҷо ки рост ояд, мегаштам. Баъд дар соҳили баҳр як марди ношиноси мӯйзард маро ҳидоят кард.

Додрас. Ҳангоми пазируфтани ту чи ойине анҷом шуд?

Китискэ. Ман оби муқаддас қабул кардам ва Дзюриано ном гирифтам.

Додрас. Баъд он марди мӯйзард куҷо рафт?

Китискэ. Ин хеле аҷиб аст. Вай ба даруни амвоҷи об даромаду намедонам, ба куҷо ғайб зад.

Додрас. Умрат ба охир мерасад, вале афсона мегӯйӣ?! Эҳтиёт бош, ки ҳолат бад мешавад.

Китискэ. Ман дурӯғ намегӯям. Ҳамааш рост.

Суханони Китискэ ба назари додрас аҷибу ғариб намуданд. Он чӣ ӯ гуфт, бо гуфтаҳои масеҳиёне, ки додрас қаблан бозпурсӣ карда буд, комилан тафовут дошт. Аммо вай ҳар қадар ҷиддан пурсуҷӯ карда бошад, ҳам Китискэ боисрор гуфтаҳои қаблиашро такрор ва таъкид мекард.

## 3

Мутобиқи қонунҳои кишвар Дзюриано Китискэ ниҳоятан маҳкум ба маслуб кардан шуд[1].

[1] Дар қарни XYII дар Жопун гаравидагони ба ойини масеҳиро аз тариқи маслуб кардан ба куштан маҳкум мекарданд, ончунонки кишоварзони исёниро маслуб менамуданд, аз ин рӯ, ин муҷозот рабте бо суннати масеҳиён надорад.

Дар рӯзи муқарраршуда ӯро дар кӯчаҳои шаҳр гардониданд ва баъд дар қатлгоҳ бераҳмона ба салиб мехкӯб кардандаш. Салиб дар миёни девори бамбукӣ ба осмон қад кашида буд. Китискэ рӯй ба осмон оварда ва бо садои баланд дуо хонда, бебокона зарбаи найзаҳои ҷаллодонро таҳаммул мекард. Вақте ки ӯ ба дуо хондан шуруъ кард, болои сари ӯ дар осмон абрҳои сиёҳ падид омаданд ва борони сахте ба қатлгоҳ фурӯ борид. Чун осмон бори дигар рӯшан шуд, Дзюриано Китискэи маслуб ҷон дода буд. Вале ба назари онҳое, ки дар паси девор истода буданд, чунин расид, ки ҳанӯз садои ӯ, ки дуо мехонад, ба атроф пахш мешавад. Ин дуо хеле сода ва мухтасар буд: «О шоҳзодаи кишвари Бэрэн, куҷоӣ ту акнун? Шараф ба ту!»

Вақте ки ҷанозаи ӯро аз салиб фуруд оварданд, ҷаллодон ба ҳайрат уфтоданд: колбади ӯ бӯйи хуше медод. Ва аз даҳонаш нулуфар руста буд, ки гулбаргҳои сафеду тозааш чашм мерабуданд.

Чунин аст зиндагии Дзюриано Китискэ, ки аз "Нагасаки-темонсю", "Коке-идзи", "Кэйкохайсекудан"[1] ва рисолаҳои дигар иқтибос шуд. Аз миёни ҳамаи азияткашидагони жопунии роҳи мазҳаб зиндагии ин аблаҳи муқаддас[2] бароям писандидатар аст.

---

[1] Ҳамаи ин номҳо ҳосили тахайюли нависанда ҳастанд.

[2] Аблаҳи муқаддас – тарҷумаи таҳтуллафзи "Heiliges Narr"; ки аз намоишнома ба операи Р. Вагнер иқтибос шудааст.

# БИНӢ

Дар мавриди бинии роҳиб Дзенти дар Икэноо ҳама кас медонист. Ин бинӣ панҷ-шаш сун тӯл дошт ва аз болои лабҳо фурӯ хамида, то поёни манаҳ авезон буд ва афзун бар ин, ғафсиаш аз асос то нӯг ҳеч тафовут надошт. Ва ин бинии дарози булаҷаб мисли ҳасиб дар миёнаи чеҳра қарор гирифта буд.

Роҳиб беш аз панҷоҳ сол дошт ва аз замони дуре, ки тарки дунё кард, то рӯзҳои мо ки ба мақоми найдодзёгубу[1] расида буд, пайваста андуҳу ғами бинии худро дар дил дошт. Албатта, ҳоло ҳам ӯ вонамуд мекард, ки аз ин ходаи васати чеҳра ҳеч парво надорад. Ва сухан на фақат дар он буд, ки вай хӯрдани ғаму андуҳи биниро барои мақоми руҳонӣ, ки бояст тамоми зикру ёдаш машғули зиндагии оянда дар канори буддо Амида[2] бошад, номуносиб мешумурд. Вай бештар аз он ғам мехӯрд, мабод касе пай бибарад, ки биниаш чӣ қадар ӯро ба сутуҳ овардааст. Ҳангоми суҳбатҳои ҳаррӯза ӯ бештар аз он метарсид, ки мабод аз бинӣ сухан ба миён ояд.

Ва аммо роҳиб аз бинии худ ба ду сабаб азоб мекашид.

Аввалан, бинии дароз муҷиби мушкилоти зиндагии рӯзмарра мешуд. Масалан, роҳиб наметавонист мустақилона ғизо бихӯрад. Агар ӯ бидуни ёрии нафаре хӯрок мехӯрд, нӯги биниаш ба косаи ғизо фурӯ мерафт. Аз ин рӯ, ҳангоми ғизохӯрӣ роҳибро лозим меомад яке аз шогирдонро паси миз дар муқобили худ бинишонад, то ки ӯ ба воситаи тахтачаи вежае ба андозаи як сун бар ва ду

---

[1] Найдодзёгубу – мақоми роҳибе, ки дар ибодатгоҳи дарборӣ ифои вазифа мекард.

[2] Буддо Амида (санскритии Амитабха) – аз муътабартарин буддоҳое, ки дар Жопун парастиш мешавад.

сун дарозӣ бинии ӯро нигоҳ дорад. Ба чунин минвол ғизо хӯрдан ҳам барои шогирд ва ҳам барои устод кори содае набуд. Боре ба ҷойи шогирд писараки мустахдими дайр биниро нигоҳ медошт. Вай ҳини ғизо хӯрдан ногаҳон атса зад, дасташ ларзид ва бинӣ ба даруни косаи шавла уфтод. Овозаи ин воқиа ҳамон вақт то ба пойтахт расида буд… Бо ин ҳол, на ин амр сабаби асосии ғуссаи хӯрдани роҳиб барои биниаш буд. Сабаби аслӣ ғурури таҳқиршудаи ӯ буд.

Мардуми Икэноо мегуфтанд, ки роҳиб Дзэнти бо бинние, ки дорад, бояд шукр бигӯяд, ки роҳиб аст, вагарна, ба ақидаи онҳо ба гумон буд зане пайдо бишавад, ки розӣ бишавад завҷаи ӯ бошад. Баъзе бадзабонҳо ҳатто итминон доштанд, ки вай маҳз ба сабаби бинии бузургаш тарки дунё кардааст. Аммо худи роҳиб итминон дошт, ки мутааллиқ буданаш ба табақаи руҳонӣ андаке ҳам бошад азияти ӯро аз бинӣ коҳиш медиҳад. Ғурури ӯ аз таъсири мулоҳизоте мисли издивоҷ сахт садама медид. Бад-ин сабаб буд, ки талош мекард ҷороҳатҳои ғурури худро бо васоили фаъол ва ғайри фаъол мудово кунад.

Аввалан, роҳиб шеваҳоеро меҷуст, то биниаш аз он ки ҳаст, кӯтоҳтар ба назар бирасад. Вақтҳое ки дар наздикӣ касе набуд, вай то хаста шудан ба ҳар тараф гардан тофта, ба ин самту он самт гардида чеҳраи худро менигарист. Вале ҳар қадар, ки гардан метофт, дилаш таскин намеёфт ва ӯ бо исрор ба оина нигоҳ дӯхта, гоҳе лунҷҳояшро бо кафи дастон боло мебардошт ва гоҳ ангуштонашро зери занах мегузошт. Вале ҳеч боре муяссар намешуд биниашро чунон кӯтоҳ бибинад, ки ҳадди ақалл худашро таскин бибахшад. Ва ҳар қадар бори андуҳ дар дилаш бештар вазн меовард, бинӣ ба назараш бузургтар менамуд. Пас роҳиб оинаро андаруни сандуқ мегузошт, оҳи амиқтар аз қабл мекашид ва

бо дили нохоҳам ба ҷойи аввали худ, ба сари лавҳи китоб бармегашт, то сутрае аз «Каннон-кё»[1] бихонад.

Роҳиб пайваста дар фикри бинии дигарон буд. Маъбади Икэноо аз маъбадҳое буд, ки дар онҳо пайваста маросимҳои пазируфтан ба роҳибӣ баргузор мешаванд, мавъизаҳо хонда мешаванд ва ғайра. Дар қисмати дарунии маъбад ҳуҷраҳои зиёд сохта буданд, дар гармобаҳои маъбад ҳар рӯз об гарм мекарданд. Маъбад ҳамарӯза пур аз одам – роҳибону шаҳриён буд. Роҳиб бидуни хастагӣ ба чеҳраи ин одамон менигарист. Вай умед дошт ҳадди ақалл як нафареро пайдо бикунад, ки биниаш шабеҳи бинии худаш бошад, дар ин ҳол дили ӯ таскин меёфт. Аз ин рӯ чашмони ӯ на нимчаҳои кабудро медид, на кимоноҳои сафедро ва кулоҳҳои қаҳваии шаҳриён ва либосҳои хокистарии руҳониёнончунон барояш маъмулӣ шуда буданд, ки гӯӣ аслан вуҷуд надоштанд. Роҳиб одамонро намедид, вай фақат бинӣ медид. Вале дар беҳтарин ҳол ҳам биниҳо каҷу фурӯхамида буданд, бинии шабеҳи бинии худро ҳеч пайдо намекард. Ва бо гузашти ҳар рӯз бештар руҳафтодаву афсурда мешуд. Ҳангоми суҳбат бо ину он вай ғайриихтиёр бо ангуштон нӯги бинии ҷунбонашро мемолид ва ҳар бор мисли кӯдаке, ки ҳангоми беадабие ба даст уфтода бошад, суп-сурх мешуд.

Ниҳоят барои он ки каме ҳам бошад таскин ёбад, вай дар ҷустуҷӯйи шахсиятҳое, ки бинии мушобеҳ бо бинии худаш доранд, китобҳои мазҳабию дунявиро варақ мегардонду мутолиа мекард. Аммо дар ҳеч китоби муқаддасе пайдо накард, ки Мандгалаяна ё Шарипутра бинии дароз дошта бошанд. Нагарҷуна ва Асваг-

[1] «Каннон-кё» – яке аз қисмҳои «Сутраи нилуфари муқаддас», ки ба бодисатва Каннон бахшида шудааст.

хоша низ, албатта, авлиёе буданд бо бинии маъмулӣ[1]. Боре ҳини суҳбат аз вақоеъи Чин шунид, ки гӯё ҳокими Шухан Лю Сюандэ[2] гӯшҳои дароз доштааст ва ӯ аз дил гузаронд, ки агар ин ҳоким бинии дароз дошта буд, вай ба чи ҳад камтар танҳоии худро эҳсос мекард.

Албатта, пайдост, ки роҳиб дар баробари шеваҳои ғайрифаъъол аз шеваҳои фаъъоли таъсир ба биниаш низ истифода мекард. Дар ин маврид низ ӯ ҳар кореро, ки аз дасташ бармеомад, анҷом дод. Вай оби кадуи сӯхтаро хӯрд. Ба бинӣ молидани мезаки мушро ҳам таҷриба кард. Вале ҳар кор ҳам ки мекард, бинӣ ҳамчунон чун ҳасиби шашсунӣ аз болои лабҳо авезон меистод.

Ва инак боре тирамоҳ яке аз шогирдони роҳиб, ки бо супориши ӯ ба пойтахт рафта буд, дар он ҷо аз дӯсти табибаш шеваи нави кӯтоҳ кардани бинии дарозро фаҳмид. Ин табиб дар замони худ ба Чин рафта буд ва пас аз бозгашт дар мақоми руҳонии назди тандиси буддо дар маъбади Тёраку ифои вазифа мекард.

Роҳиб, тавре ки гумон мерафт, чунон вонамуд кард, ки мавзуи бинӣ аслан барояш бетафовут аст ва ҳатто як даҳон ишорае накард, ки мехоҳад филфавр шеваи навро таҷриба бикунад. Аз ҷониби дигар, гӯйӣ дар омади гап, изҳор дошт, ки барояш ҳар бори ғизо хӯрдан нороҳат кардани шогирд мaлоловар аст. Вай интизор дошт, ки шогирд ҳаройина ӯро ба таҷриба кардани ин шева талқин хоҳад кард. Ва шогирд ҳиллаи роҳибро хеле хуб фаҳмид. Ва агарчи ин ҳилла барояш хушоянд набуд, вай бештар аз он аз эҳсосе, ки роҳибро маҷбур карда буданд даст ба чунин ҳилла бизанад, мутассир гардид

---

[1] Мандгалаяна ва Шарипутра– шогирдони Буддо;. Нагарҷуна – бунёдгузори Маҳаяна, тариқати асосии ойини буддоӣ; Асвагхоша – воизи буддоӣ, муаллифи номаи «Зиндагонии Буддо».

[2] Шухан – яке аз қисмати Чини бостон; Лю Сюандэ (160-213) – писари хоқон, сарлашкар.

ва ба ӯ раҳмаш омад. Ва чунонки роҳиб интизор дошт, шогирд самимона ва аз таҳти дил таҷриба кардани шеваи навро ба ӯ талқин намуд ва дар ниҳоят розиаш кард.

Ва аммо бояд гуфт ин шева хеле сода буд: биниро бояд дар оби ҷӯш нарм мекарданд ва муддате зери пой мекӯфтанд.

Дар гармобаҳои маъбад ҳамарӯза об гарм мекарданд. Шогирд рафту дар чобае оби ҷӯш овард. Об он қадар ҷӯш буд, ки ҳатто ангуштро ба он фурӯ бурдан намешуд. Биниро мустақиман ба чоба фурӯ бурдан хатар дошт, бухори оби ҷӯш рухсораро месӯзонд. Бад-ин сабаб ба натиҷа расиданд, ки зарфи чӯбиеро сӯрох кунанд, бо ин зарф чобаро бипӯшанд ва биниро аз тариқи ин сӯрохӣ ба оби ҷӯш фурӯ баранд. Вақте ки роҳиб биниро ба оби ҷӯш фурӯ бурд, ҳеч дарде эҳсос накард. Муддате гузашту шогирд гуфт:

– Акнун ба таври кофӣ пухт.

Роҳиб лабханде талх кард. Вай аз дил гузаронд, ки агар касе ин гуфтаро бифаҳмад, ҳеч ба дилаш хутур ҳам намекунад, ки сухан аз бинӣ аст. Аммо бинӣ, бухорхӯрда, мисли он ки пашшаҳо газида бошандаш, месӯхт.

Роҳиб биниро аз сӯрох берун кашид. Шогирд пойҳояшро болои бинӣ, ки ҳанӯз ҳавр аз он бармехост, гузошт ва онро ба тамоми қувват лагадкӯб кардан гирифт. Вай ҳар гоҳе бо раҳму шафақат ба сари бемӯйи роҳиб менигаристу баъд мепурсид:

– Дардовар нест? Табиб таъкид кард, ки ҳарчи сахттар лагадкӯб карда шавад. Дард намекунад?

Роҳиб хост ба нишони он ки дардовар нест, сар ҷунбонад. Вале пойҳои шогирд рӯйи бинии ӯ қарор доштанд ва сар имкон надошт биҷунбад. Пас ӯ чашм бардошт ва ба кафи пойҳои аз сардиҳо кафидаи шогирд нигариста, бо садои қаҳролуд гуфт:

– Не, дард намекунад.

Ва воқеан пойкӯбии бинии сӯзон дар қалби роҳиб на дард, ки эҳсоси хуше эҷод мекард.

Пас аз муддате дар бинӣ донаҳое шабеҳи донаи арзан пайдо шудан гирифтанд. Дуруст мисли ин ки вақти пухтан дар мурғи парканда падид меоянд. Шогирд, чун инро дид, аз болои бинӣ фуромад ва зери лаб гуфт:

– Гуфта буд, ки бояд ин ҳубобчаҳо бо мӯйчинак гирифта шаванд.

Роҳиб, норозӣ абру чин намуд ва хомӯш мувофиқат кард. Албатта, сабаби норизоӣ на ин буд, ки намефаҳмид шогирд ба ӯ некӣ мехоҳад. На, ба хубӣ мефаҳмид, вале барояш нохушоянд буд, ки ба бинии ӯ мисли як чизи бегона муносибат мекунанд. Ва ӯ бо қиёфаи беморе, ки пизишки ғайри қобили эътимод амал мекунадаш, бо кароҳат мушоҳида мекард, ки чӣ тавр шогирд бо мӯйчинак аз биниаш пораҳои равғанро берун мекашад. Пораҳои равған шакли шохчаҳое аз пари мурғро доштанд ва дарозиашон тақрибан чаҳор бу[1] буд.

Чун ин амал ба охир расид, шогирд бо сабукӣ гуфт:

– Акнун як бори дигар меҷӯшонем.

Роҳиб боз бо ҳамон қиёфаи норозӣ чунон кард, ки шогирд фармуд. Ва чун бинии бори дигар бухорхӯрда аз чалак берун оварда шуд, диданд, ки вай хеле кӯтоҳ шудааст. Акнун ин бинӣ аз биниҳои маъмулии каҷу уқобӣ ҳеч тафовуте надошт. Роҳиб ин бинии кӯтоҳшударо ламс карда, бо изтироб ва эҳсоси хиҷолат ба оина, ки шогирдаш оварда буд, нигарист.

Бинӣ, ҳамон биние, ки замоне то манаҳ авезон буд, ба таври боварнакарданӣ фишурда шуда ва акнун бо тавозуъ ба ҷойи то лаби боло қаноат карда буд. Дар баъзе ҷойҳо лаккаҳои сурх ба назар мерасиданд, ки эҳтимолан пайи пойи шогирд буд. Аммо акнун касе ба

---

[1] Бу – воҳиди тӯл, баробари 3 мм

ӯ намехандад.... Чеҳраи даруни ойина ба роҳиб менигарист ва қаноатманд чашмак мезад.

Дуруст, ки роҳиб метарсид, пас аз як-ду рӯзи дигар бинӣ боз бузург мешавад. Дар ҳар мавриди мувофиқ, хоҳ ҳангоми хондани китобҳои муқаддас ва ё ҳини хӯрокхӯрӣ, вай лаҳза ба лаҳза даст мебардошту дуздида нӯги биниашро ламс мекард. Вале бинӣ ба таври шоиста болотар аз лаб меистод ва ба эҳтимоли қавӣ, чандон майл надошт поинтар фурӯ ояд. Рӯзи дигар роҳиб субҳи зуд аз хоб бедор шуда, пеш аз ҳама бо ангуштон биниро ламс кард. Бинӣ ҳанӯз ҳам кӯтоҳ буд. Ва роҳиб худро хеле сабук ва фориғ эҳсос кард, ангор кори чандинсолаи рӯйнависи «Сутраи нилуфари муқаддас»-ро ба итмом расонида буд.

Лекин ҳанӯз ду-се рӯз нагузашта роҳиб кашфиёти ғайримунтазирае кард. Самурайе, ки дар ин вақт барои коре ба маъбади Икэноо ташриф оварда буд, чашм аз бинии ӯ намеканд ва дар ин ҳол бо вай сари суҳбат ҳам намепайваст ва қиёфаи тамасхуромез дошт. Барсарӣ писари хидматкор, ҳамоне, ки замоне бинии ӯро ба косаи шавла уфтонда буд, дар наздикии толоре, ки маҳалли мавъизаю таълим буд, аз канори ӯ гузашта, дар ибтидо ба поин, ба замин нигарист, зоҳиран худро ба душворӣ аз хандидан бозмедошт, аммо баъд, худро дошта натавонисту хандид. Чанд бор, ба роҳибони коргар супоришҳо дода, вай мушоҳида кард, ки онҳо танҳо дар назди ӯ эҳтиромашро ба ҷой меоваранд, вале баробари сар баргардондани ӯ, ба ханда медароянд.

Дар оғоз роҳиб ин ҳамаро марбут ба тағйири қиёфаи худ донист. Вале ин тафсир қонеъкунанда набуд.... Албатта, роҳибони коргар ва хидматгор маҳз ба ҳамин сабаб механдиданд. Аммо, агарчи онҳо айнан мисли пештара механдиданд, ин ханда акнун аз хандаҳои замоне, ки бинӣ дароз буд, тафовут дошт. Эҳтимол, бинии ғайримаъмул кӯтоҳ нисбат ба бинии ғайримаъмул

дароз хандаовартар ба назар мерасид. Вале ҷуз ин, зоҳиран боз сабаби дигаре низ буд.

Роҳиб гоҳе сар аз мутолиаи китоби муқаддас мебардошту сари бемӯяшро ба ҷонибе хам карда, зери лаб ғур-ғур мекард:

– Онҳо ҳеч гоҳ қаблан чунин густохона намехандиданд.

Дар ин ҳол роҳиби мо хотирпарешон ба тасвири Вишвабхарда[1], ки дар канораш овехта буданд, менигаристу ба ёд меовард, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш биниаш чӣ қадар дароз буд ва маъюсона фикр мекард: «Ҳоло ман одами ногаҳон фақиршударо мемонам, ки шукуҳу ҳишмати пешинаашро пинҳон медорад...» Мутаассифона, роҳиб ба қадри кофӣ зирак набуд, то бифаҳмад асли ҳарф чист.

... Қалби инсон маъвои ду эҳсоси мухолиф аст. Ҳеч инсоне дар ҷаҳон пайдо намешавад, ки дар бадбахтии шахси наздикаш ҳамдард набошад. Аммо ҳамин ки ҳоли ин шахси наздик беҳбуд меёбад, ин амр ҳамон лаҳза эҳсосе бармеангезад, ки дигар чизе намерасад. Ҳатто бо каме муболиға метавон гуфт, дар қалб хоҳише пайдо мешавад, ки ин шахси наздик бори дигар ба он бадбахтӣ гирифтор шавад. Филвафр дар дил нисбат ба ин шахс, агарчи ноаён бошад ҳам, эҳсоси душманӣ падид меояд.... Роҳиб намефаҳмид асли қазия чист, вале ҳамон эҳсоси ғаму андуҳ дар қалбаш лона гузошта буд – бидуни шак, ба таври мавҳум ин худпарастии роҳибон ва шаҳриёни Икэнооро нисбат ба худ пай мебурд.

Ӯ ҳамарӯза бештар афсурдаю руҳафтода мешуд. Ҳар киро, ки дар муқобилаш пайдо мешуд, бо қаҳру ғазаб коҳиш мекард. Ниҳоят кор ба ҷое кашид, ки ҳатто шогирди худаш, ҳамоне ки бинии ӯро дармон карда

---

[1] Вишвабхарда – бодисатва, ки нишаста бар рӯйи пил тасвир мешавад.

буд, ба ину он гӯшона мегуфт, ки роҳиб дигар ба умури мазҳабӣ чандон эътино намекунад. Роҳиб ба хусус аз рафтори хидматгорбачаи шӯху бодӣ ба ғазаб омад. Боре вай паси панҷара садои нолиши сагро шунида, берун рафт то бингарад, ки сагро чӣ шуда ва дид, ки писари хидматгор асое ба дарозии ду фут дар даст сагчаи хароби жӯлидамӯйиро гирдо-гирди ҳаёт таъқиб мекунад. Кошки фақат таъқиб мекард. На, ӯ таъқиб мекарду такрор ба такрор дод мезад:

– Ба биниат мекӯбам! Ба биниат мекӯбам!

Роҳиб асоро аз дасти писарак кашида гирифту бо ғазаб тапончае ба рӯяш зад. Асо ҳамон чӯбе буд, ки барои нигоҳ доштани бинӣ истифода мекарданд.

Роҳиб ҳарчи бештар пушаймон мешуд, ки чунин саросемавор биниашро кӯтоҳ кард.

Ва баъд шабе фаро расид. Пас аз ғуруби офтоб бод вазид ва садои зангӯлаҳои зери боми маъбад гӯшро мехарошид. Афзун бар ин, ҳаво сард шуда буд ва аз ин рӯ роҳиби пир, агарчи майл дошт бихобад, хобаш парида буд. Вай бо чашмони боз дароз кашида буд ва ногоҳ эҳсос кард, ки биниаш сахт ба хориш омад. Бо ангуштон ламс кард – бинӣ мисли он ки гирифтори истисқо бошад, варамида буд. Ба назар мерасид, ки тасфон шуда буд.

Роҳиб биниро, чунонки гулҳои қурбониро пеш аз гузоштан ба пояи пайкараи буддо ба даст мегиранд, боэҳтиром бо даст дошт ва зери лаб ғурунгид:

– Бечораро беадолатона кӯтоҳ кардем, акнун бемор шудааст.

Субҳи дигар ӯ тибқи одат зуд аз хоб бархост. Аз панҷара ба берун нигарист ва дид, ки барги дарахтони ҳаёти маъбад шабона рехтаанд ва замин мисли он ки гилеми зарбафт густарда бошанд, медурахшад. Рӯи бомҳо шабнам рехта буд. Дар нурҳои ҳанӯз заифи субҳ-

дам ороишоти маъбад медурахшиданд. Роҳиб Дзэнти назди тирезаи боз истода амиқ нафас кашид.

Ва дар ин лаҳза вуҷудашро эҳсоси тақрибан фаромӯшшудае фаро гирифт.

Вай бо изтироб даст ба бинӣ бурд. Он чи ангуштонаш ламс карданд, бинии кӯтоҳи дирӯза набуд. Ин ҳамон бинии дарози панҷ-шаш сунии ӯ буд, ки лабҳоро убур карда аз манаҳ овезон мешуд. Роҳиб фаҳмид, ки шаби гузашта бинии ӯ ба вазъи пешинаи худ баргаштааст. Ва ҳамон дам аз ҷое эҳсоси сабукии роҳатбахше, ҳамон эҳсосе, ки пас аз кӯтоҳ шудани биниаш вуҷудашро фаро гирифта буд, боз меҳмони қалбаш шуд.

Роҳиб бинии дарозашро ба раҳгузари боди поиз дошту зери лаб гуфт:

– Акнун, ҳеч кас наметавонад маро масхара бикунад….

*Феврали 1916*

## ТАМОКУ ВА ШАЙТОН

Дар замонҳои гузашта дар Жопун дар мавриди тамоку тасаввур ҳам надоштанд. Иттилоъи торихномаҳо дар мавриди он ки тамоку чӣ тавр ба кишвари мо роҳ ёфтааст, зидду нақиз ва мухолифи якдигаранд. Дар бархе омадааст, ки ин амр дар солҳои ҳукумати Кэйтё иттифоқ уфтода, баъзеи дигар онро ба замони ҳукумати Тэммон марбут медонанд.. Ҳаройина, ба назар мерасад, то соли даҳуми Кэйтё дар ҳамаи музофотҳои кишвар тамоку парвариш мекарданд. Суруди дар солҳои ҳукумати Бунроку[1] машҳур гувоҳ аст, ки тамокукашӣ то чӣ ҳад ба суннат табдил ёфта буд:

*Чӣ аҷаб, гӯшношунид!*
*Варақбозӣ мамнуъ,*
*Тамокукашӣ мамнуъ!*
*Ҳар табиби аблаҳе,*
*Ном дорад: пизишки арҷманд!*

Кӣ тамокуро ба Жопун овард? Кори дасти кист? Торихнигорон ба як овоз мегӯянд: ё португолиҳо, ё испониёиҳо, Аммо ба ин пурсиш посухҳои дигар низ ҳаст. Яке аз онҳо дар хилоли ривояти маҳфузмонда аз он солҳо мавҷуд аст. Мутобиқи ин ривоят тамокуро ба Жопун шайтон овардааст. Ва ин шайтон дар мушояати падари руҳонии католикӣ (ба эҳтимоли қавӣ Франсиски муқаддас[2]) ба Жопун ворид шудааст.

Пайравони ойини масеҳият, албатта, маро ба тухмат задан ба мазҳабашон муттаҳам мекунанд. Аммо

---

[1] Солҳои Кэйтё – солҳои 1596– 1615; Солҳои Тэммон – 1532-1555; Солҳои Бунроку– 1592-1696.

[2] Франсиски муқаддас– Франсиск Ксаве (1506–1552), нахустин мубаллиғи масеҳият дар Жопун.

ман ба вузуҳ мегӯям, ки ин ривоят хеле мушобеҳ ба воқеият аст. Барои чӣ? Худатон мулоҳиза фармоед: агар ҳамроҳ бо худои Барбарони Ҷанубӣ[1] ба Жопун шайтони Барбарони Ҷанубӣ низ ворид мешавад, пас амре бадеҳист, ки ҳамроҳ бо накуиҳою хушиҳо бадбахтиҳою нохушиҳои урупоиён низ ба кишвари мо меояд.

Албатта, ман дар мавриди ба Жопун овардани тамоку маҳз аз ҷониби шайтон далоили раднопазир надорам. Аммо аз ҷониби дигар, – дар ин маврид ман ба достони Анатол Франс истинод мекунам, – медонем, ки шайтон ба ёрии як бутта гули асирак тавонист як кюреи рустоиро аз раҳ бизанад. Ба ин сабаб онҳое, ки мегӯянд, гӯё ривояти шайтону тамоку дурӯғи маҳз аст, ҳақ ба ҷониб нестанд. Зимнан, ҳатто агар ин ривоят дурӯғ бошад ҳам, он кас ки наметавонад дар он ҳадди ақалл заррае аз воқеиятро бибинад, сахт хато мекунад.

Ба ин дадел аст, ки ман тасмим гирифтам, ривояти чӣ тавр ба кишварамон ворид шудани тамокуро ҳикоят бикунам.

❁ ❁ ❁

Дар соли ҳаждаҳуми Тэммон шайтон худро ба сурати мубаллиғе, ки Франсиск Ксаверо мушоят мекард, даровард ва роҳи тӯлонии дарёиро бидуни мушкиле пушти сар гузошта ба Жопун ворид шуд. Воқиаи ба сурати мубаллиғ даромаданаш чунин буд. Боре, чун киштии сиёҳ[2], дар канори Амакава, ё дар маҳалли дигаре таваққуф кард, яке аз мубаллиғон тасмим гирифт ба соҳил фуроянд. Нохудо ва малавононаш, ки аз ин амр хабар надоштанд, қабл аз он ки ӯ баргардад, роҳашонро

---

[1] Барбарони Ҷанубӣ – он замон дар Жопун урупоиҳоро чунин ном мебурданд.

[2] Киштии сиёҳ – унвоне, ки жопуниёни он даврон ба киштиҳои урупоии воридшуда ба соҳилҳои кишварашон дода буданд.

идома доданд. Ва дар ин лаҳза буд, ки шайтони мо, ки думашро ба тир ҳалқа карда, сар ба поён авезон буд ва ҳарчиро дар киштӣ мегузашт бӯ мегирифт, ба сурати мубаллиғи дирангкарда даромаду аз тахти дил ба Франсиски валӣ хидмат кардан гирифт. Барои устоде, ки худро ба доктор Фауст ба сурати гусари ҷомаи арғавонӣ бар тан намуда буд, чунин масх кори хеле сода буд, албатта.

Вале чун ӯ ба кишвари мо омад, пай бурд, ки он чи ба чашмони сар мебинад, ҳеч мутобиқате бо он чи вай дар Урупо аз «Сафарнома»-и Марко Поло хонда буд, надорад.

Масалан, дар «Сафарнома» навишта шуда буд, ки Жопун пур аз тилост, аммо шайтон ҳарчанд бо диққат атрофи худро менигарист, ҳеч тилое надид. Агар чунин аст, аз дил гузаронд шайтон, пас ман салиби муқаддасро ламс мекунам, соҳиби тило мешавам ва бо ин зар пайравони оянд амро ҷалбу ҷазб мекунам.

Боз дар «Сафарнома» омада буд, ки гӯё жопуниҳо ба тавассути неруи гавҳар ва ё чизе монанд ба он асрори эҳёи мурдагонро кашф карда буданд. Ҳайҳот! Дар ин маврид низ, зоҳиран, Марко Поло дурӯғ гуфта буд. Ва агар ин ҳам дурӯғ бошад, пас бояд ба ҳар чоҳе туф андохт, то вабо шуюъ кунад ва одамон аз азиятҳои ҷонкоҳ андешаи биҳиштро ҳам фаромӯш созанд.

Шайтон аз дунболи Франсиски валӣ мерафту аз ин боб меандешид ва бо хурсандӣ ба атроф менигаристу розӣ аз худ табассум мекард.

Аммо дар тасмимҳои ӯ нақсе ниҳуфта буд. Ва бо ин нақс ҳатто ӯ, шайтон низ коре наметавонист бикунад. Мағзи гап ин аст, ки Франсиск Ксаве ҳанӯз мавъизаҳои худро шуруъ накарда буд ва бадеҳист, ки ҳанӯз тозаимоновардагон пайдо нашуда буданд, пас шайтон низ ҳанӯз рақиби муносибе надошт, яъне ҳанӯз касе набуд, ки шайтон аз роҳ бизанад. Аз ин ҳол, ҳазор бор шайтон

ҳам бошӣ, афсурдаю дилсард мешавӣ! Ва муҳимтар аз ҳама ӯ тасаввур кардан наметавонист, ки ин рӯзҳои бекорӣ ва хафақоноварро чӣ тавр паси сар бикунад.

Вай хеле ба фикр фурӯ рафт, чену баркаш кард ва тасмим гирифт, ки ба кишоварзӣ машғул бишавад. Шайтон андаруни гӯшаш барзи гиёҳу гулҳои гунагунро нигоҳ медошт; вай онҳоро аз қабл, замоне ки аз Урупо ба сафар баромада буд, ҳамроҳи худ гирифта буд; як порча замин ба иҷора гирифтан кори душвор набуд. Барсарӣ худи Франсиски валӣ низ кишоварзиро кори сазовор медонист. Вай албатта, ҳеч шубҳае надошт, ки хидматкораш мехоҳад дар Жопун гиёҳи дармонӣ парвариш бикунад.

Шайтон дафъатан аз касе метине ба орият гирифту бо шавқ ба кандани замини канори роҳ шуруъ кард.

Рӯзҳои аввали баҳор буд, меҳи анбуҳе заминро пӯшида буд ва садои ноқусҳо аз дур ба гӯш мерасиданд ва одамиёнро хумори хоб мегирифт. Ноқусҳо дар ин ҷо оҳангин ва нарм садо медоданд, на чун ноқусҳое буданд, ки шайтон дар Ғарб ба садояшон одат карда буд ва гӯшро мехарошиданд. Вале агар гумон карда бошед, ки шайтон маҷзуби оромии ин маҳал шуда ва руҳаш ба риққат омада бошад, албатта, хато мекунед.

Ноқуси буддоӣ ҳатто бештар аз садои ноқуси Павли муқаддас, ки замоне шунида буд, боиси гиреҳ ба абрувон задани ӯ гардид ва шайтон бо неруи бештар ба кандани замин идома дод. Садои оромбахши ноқусҳо, нурҳои офтоб, ки муназзам аз теғаи кӯҳҳо ба паҳноҳо фурӯ меомаданд ба таври аҷибе дилҳоро нарм мекарданд. Гузашта аз он ки дар ин ҷо ҳар гуна майли некӣ кардан маҳв мегардид, кӯчактарин хоҳиши бадӣ кардан ҳам аз миён мерафт! Оё арзиши он дошт, ки ин қадар роҳи дуру дарозро барои аз роҳ задани жопуниҳо тай бикунад?

Сабаб ин буд, ки шайтон, ки ҳамеша ба кор кардан нафрат дошт ва ҳатто хоҳар Иоҳанна ӯро таъна мекард, ки боре ҳам дар дасташ обила пайдо нашудааст, акнун ин қадар бо ғайрат метин мезад – вай мехост аз ин тариқ танбалии ахлоқӣ, бетафовутиро, ки таҳдид дошт тамоми вуҷудашро пур кунад, аз худ дур ронад.

Ниҳоят ӯ заминро канд ва барз ба он пошид.

Чанд моҳ сипарӣ шуд, ва барзе, ки шайтон кишта буд, неш зад, соқаҳо боло қад кашиданд ва дар поёни тобистон баргҳои паҳн тамоми киштзорро пӯшиданд. Номи рустаниро касе намедонист. Ҳатто вақте ки худи Франсиски валӣ шайтонро пурсид, вай фақат хомӯш лабханд зад.

Ниҳоят дар нӯги соқаҳо гулҳои анбуҳ рустанд. Ин гулҳо қифгуна буданд ва ранги сафеди моил ба бунафш доштанд. Шайтон ба шукуфтани гулҳо нигариста, хеле хурсанд шуд. Ҳамарӯза пас аз ниёиши пагоҳу бегоҳ вай ба киштзор меомад ва бо таваҷҷуҳи тамом рустаниашро нигоҳубин мекард.

Ва инак рӯзе (Франсиски валӣ барои эроди мавъиза рафта буд), кудом як тоҷири дом шохбанди буқаи сияҳусафед дар даст аз канори киштзор мегузашт. Дар паси чиғдевор, он ҷо ки гулҳои анбуҳи сафеди моил ба бунафш руста буданд, вай мубаллиғро дид, ки камзули сиёҳи дароз бар тан дошт ва кулоҳи лапарпаҳн ба сар ниҳода буд; вай баргҳоро аз ҳашараҳо пок мекард. Тоҷир аз дидани ин гулҳо шигифтзада шуд. Вай ғайриихтиёр бозистод, кулоҳро аз сар баргирифт ва бо эҳтиром ба мубаллиғ рӯй овард:

– Гӯш кунед, валии соҳибикром! Иҷозат диҳед бипурсам, ки ин чӣ гулҳое ҳастанд?

Мубаллиғ рӯй гардонд. Бинии кӯтоҳу чашмони хурд дошт, мӯйисараш сурх ва чеҳрааш бозу хеле меҳрубон буд.

– Инҳо?

– Бале, ҳаминҳо ҷаноб!

Сурхмӯй[1] ба назди чиғдевор омад, сар ҷунбонд. Баъд ба забони жопунӣ, ки барояш ғайримаъмулӣ буд, посух дод:

– Хеле мутаассифам, вале номи гулро ошкор карда наметавонам.

– Афсус! Шояд Франсиски валӣ ба шумо фармуда-анд, ки ҷанобашон ба ман чизе нагӯяд?

– Не! Сухан дар ин боб нест.

– Пас, ақаллан як калимае ба ман бигӯед, ҷаноб. Охир ман ҳам ба дасти Франсиски валӣ имон овардам, худои шуморо қабул кардам.

Савдогар бо ифтихор ангушт ба рӯйи синааш гу-зошт. Дар воқеъ салиби хурди биринҷӣ, ки дар офтоб ҷило медод, аз гардани ӯ овезон буд. Эҳтимол, салиб аз ҳад зиёд ҷило медод, зеро мубаллиғ ногаҳон сар поин афканд. Аммо баъд бо садое, ки хеле меҳрубонона буд, ё ба шӯхӣ, ё ба ҷидд гуфт:

– Афсӯс, ки наметавонам бароят чизе бигӯям, марди нек. Ҳеч касе дар ҷаҳон инро набояст бидонад, –қоидаи маъмули кишвари мо чунин аст. Фақат як чиз бароят мегӯям – талош кун, ки худат номашро биёбӣ! Жопу-ниҳо мардуми хирадманданд, охир! Агар номашро пай-до кунӣ, ҳамаи он чизе, ки дар киштзор мерӯяд, ҳаққи ҳалоли худат!

Савдогар аз дил гузаронд, ки «оё ин сурхмӯй маро масхара намекунад?»

Бо табассуме, ки чеҳраи хастаашро равшан кард, вай бо эҳтиром ба мубаллиғ таъзим овард.

– Ин гули аҷибу ғариб чист ҳеч ақлам намерасад! Ин қадар зуд ҳам пайдо кардан наметавонам.

– Муҳим нест, ки ҳамин рӯз ҷавоб бидиҳӣ. Се рӯз муҳлат медиҳамат, хуб фикр бикун. Метавонӣ аз ягон

[1] Сурхмӯй – дақаби урупоиён дар Жопуни он даврон.

нафар ҳам бипурсӣ, барои ман фарқ надорад. Фақат номашро пайдо кун ва ин ҳамаро соҳиб мешавӣ. Изофа бар ин, бароят майи сурх ҳам медиҳам. Ва ё агар майлат бошад, бароят аксҳои зебои биҳишт ва ҳамаи авлиёро медиҳам.

Савдогар, зоҳиран аз чунин исрор ба шак уфтод.

– Агар наёбам чӣ?

– Агар наёбӣ… - мубаллиғ ин суханро ба забон оварду кулоҳашро ба пушти сар ғеҷонд, дасти кӯчакашро афшонд ва хандид. Он қадар ногаҳону баланд хандид, ки гӯӣ зоғ қар-қар мекунад. Савдогар ҳатто аз хандаи ӯ ба ҳайрат уфтод. – Хуб, агар наёбӣ, пас ман ҳам аз ту ягон чиз мегирам. Чӣ гуфтӣ? Бо ин муомала розӣ ҳастӣ? Меёбӣ ё намеёбӣ? Агар ёбӣ – ҳамааш аз они ту.

Акнун дар садои ӯ боз лаҳни меҳрубононаи пешин пайдо шуда буд.

– Бошад, ҷаноб, бигзор ҳамин тавр бошад. Ман ҳам, барои шумо ҷаноб тамоми талошамро мекунам, ҳарчи ки хостед, медиҳам.

– Мутмаинӣ? Ҳатто буққаро медиҳӣ?

– Агар майл доред, ҷаноб, ҳамин ҳоло метавонед бигиред! – Савдогар лабханд кард ва бо кафи даст ба пешонии буққа зад. Вай итминон дошт, ки ин ҷаноби меҳрубон ҳазл мекунад. – Лекин агар ман шартро бибурам, ҳамаи ин гиёҳи гулдори шуморо мегирам.

– Бошад, бошад. Даст медиҳем?

– Даст медиҳем, ҷаноб. Ба номи паёмбари мо Эсои Курисуто савганд.

Чашмони хурдакаки мубаллиғ дурахшиданд, вай зери лаб ҳарфҳое ба забон овард. Баъд дасти чап ба миён бурда дасти рост ба баргҳои сафеди бунафштоби рустанӣ бурд ва гуфт:

– Вале агар наёбӣ, ман ҳам ҷонатро мегирам, ҳам танатро.

Ва мубаллиғ ба маҳзи гуфтани ин суханон бо як ҳаракати бонизоми даст кулоҳ аз сар бардошт. Дар миёни анбуҳи мӯйҳо як ҷуфт шохи айнан шабеҳ ба шохи буз руста буд. Ранги рӯйи савдогар парид ва кулоҳ аз дасташ уфтод. Баргу гулҳои рустании ношинос тира шуданд – шояд далелаш ин буд, ки дар ин дам офтоб паси абрҳо панаҳ шуд. Ҳатто буққаи сиёҳу сафед, ангор аз чизе тарсида бошад, сар хам овард ва ба садои паст бонг кашид; ба назар мерасид, ки замин худ садо дардода буд.

– Ҳамин тавр, марди муҳтарам. Ту худ ба ман ваъда додӣ, ваъда ваъда аст. Ё нодуруст гуфтам?! Ту ба номе савганд хурдӣ, ки ман ҳатто ба забон овардан наметавонам. Савганди худро фаромӯш макун. Ба ту се рӯз муҳлат медиҳам. Акнун бирав, то дидор.

Шайтон бо эҳтиром сухан мегуфт, вале дар ҳамин эҳтиром низ пӯзханди мағрурона ниҳон буд. Баъд ӯ таъзим ба ҷо овард, ки хеле муҳтарамона ба назар мерасид.

❂ ❂ ❂

Ва танҳо ҳамин дам савдогар ба бадбахтии худ фаҳмид, ки мисли марди содалавҳе фиреби шайтонро хӯрдааст. Акнун ӯ аз дасти ин лаъин халосӣ надорад ва дар «оташи ҷовидони ҷаҳаннам месӯзад». Маълум мешавад, ки вай беҳуда аз ойини қаблии худ баргашта ғусли таъмид кардааст. Савгандро ҳам шикаста намешавад – вай ба номи худи Эсои Курисуто қасам хӯрда буд! Албатта, агар Франсиски валӣ ҳамин ҷо буд, ягон илоҷе пайдо мекарданд, вале ба бадбахтии ӯ, Франсиски валӣ хеле дур буд! Савдогар се шаб мижа таҳ накард! Вай шеваи муассири хароб кардани доми шайтонро меҷуст ва ниҳоят ҳеч шевае беҳтар аз ин пайдо накард, ки ба ҳар қимат ки бошад, номи гули ғарибро пайдо

кунад. Вале, кӣ метавонад ба ӯ номеро бигӯяд, ки ҳатто худи Франсиски валӣ намедонист!

Рӯзи мавъуд, шабона савдогар ҳамон буққаи сиёҳу сафедро аз шохбандаш кашида оҳиставу бесадо ба назди хонаи мубаллиғ омад. Хона дар канори киштзор воқеъ шуда ва тирезаҳояш ба роҳ боз мешуданд. Мубаллиғ, эҳтимол хобида буд. Ҳеч навори нуре аз хонаи ӯ ба берун наметобид. Моҳ рӯшаноӣ медод, вале осмонро ҷой-ҷой абр гирифта буд ва дар мазраъаи ором, аз паси пардаи ниматорикӣ ин ҷову он ҷой гулҳои ғамангези сафеди бунафш ба назар мерасиданд. Савдогар нақшае матраҳ карда буд, – албатта на чандон муътамад, аммо бо дидани ин ҷойи ғамангез вай тарсе номафҳум дар вуҷуди хеш эҳсос кард ва тасмим гирифт, ҳанӯз ки дер нашудааст, бигурезад. Вақте ӯ тасаввур кард, ки дар паси он дару девор чаноби шохи буздор хобидааст ва хобҳои ҷаҳаннамӣ мебинад, ҳамаи ҷуръату ғайрате, ки бо душворӣ дар зарфи танаш нигоҳ медошт, таркаш кард. Вале чӣ ҷойи заъфу сустӣ аст, ки ҷону танаш пас аз чанде ба қабзаи дасти шайтон меафтанд.

Ва савдогар ҳама вуҷуди хешро ба паноҳи Бирудзэн Мария[1] супорида, ба иҷрои нақшаи худ шуруъ кард. Шохбанди буққаи сиёҳу сафедро яла кард ва бо тамоми қувват лагаде ба думғозаи он зад.

Буққа ҷаҳид, чиғдеворро шикаст ва бо шоху лагад чанд бор девори хонаро зада, ба мазраъа даромад ва гиёҳи ношиносро зери по кардан гирифт. Садои пой ва бонги буққа меғи маҳини шабро ба ларзиш оварда ба атроф паҳн шуд. Яке аз тирезаҳо боз шуд… Чеҳра дар торикӣ дида намешуд, вале яқин ки он ҷо худи шайдон дар кисвати мубаллиғ истода буд. Дар сараш шохҳо

[1] Бирудзэн Мария – Дӯшиза Мария (пуртуғолии таҳрифшуда: Virgem Maria)

намудор буданд. Зимнан, шояд фақат ба назари савдогар чунин намуда бошад.

– Кудом ҳайвон тамокуи маро зери по мекунад?! – дод зад шайтон хоболуд, даст афшонда. Вай хеле ба ғазаб омада буд, зеро кадоме ҷуръате карда боиси аз хоб бедор шуданаш шуда буд. Вале барои савдогар, ки дар канори мазраъа пинҳон шуда буд, душном ва садои гирифтаи ӯ чун садои худо ба гӯш расид – Кудом ҳайвоне тамокуи маро зери по мекунад!!!

Мисли ҳамаи ривоятҳои дигари мушобеҳ дар ин маврид низ воқиа хушу хурсандона идома ёфт. Савдогар номи гулро пайдо карду шайтонро мулзам сохт. Ҳамаи тамокуеро, ки дар мазраъаи ӯ руста буд, ба тамаллуки савдогар даромад. Ҳамин, тамом….

Вале ман ба андеша рафтам, ки оё ин ривоят маънии амиқтаре надорад? Шайтон агарчи ҷону тани савдогарро соҳибӣ кардан натавонист, тамокуро ба тамоми кишвари мо интишор дод. Яъне, маънии гуфтаи ман ин аст, ки оё бохти шайтонро пирӯзӣ ҳамроҳӣ намекард, чунонки пирӯзии савдогарро шикаст. Шайтон, агар биуфтад, бесабабе аз ҷой барнамехезад. Ва оё магар чунин намешавад, ки одаме ки итминон дорад васвасаро бартараф кардааст, худ бехабар ғуломи бандаи он мегардад?

Зимнан, хеле кӯтоҳ дар бораи сарнавишти минбаъдаи шайтон ҳикоят мекунам. Пас аз бозгашти Франсиски валӣ бо неруи хатти мандал Шайтон аз кишвар берун ронда шуд. Вале пас аз ин ҳам вай дар либоси мубаллиғ гоҳе дар ин ҷой ва гоҳе ҷойи дигар падид меомад. Мутобиқи хабаре ӯ, замоне ки маъбади Намбандзи[1] эъмор мешуд, гоҳе ба Киоти сар мезад. Ривоят мекунанд, ки гӯиё Касин Кодзи, ҳамон марде ки Матсуна-

[1] Маъбади Намбандзи – Маъбади Барбарони Ҷанубӣ, маъбади католикӣ.

гу Дандзёро[1] хандахариш карда буд, ҳамин шайтон будааст. Аммо барои он ки вақти тилоии шуморо зиёд нагирам, китоби муҳтарам Ленфкадио Хернро[2] тавсия медиҳам, ки хоҳишмандон ба таври муфассал метавонанд аз он иттилоъ касб бикунанд. Пас аз он ки Тоётоми ва Токугава ойини воридшуда аз он сӯйи баҳрҳоро мамнуъ карданд[3], баъзе касон боз шайтонро дидаанд, вале баъдан вай тамоман ғайб зад. Афсӯс ки чун шайтон бори дигар, пас аз Мэйдзи[4] дар Жопун пайдо шуд, мо дар мавриди фаъъолияти ӯ чизе намедонем.

*21 январи 1916*

---

[1] Касин Кодзи (вафот 1617) – устоди маъруфи маросими чойнӯшӣ дар Жопун; Матсунагу Дандзё (1510-1577) – лашкаркаши жопунӣ.
[2] Ленфкадио Херн- понздаҳ сол дар Жопун зиста, чанд китоб дар бораи ин кишвар навиштааст.
[3] Масеҳият дар соли 1587 дар Жопун мамнуъ гардид. Тоётоми Хидэёси (1536–1598), Токугава Иэнсу (1542-1616) – ҳукмронони низомии Жопун.
[4] Пас аз Мэйдзи – манзур инқилоби Мэйдзи дар соли 1867 аст.

# ГӮРКАН

Мутобиқи ривояти «Солномаи Жопун»[1] барои нахустин бор гӯркан[2] дар рустои Митиноку ба одам табдил ёфт ва ин воқиа дар моҳи дувуми баҳори соли сию панҷуми ҳукумати малика Суйко[3] рух дода буд. Дуруст аст, ки дар китоби дигар на «ба одам табдил ёфт», балки «ба одам монанд шуд» навишта шудааст, вале дар ҳар ду китоб пас аз ин «суруд хонд» сабт шудааст ва мантиқан метавон ба натиҷа расид, сарфи назар аз он ки гӯркан ба одам бадал ёфт ва ё шабеҳи одам шуд, айнан мисли одам суруд мехонд.

Хеле пештар аз ин воқиа, чунонки дар «Қайдҳо дар бораи солҳои ҳукумати император Суйнин» омадааст, дар соли ҳаштоду ҳафтум саги мутааллиқ ба ҷавоне ба номи Макасо аз музофоти Табма гӯрканеро хойида кушт ва аз шикамаш шаддаи сангҳои қиматӣ – магатама[4], ки фурӯ бурда буд, пайдо шуд. Тафсили ин шаддаи сангҳои қиматӣ ва дар бораи чӣ тавр ба дунё омадани Яхобикуни мётин[5] Бакин[6] дар романи худ «Ҳашт саг» навиштааст. Вале гӯркани замони Суйнин танҳо шаддаи сангҳои қиматиро дар шикамаш пинҳон карда буд ва мисли гӯркани замонаи баъдтар аз вежагии масх шу-

---

[1] «Солномаи Жопун» («Нихонги») – маҷмӯаи ривоят ва ёддоштҳои торихӣ. Дар қарни VIII навишта ва таҳия шудааст.

[2] Ҳайвоне пистондор аз хонадони самурҳо, қашқалдоқ.

[3] Малика Суйко (554–628) сию шаш сол ҳукумат кардааст, пас воқиаи мавриди назар дар соли 627 рух додааст.

[4] Санги қиматӣ, маъмулан яшм ё фирӯза, ки ба шакли лӯбиё метарошиданд.

[5] Яхобикуни мётин – зебодухтаре, ки гӯркан ба воситаи магатама ба вай табдил шуда буд.

[6] Кёкутэй Бакин – нависандаи машҳури Жопун (1767–1848), ки шуҳраташро мадюни романи 106-ҷилдии «Ҳашт саг» аст. Ҳашт саг – хашт самурай ҳастанд, ки ҳар кадом яке аз хислатҳои неки таълимоти Конфутсийро намояндагӣ мекунанд.

дан бархурдор набуд. Ҳамин тавр, гӯркан нахустин бор дар моҳи дувуми баҳори соли сию панҷуми ҳукумати малика Суйко ба одам табдил ёфт.

Гӯрканҳо дар ҷангалҳои Жопун аз замонҳои қадимтарин, аз даврони юриши шарқии император Дзимму[1] сукунат ихтиёр карда буданд. Вале танҳо дар соли 1288 аз замони бунёди императорӣ гӯркан ба одам бадал ёфт.

Ба назари аввал ин амр метавонад иттифоқӣ ба назар бирасад. Вале, баъид нест, ки қазия аз воқиаи зайл шуруъ шуда бошад.

Духтаре Сиокуми ном аз рустои Митиноку ва ҷавоне ба номи Сиояки аз ҳамин деҳа ба ҳамдигар ошиқ шуданд. Духтар бо модараш зиндагӣ мекард ва бад-ин сабаб онҳо маҷбур, пинҳон аз ӯ, шабона мулоқот мекарданд ва ба ин сабаб аз дидорҳои онон ҳеч кас хабар надошт.

Ҷавон ҳар шаб кӯҳи Исоямаро мегузашту дар наздикии манзили духтар қарор мегирифт. Духтар ба тахмин вақтро муайян карда, пинҳон аз хона берун мебаромад. Вале ӯ бештар вақт таъхир мекард, зеро лозим меомад модарашро нигоҳубин бикунад. Боре духтар ба вақти шабгир омад. Хурӯсҳо бори дигар бонг заданд, вале ҳанӯз аз вай дарак набуд.

Ин ҳодиса дар яке аз чунин шабҳо рух дод. Ҷавон сари пой дар болои шахи баланд нишаста, барои он ки танҳоияшро рафъ бикунад, баланд суруд хонд. Вай бим дошт садои мавҷҳо, ки ба соҳил бармехӯрданд, суруди ӯро хафиф мекунанд ва ба ин сабаб ҳанҷараҳои аз

[1] Император Дзимму – тибқи асотири Жопун ӯ бунёдгузори шоҳаншоҳии Жопун ва аз наберагони Худозани офтоб Аматэрасу аст; дар соли 660 то мелод аз ҷазираи Кюсу бо ҳадафи тасаллут бар аҳолии бумӣ ба Жопуни Марказӣ ҳамла овард.

интизорӣ хушкшудаашро бо ҳама неру ба кор мегирифт.

Модар, ки сурудро шунид, аз духтари дарозкашида дар канораш пурсид, кӣ суруд мехонад. Духтар вонамуд кард, ки хоб аст, вале чун модар бори дигар ва баъдан бори севум пурсид, чӣ гуфтанашро надонист ва дурӯғ гуфт, ки сароянда одам нест.

Модар пурсид: пас кист? Шояд, гӯркан, ҷавоб дод духтар ҳозирҷавобӣ карда... Ишқ аз замонҳои қадим занонро ҳозирҷавобӣ омӯхта буд.

Субҳ модар ба пиразани бурёбоф, ки на чандон дуртар хона дошт, ҳикоят кард, ки сурудхонии гӯрканро шунидааст. Маълум шуд, ки пиразан ҳам сурудро шунидааст. Вай ҳайрон шуд: «бибинед-а, маълум мешавад, ки гӯркан ҳам суруд мехондааст», ва дар ин бора ба даравгари найшакар ҳикоят кард.

Ин ҳодиса аз даҳан ба даҳан паҳн шуд ва ниҳоят ба гӯши роҳибе, ки дар ҳамон русто дарюза мекард, расид ва роҳиб муфассал шарҳ дод, ки чиро гӯркан суруд мехонад... Мутобиқ бо таълимоти буддоӣ зиндагӣ доиман доиравор чарх мезанад. Аз ин рӯ, баъид нест, ки руҳи гӯркан дар гузашта руҳи одам буда бошад. Пас гӯркан ҳар коре, ки одам мекунад, метавонад иҷро намояд. Пас ин ки гӯркан дар шаби маҳтобӣ суруд мехонад, ҷойи ҳайрат надорад....

Аз ҳамон замон дар русто одамони бештару бештар суруди гӯрканро мешуниданд. Ҳатто як мард гуфт, ки гӯркани дар ҳоли суруд хонданро худ бо чашмони худ дидааст. Боре вай тухми моҳихорҳоро ҷамъ оварда, аз роҳи соҳили баҳр ба хона бармегашт; ногаҳон дар рӯшноии песабарфҳо гӯрканро дид, ки дар доманаи кӯҳи Исояма мегашту паст-паст суруд мехонд.

Инак, яке аз сокинони русто гӯркани сурудхонро бо чашмони худ дида буд. Пас ҷойи ҳайрат нест, ки баъд аз ин тақрибан ҳамаи аҳли русто – пирону ҷавонон,

мардону занон суруди гӯрканро шуниданд. Гоҳе ин суруд аз ҷониби кӯҳ ба гӯш меомада, гоҳе аз ҷониби баҳр. Ва ҳамчунин гоҳе воқеъ мешуд, ки аз боми кулбаҳои ҷойгирифта дар соҳил, дар васати баҳру кӯҳ шунида мешуд. Афзун бар ин, ниҳоят кор ба ҷое расид, ки боре шабона гӯркан духтаре ба номи Сиокумиро бо сурудхониаш тарсонд.

Духтар, албатта, мутмаин буд, ки ҷавон суруд мехонад. Вай ба нафаскашии модараш гӯш дода, ба натиҷа расид, модар сахт ба хоб рафтааст; пас ором аз рахти хоб бархоста ва дарро боз карда, ба берун нигарист. Аммо чизе надид, танҳо доси моҳ дар осмон ва мавҷҳои ҳамлавар ба соҳил, – ҷавон дар ҷое наменамуд. Духтар ба атроф чашм дӯхт ва ногаҳон, гӯё боди сарде вазида бошад, бо ду кафи даст рухсораашро пӯшонд. Рӯйи рег, на чандон дуртар аз дари хона вай пайи пойи гӯрканро дид.

Овозаи ин воқеа, кӯҳу дарёҳоро убур карда, ниҳоят то пойтахт расид. Ва инак дар Ямасиро ҳам гӯркан ба одам табдил меёбад. Баъд гӯркан дар Оми ба одам табдил меёбад. Баъд гӯрканҳо дар ноҳияҳои дигар ҳам ба одам табдил ёфтан гирифтанд. Ва дар замони Токугава гӯркани масхшавандае зуҳур кард ва ба мавҷудияти вай ончунон бовар карданд, ки мисли одам ном гузоштандаш – Дандзабуро аз Садо[1].

Албатта, гӯркан ҳеч гоҳ ба одам табдил наёфтааст. Эҳтимол шумо мегӯед: «Фақат одамон бовар доштанд, ки табдил меёбад». Вале оё дар миёни он чи ки воқиан мавҷуд аст ва бовар ба он ки мавҷуд аст, тафовут зиёд аст?

Ин сухан на танҳо ба гӯркан рабт дорад. Оё тамоми ҳастӣ, дар ниҳоят фақат он чӣ нест, ки мо бовар дорем?!

---

[1] Дандзабуро аз Садо – шахсияти афсонаҳои ҷазираи Садо.

Йитс дар «Шомгоҳи Келт»[1] дар бораи бачагони соҳили кӯли Ҷил ҳикояте дорад; ин бачагон бовар доранд, духтари протестантӣ, ки либоси кабуду сафед дорад, модархудо аст. Ва азбаски ин бовар дар мағзи бачагон сукунат дорад, модархудои соҳили кӯл ҳеч тафовуте бо гӯркани маскуни кӯҳҳо надорад.

Мо бояд ба он чӣ, ки дар қалбамон зиндагӣ мекунад бовар бикунем, чунонки гузаштагонамон ба гӯркане, ки ба одам табдил меёбад, бовар доштанд. Ва оё набояд чунон зиндагонӣ бикунем, ки ин бовар муайян мекунад?

Маҳз ба ин хотир набояд ба гӯркан хандид.

*Апрели 1917*

---

[1] Йитс У.-Б. (1865–1939) – шоир ва драматурги ирлондӣ. Окутогово «Шомгоҳи Келт»-и ӯро ба забони жопунӣ тарҷума карда буд.

# АЗОБҲОИ ҶАҲАННАМ

## 1

Марде мушобеҳ ба аълоҳазрат Хорикава дар замонҳои пешин, албатта, набуд ва ба гумон аст, ки дар оянда низ ба дунё ояд. Мегӯянд, пеш аз он ки ӯ таваллуд бишавад, дар сари болини модари муҳтарамаш худи Дайитокуи муқаддас[1] зуҳур кардааст. Ба ҳар ҳол, вай аз ҳамон замони таваллудаш ба одамони маъмулӣ монанд набуд. Ва ба ҳамин сабаб, боре ҳам набуда, ки кардаҳои ӯ моро ба ҳайрат наоварад. Чунончи, ба кохи ӯ дар соҳили рӯди Хорикава бингарем, ки… чи тавр тавсиф бикунам… кохи «муҳташам» шоистаи тавсифаш бошад? Дар ин кох он қадар уъҷубакориҳо кардаанд, ки ақли содаи мо ба фаҳму даркаш намерасад. Мардум аз аълоҳазрат ҳар гуна ҳикоятҳо нақл мекунанд, аълоҳазратро бо императорон Ши-Хуан-ди ва Ян-ди[2] мушобеҳ медонанд, вале ин ҳама ба он мемонад, ки кӯр бо ламси даст дар бораи фил ҳарф бизанад. Аммо аълоҳазрат на танҳо дар бораи худ, шукуҳу ҳишмат ва шуҳрати худ меандешид. На, ӯ корҳои поинтар аз мақоми худро низ хуб дарк менамуд. Ӯ, чунонки мегӯянд, ҳамроҳи ҳама хурсандӣ мекард–ҳамин тавр қалби пурилтифот дошт аълоҳазрат.

Ба ҳамин сабаб аст, ки чун аълоҳазрат дар замони беназмиҳои шабонаи арвоҳи шарир дар кохи Нидзё сукунат ихтиёр кард, онҳо ба вай хеч зараре расонида натавонистанд. Ва руҳи худи садайдзин Тору[3], ки мегуф-

---

[1] Дайитокуи муқаддас – яке аз панҷ муҳофизи буддизм.
[2] Ши-Хуан-ди ва Ян-ди – императорони Чин; Аввалӣ дар қарни III пеш аз мелод ва дувумӣ дар қарни YI мелодӣ ҳукумат кардааст.
[3] Садайдзин Тору – Минамото Тору (822–895) – ходими сиёсӣ, ки ба унвони садайдзин – яке аз унвонҳои олии дарбор мушарраф шуда буд.

танд ҳар шаб дар Кохи Кахараин, воқеъ дар кӯчаи Севуми шарқӣ – ин Кох бо тасвирҳои манзараҳои Сиогама дар Митиноку машҳур аст – ба зуҳур меояд, ҳатто ин руҳ чун аълоҳазрат ба ӯ дод зад, ҳамон лаҳза нопадид гардид. Чунин марди қудратманд буд аълоҳазрат ва беҳуда нест, ки ҳамаи мардуми пойтахт, пиру ҷавон, марду зан чун аз аълоҳазрат сухан ба миён меомад, дар боби ӯ монанди Буддои зинда суҳбат мекарданд. Ҳатто гап-гап шуд, ки ҳангоми бозгашт аз иди гули олуча, чун барзговҳое, ки гардунаи аълоҳазратро мекашиданд, ба дав даромаданд ва пирамарди раҳгузареро зери пой карданд, ин пирмард танҳо даст ба даст расонда таъзим кард ва ибрози сипос намуд, ки барзговҳои аълоҳазрат ӯро мушарраф ба зери пой шудан кардаанд.

Чунин буд вазъи ҳол ва ин аст, ки ҳатто наслҳои оянда низ аз зиндагонии аълоҳазрат бисёр чизҳоро ҳикоят хоҳанд кард; чи тавр дар як зиёфат ба як бор сӣ аспи сафедро ба меҳмонон ҳадя кард, чи тавр ҳангоми сохтмони пули Нагара писараки худро барои «зерчӯб» дод, чи тавр ба роҳиби чинӣ, ки илми тиброро балад буд, фармуд, то ҷароҳати ронашро бибурад… Агар бихоҳем ҳама корҳои ӯро як ба як бишуморем, фурсат ҳам намерасад… Вале аз ин ҳама ҳикояти зиёд, даҳшатноктаринашон, албатта, қиссаи пайдоиши тоблуи азобҳои ҷаҳаннам аст, ки акнун дар хонаи аълоҳазрат муҳимтарин сарват маҳсуб мешавад. Ин нукта кофист, ки ҳатто аълоҳазрат, ки аз чизе дар ҷаҳон музтариб намешавад, он замон мушаввашхотир шуда буд. Ва мо, ки хидмати ӯро мекардем, андаке монда буд, ки ҷон биспорем, чи ҷойи сухан! Ҳатто ман, ки сӣ соли расо хидмати аълоҳазратро карда будам, ҳеч гоҳ дигар чунин даҳшатро надидам.

Вале пеш аз он ки ин воқиаро қисса бикунем, бояд аз наққош Ёсихидэ, ки пардаи азобҳои ҷаҳаннамро наққошӣ кардааст, ҳикоят намоем.

## 2

Ёсихидэ… шояд имрӯз низ ҳанӯз одамоне бошанд, ки ӯро дар ёд доранд. Ӯ ончунон наққоши машҳур буд, ки ба гумон аст, дар он замон дигаре мӯқалам дар даст баробар бо ӯ пайдо мешуд. Дар он замон ӯ, ба фикрам, қариб ба панҷоҳ расида буд. Ба ӯ менигарӣ – пирмарде буд кӯтоҳқад, лоғар, пӯсту устухон, абрубаҳамкашида. Ба Кохи аълоҳазрат ӯ пираҳани зарди торики карагину дар тан, кулоҳи момиэбоси ба сар меомад. Марди бадфеъл буд ва лабони ӯ, ки сурхии барои синну солаш ғайритабиӣ дошт, ӯро ба таври кароҳатангез шабеҳи ҳайвон нишон медод. Мегуфтанд, ки ӯ мӯқаламро мелесад ва ба ин ваҷҳ ранги сурх ба лабонаш мечаспад, вале сабаби аслӣ чунин буд ё не, кӣ медонад? Бадгӯёнаш мегуфтанд, ки ҳама рафтори Ёсихидэ ба маймун мемонад ва ба ӯ лақаби «Сарухидэ»[1] дода буданд.

Чун аз «Сарухидэ» ёд кардам, беҳтар аст воқиаи дигарро низ ҳикоят намоям. Дар он замон дар дарбори аълоҳазрат духтари понздаҳсолаву ягонаи Ёсихидэ, духтари зебо ва комилан мутафовит бо падарро ба унвони пешхидмат истихдом карда буданд. Изофа бар ин, духтар, шояд ба сабаби он ки хеле зуд аз модар ятим монда буд, ҳамеша андешаманд, нисбат ба синну соли худ оқил ва бо ҳама меҳрубон буд ва ин аст, ки ҳамаи хонумҳои дигар, аз мудирхонуми дарбор сар карда, дӯсташ медоштанд.

Ба муносибате аз вилояти Тамбо ба аълоҳазрат маймуни дастомӯзеро ҳадя оварда буданд ва писари шӯху шайтонтабиати аълоҳазрат ин маймунро Ёсихидэ лақаб дод. Маймун, ки бе ин ҳам хандаовар буд, чун ин лақабро касб кард, дар дарбор касе набуд, ки баробари диданаш ба ханда наояд. Агар фақат механдиданд ҳар-

[1] Сару – маймун.

фе набуд, вале гоҳе чун вай дар боғ ба дарахти сафедор мебаромад ва ё фарши хонаро меолуд, одамон барои ҳазлу мазоҳ садо мезаданд: «Ёсихидэ, Ёсихидэ», ки албатта, аз ин амр наққошро ҷон ба лаб меомад.

Боре чун духтари Ёсихидэ, ки чанд лаҳза пеш зикраш рафт, шохаи олуву нома дар даст аз даҳлези дароз қадам мезад, аз дари муқобил ба истиқболи ӯ давону лангон маймун Ёсихидэ берун ҷаҳид. Маймун, зоҳиран дасти худро маҷрӯҳ карда буд ва чун одат дар чунин мавориди ба дарахт баромада наметавонист. Аз дунболи маймун – чӣ мегӯед? – писари аълоҳазрат чӯб дар даст медавид ва фарёд мезад:

– Дузди нобакор! Биист, биист!

Духтари Ёсихидэ бо дидани ин ҳол осемасар шуд, вале ҳамон лаҳза маймун даррасид, чанг ба домони ӯ зад ва мазлумона садо дод. Духтар он қадар ба риққат омад, ки намедонист чӣ кор бикунад. Вай бо дасте, ки шохаи олуча дошт, остини худро, ки накҳати бунафша дошт, бар зад ва маймунро бо меҳрубонӣ канор гирифт ва сар ба назди писари ҷавони аълоҳазрат фуруд оварда, бо садои возеҳ гуфт:

– Маъзарат мехоҳам, охир ин ҳайвон аст. Хоҳиш мекунам, ӯро бибахшед.

Вале писари аълоҳазрат, ки дар баробари онҳо рост меистод, пой ба замин кӯфт ва бо хашм гуфт:

– Чаро ҳимояташ мекунӣ! Маймун норанҷиҳоро дуздид.

– Охир вай ҳайвон аст… – духтар ҷуръат пайдо карду ҳарфи худро такрор намуд ва пасон бо табассуми ғамолуде афзуд: – Вайро ҳамчунин Ёсихидэ ном мебаранд. Пас шумо ба падари ман хашм гирифтаед ва ман наметавонад ором ба ин ҳол бингарам.

Баъд аз ин писари аълоҳазрат, албатта, худро ба даст гирифт ва бо дили нохоҳам гуфт:

– Ҳамин тавр бигуй! Хайр, агар барои падарат хоҳиш мекунӣ, ман гузашт кардам ва гуноҳашро бахшидам, – ва чӯбро канор афканду ба ҳамон даре, ки бурун омада буд, даромад.

## 3

Дӯстии духтари Ёсихидэ бо маймун аз ҳамин воқиа оғоз шуд. Духтар зангӯлачаи тилоиро, ки аз шоҳхонуми ҷавон ҳадя гирифта буд, ба навори сурх авезон карда, ба гардани маймун баст ва маймун ҳам дигар аз духтар дур намерафт. Ва боре чун духтари Ёсихидэ бемор шуд, маймун лаҳзае аз сари бистари ӯ дур нарафт ва – шояд ба назар чунин мерасид, – бо чеҳраи ғамгин нишаста буду пайваста нохунҳояшро мегазид.

Ҷолиб ин аст, ки аз он замон дигар касе маймунро чунонки қаблан буд, азият намекард. Баръакс андак-андак ба навозиш кардани вай сар карданд, ҳатто писари аълоҳазрат гоҳе хурмолу ва ё шоҳбулуте ба наздаш меафканд. Гузашта аз ин, вақте ки яке аз хидматгорон маймунро бо лагад зад, шоҳзода хеле дар ғазаб шуд; ва мегӯянд, чанд лаҳза пас аз ин аълоҳазрат фармуд, ки духтари Ёсихидэ маймун дар даст ба назди ӯ биёяд ва сабаб ин буд, ки ба ғазаб омадани шоҳзода ба гӯши аълоҳазрат расида буд. Зимнан, бояд гуфт, сабаби маймунро дӯст доштани духтар низ ҳамон вақт ба гӯши аълоҳазрат расида буд.

– Духтарак, духтари хуб аст. Офарин, – гуфт ӯ.

Ба подоши ин духтар аз аълоҳазрат акомэи мулавван[1] ҳадя гирифт. Ва чун маймун низ бо эҳтиром акомэро ба даст гирифт ва вонамуд кард, ки онро тамошо мекунад, аълоҳазрат ба худ иҷоза дод, ки боз ҳам бештар хушҳол бишавад. Бале, асли воқиа чунин буд, яъне

[1] Акомэ – либоси қадими занона.

аълоҳазрат барои он ба духтари Ёсихидэ меҳрубонӣ кардан гирифт, ки аз эҳтиром ва муҳаббати вай ба падараш хушаш омада буд, ва сабаб аслан ин набуд, ки аълоҳазрат шаҳватпараст буда бошад, чунонки мардум мегуфтанд. Албатта, чунин овоза ҳам бесабаб пайдо нашуда буд, вале дар ин хусус ман бидуни шитоб, дар мавриди дигар ҳикоят мекунам. Ҳоло гуфтани ин нукта кофист, ки агарчи духтар хеле зебо буд, аълоҳазрат марде набуд, ки кудом як духтари наққоше ҳавасашро барангезад.

Ҳамин тавр, духтари Ёсихидэ аз ҳузури аълоҳазрат бо обруву эътибор берун омад, аммо азбаски вай духтари оқил буд, ин амр боиси рашку ҳасади дигар хидматгордухтарон нашуд. Баръакс, пас аз ин ба ӯ ва маймун илтифоти бештар менамуданд ва он қадар зуд-зуд шоҳхонумро дар сайругашт ҳамроҳӣ мекард, ки метавон гуфт, аз ӯ ҷудоӣ надошт.

Лекин ҳоло духтарро мегузораму боз дар боби падараш, Ёсихидэ ҳикоят мекунам. Дуруст аст, ки ҳама ба зудӣ маймунро дӯст доштанд, вале худи Ёсихидэро чун қабл чашми дидан надоштанд ва чун пеш дар ғайбаш Сарухидэ ном мебурданд. Ва на танҳо дар дарбор чунин буд. Ба ростӣ, падари руҳонӣ аз Ёкогава низ чун дар ҳузури ӯ номи Ёсихидэро ба забон меоварданд, чеҳрааш тағйир меёфт, гуӣ, ки шайтонро дучор омада бошад ва умуман ӯро бад медид. Дуруст аст, ки мегуфтанд, сабаби ин бадбинӣ он буда, ки Ёсихидэ падари руҳониро дар тоблуҳои ҳаҷвии худ тасвир кардааст, вале ин ҳарфро хидматгорони паст мегуфтанд ва ман дақиқан наметавонам бигӯям, ки ин овозаҳо то куҷо ҳақиқат доранд. Ба ҳар сурат, дар ҳама ҷо чун дар боби ӯ суол мекардӣ, дар посух ҳарфи бад мешунидӣ. Агар нафароне ҳам буданд, ки ҳарфи баде аз ӯ намегуфтанд, ду-се нафар дӯстони наққошаш буданду бас. Ва ҳамчу-

нин одамоне, ки наққошиҳои ӯро дида буданду худашро не.

Аммо Ёсихидэ на танҳо зоҳиран бад буд, вай ботини нафратангез низ дошт ва муносиб ба аъмолаш вокуниши сазовор ҳам медид.

## 4

Ва наққош ботине бо чунин авсоф дошт: вай марде хасис, бешараф, танбал, ҳарис ва бештар аз ин ҳама, мағруру ҳавобаланд буд. Ин ки вай нахустнаққоши кишвар аст, аз ҳама гуфтору рафтораш ҳувайдо мешуд. Агар сухан танҳо аз наққошӣ буд, таҳаммулпазир буд, вале вай намехост дар дигар абъоди зиндагӣ низ аз касе кам бошад ва ҳатто одобу сунанро ба боди тамасхур мегирифт. Як нафар шогирди пири Ёсихидэ ба ман ҳикоят кард, ки чун боре дар хонаи як марди шариф руҳи шарир бар вуҷуди Хигаки – коҳинаи машҳур муставлӣ шуд ва бо садои ваҳим ба пешгӯӣ оғоз кард, Ёсихидэ ҳатто суханони ӯро гӯш накард ва мӯқаламашро, ки бо худ оварда буд, гирифту оромона чеҳраи даҳшатбори коҳинаро ба тасвир овард. Эҳтимол, таҳоҷуми арвоҳ ҳам ба назари ӯ тақаллуби кӯдакона мерасид.

Ҳамин тавр одаме буд ӯ ва ин аст, ки чеҳраи буддо Киссётэнро аз як нафар фоҳишаи маъмулӣ ва буддо Фудоро[1] аз чеҳраи як нафар зиндонии машҳур наққошӣ намуда буд ва боз корҳои ношоистаи зиёд карда буд ва чун аз ӯ барои ин корҳояш гилагузорӣ мекарданд, вай савт мезаду бас. «Магар худо ва буддоҳое, ки Ёсихидэ тасвир кардааст, вайро барои ин кор ҷазо медиҳанд! Аҷаб!» Чунин суханон ҳатто шогирдонро ба тарс меоварданд ва бисёре аз онҳо аз бимиояндаашон ҳарчи

[1] Киссётэн – худозане дар ойини буддоӣ; Фудо – буддои муқаддас, ки гунаҳкоронро ҷазо медиҳад.

зудтар тарки шогирдии ӯ мекарданд. Хуласи калом, ӯ фикр мекард, ки дар замони зиндагии вай марде наҷиб чун худаш дар ҳама сафҳаи офоқ дигар пайдо намешавад.

Аз ин ки Ёсихидэ дар ҳунари наққошӣ ба чӣ ситеғи баланде расида буд, ҳоҷати сухан нест. Рост, ки чун наққошиҳои ӯ ҳам аз лиҳози хутут ва ҳам аз лиҳози рангомезӣ аз осори дигар наққошон тафовут дошт, рақибони ӯ аз ҷумлаи ҳамҳирфаҳояш мегуфтанд, ки вай тақаллубкор аст. Ба гуфтаи онҳо, чун аз наққошиҳои Канавари, Канаока[1] ва ё дигар устодони машҳури қадим баҳс ба миён меояд, дар бораи онҳо ҳикоятҳои ҷолиб нақл мекунанд, ки масалан, гоҳе аз табақаи дари наққошӣ шуда бӯйи олу меояд, ва ё гоҳе аз нақши дарбориён дар рӯйи парда садои най ба гӯш мерасад. Аммо чун аз наққошиҳои Ёсихидэ сухан ба миён меояд, фақат ҳикоятҳои даҳшатангез нақл мекунанд. Масалан, дар боби тоблуи «Гирдоби зиндагӣ ва марг», ки Ёсихидэ дар дарвозаи маъбади Рюгадзи нақш кардааст, нақл мекунанд, ки чун пас аз як поси шаб аз ин дарвоза мегузарӣ, нолаву фиғони мурдагон ба гӯшат мерасад. Ва ҳатто баъзе одамон ҳам ҳастанд, ки савганд мехуранд, бӯйи ҷасадҳои пӯсидаро низ шунидаанд. Дар боби чеҳраи заноне, ки Ёсихидэ бо амри аълоҳазрат кашидааст, низ ҳар гуна гапҳо ҳаст. Мегӯянд, ки ҳанӯз се сол нагузашта, онҳое ки наққош чеҳраашонро тасвир кардааст, бемор мешаванд, гӯйӣ ҷонашонро аз зарфи тан берун мекашанд ва онон мемиранд. Агар гӯш ба бадгӯён диҳӣ, ҳамаи ин гувоҳ бар он аст, ки наққошиҳои Ёсихидэ омехта бо ҷоду аст.

Аммо азбаски Ёсихидэ, чунонки пештар гуфтам, одами хориқулода буд, вай аз ин гуфтугузорҳо фахр

---

[1] Канавари Кудара (782–853) – наққоши жопунӣ; Канаока- наққоши жопунии интиҳои қарни XI.

мекард ва чун боре аълоҳазрат ба худ иҷоза дод, ки бо шухӣ бипурсад: «ту, ба назар мерасад, ки зиштиро дӯст дорӣ?» - вай бо заҳрханд дар лабони сурхаш, ки ҳеч мутобиқате бо синну солаш надоштанд, бо камоли худхоҳӣ гуфт: «Бале, ин ҳама наққошони зоҳирбин зебоии зиштиро намефаҳманд». Ӯ агар нахустнаққоши кишвар аст, бошад, вале инчунин изҳори ғурур кардан дар ҳузури аълоҳазрат… Беваҷҳ нест, шогирде ки ман қаблан ёд кардам, дар ғайбаш ӯро «Тираэйдзю» лақаб гузошта ва барои мағруриаш накуҳиш мекард. Шумо шояд бидонед: «Тираэйдзю» исми шайтонест, ки дар замонҳои қадим аз Чин ба кишвари мо омада буд.

Вале ҳатто Ёсихидэ, ҳатто ин мард, ки ҳеч касу ҳеч чизро эътироф намекард, як эҳсоси воқеъии инсонӣ дошт.

## 5

Ёсихидэ духтари ягонаи худ, ҳамон хидматгордухтарро девонавор дӯст медошт. Ман пештар гуфтам, ки ин дӯшиза фарзанди меҳрубон ва хубе буд, аммо меҳри падар ба духтар низ заррае камтар аз эҳсоси духтар ба падар набуд ва агар бигӯям, ин мард, ки боре ҳам маблаға барои маъбад хайр накарда буд, барои пироҳани духтараш ва ё васоили ороиши мӯйи ӯ ҳеч гоҳ пулро дареғ намедошт, шояд суханамро дурӯғ пиндоред.

Зимнан, меҳри Ёсихидэ ба духтараш танҳо дар он зоҳир мешуд, ки ӯро нозпарвард мекард, аммо аслан дар гӯшаи хиёлаш ҳам набуд, ки барои духтар шавҳари хубе пайдо бояд кард. На танҳо дар хиёлаш набуд, балки, агар ҷавоне дар гирду атрофи духтар мечархид, ба ҷустуҷӯи каллабурҳо мешуд, то ки ба ин ҷавони ҷасур ҳамла оваранду ӯро бикушанд. Ин аст, ки чун бо амри аълоҳазрат духтарро ба хидматгорӣ пазируфтанд, падари пир изҳори норизоӣ кард ва ҳатто дар ҳузури

аълоҳазрат чин дар абрӯ дошт. Шояд ба ин ваҷҳ буд, ки гӯшона мекарданд, аълоҳазрат роғиби зебоии духтар шуда ва ӯро ба рағми норизоии падараш дар дарбор нигоҳ медорад.

Зимнан, ин овозаҳо, агарчи дурӯғ буданд, рост аст, ки Ёсихидэ ба асари меҳраш ба духтар, пайваста хоҳиш мекард, ки фарзандашро аз хидмати дарбор муъоф доранд. Боре ки Ёсихидэ бо амри аълоҳазрат аз Мондаюи кӯдак чеҳранигорӣ мекард ва тасвири кӯдаки азизи аълоҳазрат хеле муваффақу ҷаззоб омад, вай хеле хушнуд ва бо лаҳни пурилтифот гуфт:

– Ба ту ҳар чӣ хоҳӣ ҳадя мекунам. Бидуни тардид хоҳишатро арз кун!

Пас Ёсихидэ – чӣ гумон мекунед? – густохона гуфт:

– Хоҳиш мекунам, духтари маро аз хидмат муъоф доред.

Дар дарборҳои дигар муомила дигар аст, аммо онҳое ки хидмати аълоҳазрат Хорикаваро мекунанд, пайваста мавриди навозишанд… Ин тавр одами дуруштмуомила, ки чунин беназокат ва бо чунин хоҳише муроҷиа намояд боз аз куҷо пайдо мешавад? Ин амр, зоҳиран, ҳатто аълоҳазратро, ки чунин меҳрубон аст ба хашм овард ва ӯ чанд лаҳза фақат ба рӯйи Ёсихидэ нигаристу баъд ба худ иҷоза дод, қотеъона «иҷоза нест» бигӯяд ва дафъатан аз ҷой бархезад. Ва чунин хоҳишҳо чанд бор такрор шуд. Акнун, ки ба хотир меоварам, мефаҳмам, ки аълоҳазрат ҳар бор сардтару сардтар ба Ёсихидэ менигарист. Худи духтар ҳам, шояд мушаввашхотир аз барои падар, зуд-зуд ба хонаи хидматгорон меомаду остин газида талх мегирист. Пас аз ин овозаи он ки аълоҳазрат ба духтари Ёсихидэ ошиқ шудааст, бештар паҳн шуд. Баъзе ҳатто мегуфтанд, ки пардаи азобҳои ҷаҳаннам ба ин хотир пайдо шуд, ки духтар ба майли аълоҳазрат муқовимат кардааст; вале, албатта, чунин нест.

Чунонки ман мефаҳмам, аълоҳазрат ба он хотир намехост духтари Ёсихидэро аз хидмат муъоф дорад, ки аз сарнавишти духтари ҷавон мушавваш буд. Ӯ бо илтифот бар ин андеша буд, ки духтар беҳтар аст дар дарбори ӯ, ки худро озод эҳсос мекунад бошад, аз он ки дар хонаи падари якраву худсар. Албатта, ӯ ба духтар меҳрубон буд. Аммо ин ки вай майлҳои шаҳвонӣ дар дил дошта бошад, хиёлоти воҳӣ асту бас. Ва на фақат хиёлот, ки дурӯғ аст, дурӯғе, ки ҳеч заминае надорад.

Аммо ҳар чи ҳам бошад, замоне ки Ёсихидэ ба сабаби духтараш тақрибан аз назари марҳамат уфтода буд, аълоҳазрат – намедонам чи андеша ӯро дар сар буд –ногаҳон наққошро ба назди худ хонд ва ӯро фармуд, пардаи азобҳои ҷаҳаннамро наққошӣ намояд.

## 6

«Пардаи азобҳои ҷаҳаннам» гуфтан кофист, ки ин манзараҳои мудҳиш пеши назар зоҳир шаванд.

Агар аз дигар тасовири азобҳои ҷаҳаннам сухан ба миён ояд, метавон гуфт: он чи ки Ёсихидэ ба тасвир овард, бо тоблуҳои наққошони дигар, пеш аз ҳама, чӣ тавр бигӯям, бо мавқеъияти суратҳову ашё тафовут дорад. Дар гӯшаи тоблу дар як табақаи хеле хурд даҳ нафар аз муваккилони дӯзах тасвир шудаанд, дар тамомии фазои дигар чунон оташи баланд забона кашида, ки тасаввур мекунӣ теғдарахтони руста дар шамшеркӯҳ оташ гирифта бошанд. Фақат дар ҷой-ҷой лаккаҳои зард ва кабуди либосҳои чинии ходимони дӯзах намудор мешавад, ба дигар ҷойҳо, ки чашм давонӣ танҳо шуълаҳои сурхфоми оташро мебинӣ ва дар миёни забонаҳои оташ чун салиби хамидаи мандзи[1], дуди сиёҳи ранги мушкии пошида печутоб мехурад ва

[1] Мандзи – тимсоли ҳиндии қадимаи хушбахтӣ ва накӯкорӣ.

шарораҳои шуълавари хокаи тилоии пароканида мепаранд.

Дар ҳамин андак ҳам неруи мӯқалам бинандаро ба ҳайрат меоварад, вале тасвири гунаҳкорон, ки дар оташ печутоб мехӯранд, аслан ҳоҷати гуфтан нест, чунин тасовир дар ҳеч як аз тоблуҳои маъмулии азобҳои ҷаҳаннам дида нашудааст. Ёсихидэ дар миёни шумораи зиёди гунаҳкорон одамони табақаҳои мухталиф, аз ашроф то гадоёнро ба тасвир овардааст. Мансабдорони олимақом бо либосҳои фохири дарборӣ, хонумҳои ҷавони малеҳманзар, ки пираҳанҳои абрешимӣ бар тан доранд, руҳониёни буддоӣ тасбеҳ дар даст, хидматгорони ҷавон бо кафшҳои чӯбии пошнабаланд, духтаракон бо пираҳанҳои танги дароз, фолбинон бо васоили фолбиниашон – ҳамаашонро наметавон баршумурд! Ин гунаҳкорон, ки дар миёни оташи шуълавару дуди сиёҳ аз сӯйи ходимони ҷаҳаннам, ки каллаи гову асп доранд, азият мешаванд, осемасар, чунонки барги дарахтро бод бибарад, ба ҳар тараф гурезонанд. Дар каноре як хонум, ки зоҳиран коҳинзан буда, аз мӯйи сараш ба панҷшоха авезон аст ва пойу дастонаш мисли дастони анкабут дарҳам кашида шудаанд. Дар ҷойе марде, эҳтимол мудири милке, ки ба синааш шамшер хаста шуда, мисли хаффош вожгун овезон аст. Якеро бо тозиёнаҳои оҳанин мезананд, дигареро харсанге, ки ҳазор нафар ҳам наметавонанд аз ҷой биҷунбонанд пахш карда, якеро мурғони даранда минқор мезананд, ба тани дигаре яшки аждаҳои заҳрдор халида аст–хулоса, анвои азобу азиятҳо низ мисли гунаҳкорон он қадар зиёд аст, ки бо баршумурдан ба интиҳояш намерасӣ.

Аммо даҳшатовартар аз ҳама гардунаи дар ҳоли уфтодан аст, ки то нимаи теғдарахт, ки нӯгаш чун ашки дарандае ба назар мерасад, лағзидааст. Дар паси пардаи бамбукӣ, ки аз шиддати боди ҷаҳаннам як канораш бардошта шудааст, зани ончунон рангуборкардае, ки

метавон гумон кард, надими шоҳхонум ва ё зани дарбориест бо мӯйҳои сиёҳи дарози оташгирифта, гардани сафедашро ба ақаб кашида, аз шиддати дард печутоб мехӯрад. Ҳам ин зан ва ҳам гардунаи оташгирифтааш дар пеши назар азобҳои ҷаҳаннамро ба таври зинда ба дид меоваранд. Чунон тасаввур мешавад, ки ҳамаи даҳшатҳои тоблу дар сурати ин зан мутамарказ шудааст. Ва ин ҳунар ончунон фавқулинсонист, ки чун ба тасвир менигарӣ, худ ба худ фарёдҳои даҳшатангез дар гӯшҳоят садо медиҳанд.

Чунин аст ин тоблу ва он воқиаи даҳшатбор низ барои он рух дод, ки ин тасвир офарида бишавад. Агар чунин набуд, ҳатто худи Ёсихидэ низ наметавонист азобҳои ҷаҳаннамро чунин воқиӣ ва муассир ба тасвир биёварад. Вай барои он ки ин тоблуро наққошӣ бикунад, он қадар ранҷу азоб дид, ки аз зиндагӣ ҳам сер шуд. Метавон гуфт, ҷаҳаннами тасвиршуда дар тоблу ҳамон ҷаҳаннамест, ки худи Ёсихидэ – нахустнаққоши кишвар низ ба он хоҳад рафт.

Шояд ман дар ҳикоят кардани ин пардаи аҷиби азобҳои ҷаҳаннам шитобкорӣ кардаму бисёр чизҳоро фурӯ гузоштам. Вале акнун бо оҳистагӣ, бо тааниӣ ҳикоятро бо низоми қаблӣ идома медиҳам ва ҳикоятамро аз он замон оғоз мекунам, ки Ёсихидэ аз аълоҳазрат фармон гирифт тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро биофаринад.

## 7

Муддати панҷ-шаш моҳ Ёсихидэ ба дарбор наёмад ва пайваста машғули наққошии тоблуи худ буд. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки чун ӯ ба худ мегуфт: «Хуб, акнун ба кор машғул мешавам», вай, ки фарзандашро хеле дӯст медошт, ҳатто духтарашро ҳам фаромӯш мекард. Он шогирде, ки қаблан дар боби ӯ нақл карда будам, ба

ман гуфт, вақте ки Ёсихидэ ба кор шуруъ мекард, гумон мекардӣ бар вуҷудаш рӯбоҳ мусаллат мешуд. Ва дар воқеъ ҳам дар он вақт овоза шуда буд, ки гӯё Ёсихидэ маҳз ба он ваҷҳ номи худро дар наққошӣ ҷовидонӣ карда буд, ки ба худои саодат назр карда буд. Баъзе ба таъйиди ин сухан мегуфтанд, ҳангоме ки Ёсихидэ ба наққошӣ машғул аст, пинҳон ба ӯ назар кунед ҳатман хоҳед дид, ки чи тавр дар атрофи ӯ – ҳам аз пешу ҳам аз пас ва аз ҳама тарафҳои дигар низ шабаҳи рӯбаҳон мегарданд. Ва воқеъият ин аст, ки чун ӯ мӯйқалам ба даст мегирифт, ба ҷуз тоблуи худ ҳамаи ҷаҳонро фаромӯш мекард. Вай рӯзу шабро дар хона мегузаронд ва аҳёнан ба берун мебаромад. Ва замоне, ки тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро мекашид, айнан мисли ҷунунзадагон шуда буд.

Вай на танҳо аз хона берун намеомад, балки пардаи тирезаҳоро низ мебаст ва зери нури чароғ махфиёна рангҳо мемолид ва ё шогирдонашро кимоноҳои мухталиф пӯшонида ва тасвири хар кадомро ҷудогона ва бо диққат мекашид. Аз чунин корҳои аҷибу ғариб ӯ ҳеч гоҳ худдорӣ кардан наметавонист, инчунин корҳоро ҳатто то замони ба наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро шуруъ намуданаш ҳам мекард. Вақте ки вай дар маъбади Рюгайдан тоблуи «Доираи зиндагӣ ва марг»-ро меофарид, оромонона дар назди ҷасадҳои уфтода дар роҳ, ки ҳар одами дигар талош мекард рӯй битобаду бигзарад, менишаст ва дастҳо, пойҳо ва рӯйҳои нимпусидаи онҳоро нуқта ба нуқта ба тасвир меовард. Аз куҷо чунин руҳия дар вай падид омада, камтар кас метавонад бифаҳмад. Ҳоло барои бо тафсил суҳбат кардан дар ин боб фурсати кофӣ нест, вале агар ба шумо муҳимтарин воқиаро дар ин боб ҳикоят бикунам, пас он чунин рух дода буд.

Боре, ки яке аз шогирдони Ёсихидэ (ҳамоне, ки дар борааш қаблан ҳам ҳикоят кардам) рангомезӣ мекард, устод ногаҳон ба назди ӯ омаду гуфт:

– Ман мехоҳам андаке ғанаб кунам. Аммо вақтҳои охир бештар кобус мебинам.

Дар ин амр, чизе ғайритабиӣ набуд ва шогирд бидуни он ки аз кор бозистад, кӯтоҳ гуфт:

– Хуб.

Вале Ёсихидэ – кӣ гумон мекард - бо ваҷоҳати ғайримаъмулии шармгинона хоҳиш кард:

– Вақти хоби ман дар канори ман наменишинӣ?!

Шогирд аз он дар ҳайрат уфтод, ки устод аз боби кадом хобе чунин андешаманд шуда, вале чун иҷрои хоҳиши ӯ душвор набуд, розӣ шуд. Устод боз ҳам бо изтироб ва то ҳадде шармгинона идома дод:

– Пас ба хонаи ақаб бирав. Ва агар шогирдони дигар оянд, бигӯ, ки ба назди ман надароянд.

Ин хона ҳамоне буд, ки вай тоблуҳояшро мекашид ва дар он ҷо дар паси дари чун шабона баста, дар нимарӯшноии чароғ тоблуи азобҳои ҷаҳаннам меистод, ки ҳоло танҳо ранги мушкиашро зада буданд. Вақте ки онҳо ба ин хона омаданд, Ёсихидэ сар ба рӯйи дасташ гузошту ба хоби амиқ рафт, гӯйи аз хастагӣ бемадор шуда буд. Вале ҳанӯз ним соат нагузашта буд, ки ба гӯши шогирд, ки дар канори ӯ нишаста буд, нолаҳои номафҳум, ки ташхиси маънояш душвор буд, расидан гирифт.

## 8

Нола баландтару баландтар шуда ва ба оҳистагӣ ба суханони канда-кандаи мураттаб бадал шуданд, – гӯйӣ касе ғарқ мешавад ва пайваста об аз даҳон берун андохта, дод мезанад.

– Чӣ мегӯӣ: «Ба назди ман биё?» Ба куҷо? – «Ба ҷаҳаннам биё. Ба ҷаҳаннами оташафшон биё!» – Ту кистӣ? Ту, ки бо ман сухан мегуӣ, кистӣ? Ту кистӣ? – «Ту худ чӣ гумон мекунӣ, кистам?»

Шогирд беихтиёр даст аз ранг омехтан боздошт ва зери чашм ҳаросон ба устод нигарист: чеҳраи пурожанги пирмард сафед шуда, дар он қатраҳои бузурги арақ пайдо шуда буданд, даҳонаш, ки чанд дандон беш надошт ва лабони хушкидааш калон кушода буданд, гӯйӣ нафасаш мегирифт. Андаруни даҳон чизе тез-тез меҷунбид, гӯйӣ бо ришта мекашиданд, – бале, забонаш буд, забонаш. Суханони канда-канда аз ин забон берун меомаданд.

– «Ту худ чӣ гумон мекунӣ, кистам?»– «Бале, ин туӣ. Ман ҳам бар ин гумон будам, ки туӣ. Ту барои бурдани ман омадӣ?» – «Ба ту гуфтам, ки биё. Ба ҷаҳаннам биё!» – Ба ҷаҳаннам… дар ҷаҳаннам маро духтарам интизор аст.

Шогирд ба ҳарос уфтод, ногоҳ ба назараш намуд, ки ангор сояҳои ларзону аҷибу ғарибе аз тоблу ғеҷида фуромаданд. Табиист, ки шогирд ҳамон замон даст ба сӯйи Ёсихидэ ёзид ва бо тамоми қувват ӯро ҷунбондан гирифт, то ки бедораш кунад, вале устод, ҳеч бедор намешуд ва ҳанӯз ҳам дар хоб гап мезад, ончунонки дар ҳоли таб олоӣ мегӯянд. Пас шогирд ҷуръат пайдо карду оберо, ки дар канор барои шустани мӯқалам гузошта буданд, ба рӯйи устод пошид.

– «Вай интизорат аст. Э, ба гардуна биншин… ба ин гардуна биншину ба ҷаҳаннам биё!..»

Ҳамон лаҳза ин суханон ба нола бадал шуданд, мисли он ки гулӯи гӯяндаро хафа карда бошанд ва Ёсихидэ чашм кушоду ончунон зуд ба по бархост, ки гӯйӣ сӯзан халонида бошандаш. Зоҳиран манзараҳои ғайриодии кобус ҳанӯз аз пеши чашмонаш дур нашуда буданд. Чанд лаҳза вай бо даҳони калон кушода ва тарсон

рост ба пеши худ нигоҳ кард ва ниҳоят ба худ омаду бо садои тунд фармуд:

– Ман худро беҳтар ҳис мекунам, акнун бирав!

Шогирд, ки медонист сухани устодро наметавонад ду бикунад, дар акси ҳол танбеҳ хоҳад шуд, зуд аз хона бадар рафт ва чун дубора рӯшноии офтобро дид, нафаси осуда кашид, гӯйӣ худ аз хоби даҳшатангез бедор шуда бошад.

Вале ин ҳанӯз чизе нест, масалан як моҳ баъд Ёсихидэ шогирди дигареро ба хона ба назди худ хонд: наққош бо дандон мӯқаламро газида дар нимарӯшноии нури чароғ нишаста буд ва якбора ба суйи шогирд, ки аз дар ворид шуд, рӯй тофта гуфт:

– Гӯш кун, аз ту хоҳише дорам: либосҳоятро бикашу урён шав!

Азбаски қаблан ҳам устод гоҳе чунин фармонҳо медод, шогирд зуд либосҳоро бадар карду луч шуд. Ёсихидэ ба таври аҷибе пӯзханд карду бо хунсардӣ гуфт:

– Ман мехоҳам ба марде бингарам, ки занҷирпеч кардаандаш, аз ин хотир каме заҳматро мутаҳаммил бошу хоҳиши маро иҷро намо!

Ин шогирд ҷавони тануманду бо китфу бозу ва дасти ӯ бештар аз мӯқалам боястаи шамшер буд, вале дар ин ҳол ҳатто ӯ тарсид. Баъдан, чун ӯ ин корро нақл мекард, ҳамеша такрор менамуд: «Ман хиёл кардам, мабодо устод аз ақл бегона шуда бошад, нияти куштани маро дошта бошад». Вале устодро зоҳиран тардиди ӯ ба хашм овард. Вай занҷири нозуки оҳаниеро, ки маълум нест аз кадом гӯша пайдо карда буд, бо дастонаш кашида, ногаҳон бо ҳаракати тунду тезе, чунонки ба душман ҳамла меоваранд, аз китфони шогирд дошт, бо зӯрӣ дастони ӯро тофт, ҳамаи баданашро занҷирпеч кард ва нӯгашро чунон сахт кашид, ки шогирд мувозанаро гум карда, рост ба фарш уфтод.

## 9

Дар он лаҳза шогирд ба шишаи уфтодаи сакэ монанд буд. Дасту пойҳояш сахт занҷирпеч буданд ва ӯ танҳо сарашро метавонист ҷунбонад. Афзун бар ин занҷир он қадар ба бадани фарбеҳаш фурӯ рафта буд, ки хун дар баданаш шах шуда ва на танҳо рӯйу синааш, балки пӯсти ҳамаи баданаш сурх гашта буд. Вале Ёсихидэро ин ҳол аслан мушавваш намесохт. Вай дар атрофи тани чун шиша уфтода давр зада, онро аз ҳар тараф нигоҳ мекард ва рӯйи коғаз тарҳҳое мекашид. Шогирди занҷирпеч чӣ азобҳое мекашид, ҳоҷати сухан гуфтан нест.

Агар ногаҳон воқиаи ғайриинтизоре рух намедод, ин вазъ эҳтимол дурудароз идома меёфт. Хушбахтона (ва шояд беҳтар аст, ки бигӯем, бадбахтона), аз кӯзае, ки дар кунҷи хона меистод, чун навори борик печутоб хӯрда, чизе монанд ба рӯғани сиёҳ берун хазид. Аввал вай хеле суст, чун моеи часпоне ба пеш ҳаракат мекард, вале баъд зудтару зудтар хазид ва шуоъ дода ба пеши димоғи шогирд омад. Шогирд бо душворӣ, сахт тарсида нолид: «мор, мор!» Ӯ баъдан ҳикоят кард, ки дар он лаҳза ба назараш чунин расидааст, ки хун дар баданаш шах шуда, – ва албатта, каси дигар ҳам ба чунин ҳол гирифтор мешуд. Мор андак монда буд, ки неши сарди худро ба гардани ӯ, ки занҷир азияташ медод, бихалонад. Ин дахолати ғайриинтизор ҳатто Ёсихидэи бетараҳҳумро тарсонид. Вай саросема муйқаламро дур афканду хам шуд ва дар они воҳид морро аз думаш бардошт ва мор сарозер овезон шуд. Мор тоб хӯрда сар бардошт ва ба худ печид, вале ҳеч натавонист ба дасти ӯ бирасад.

– Аз боиси ту тасвир ҳам ҳайф шуд, – вай бо садои гирифта ва дарғазаб ғурунгос зад ва морро ба кӯзаи кунҷи хона андохт ва дили нохоҳам занҷирро аз бадани

шогирд кушод. Ҳамин, тамом, вай ҳатто сухани хуше ҳам ба шогирдаш нагуфт. Бояст гуфт, вай бештар на аз он мутаассиф буд, ки мор андак монда буд шогирдро бигазад, балки натавонист тасвирро то ба охир бирасонад. Баъд маълум шуд, ки вай ин морро низ махсус нигоҳ дошта буд, то аз рӯяш расм бикашад.

Гумон мекунам, ҳикояти ин воқиа кофист, ки шумо то чи ҳадд ба кор дода шудани ӯ – ишқи ҷунуномези ӯро ба кор тасаввур бикунед. Аммо боз воқиаи дигареро нақл мекунам, ки чи тавр яке аз шогирдон, ҷавони сездаҳ-чаҳордаҳсола аз боиси тоблуи азобҳои ҷаҳаннам гирифтори ваҳшат шуд ва ин амр қариб боиси ҷон бохтанаш гардид. Ин шогирд пӯсте чун пӯсти занон сафед дошт. Боре бегоҳӣ устод ӯро ба хонаи худ даъват кард ва шогирд, ки ҳеч гумони баде надошт, ба ҳуҷраи ӯ рафт. Даромаду дид, ки Ёсихидэ дар ниматорикии чароғ бо даст ба кадом як парандаи барои ӯ ношинохта гӯшти хом медиҳад. Ин паранда тақрибан баробар бо гурба буд. Ва болҳояш низ ки мисли гӯш ба ду тараф дамида буданд ва чашмони калони каҳрабоияш ҳам гурбаро ба хотир меоварданд.

## 10

Ёсихидэ аслан таҳаммул надошт, ки касе ба корҳои ӯ мудохила бикунад. Бо мор, ки ҳикояташро кардам низ чунин буд ва умуман, дар мавриди он, ки дар хонаащ чӣ мегузарад, вай ба шогирдонаш ҳикоят намекард. Гоҳе дар рӯи мизи ӯ косаи сар пайдо мешуд, гоҳи дигар гулӯлачаи нуқраиранг ва ё лаъличаи сирдор; вобаста ба он ки вай чӣ наққоширо дар даст дошт, дар хонаи ӯ чизҳои ғайриинтизор пайдо мешуданд. Баъдан ӯ ин чизҳоро ба куҷо мебарад, касе намедонист. Зимнан бояд гуфт, ин овоза, ки ба кори вай худои саодат мусоидат мекунад, аз ҳамин ҷо пайдо шудааст.

Аз ин рӯ шогирд ҳам ба натиҷа расид, ки ин парандаи ношинос ба устод барои наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннам лозим шудааст ва дар назди ӯ қарор гирифта, бо эҳтиром пурсид:

– Даъватам карда будед?

Вале Ёсихидэ, гӯйӣ ҳарфи ӯро нашунид ва лабони сурхашро мазида, бо манаҳ ба сӯйи паранда ишора кард.

– Чӣ тавр, тамоман дастомӯз, а?

– Чӣ ном дорад? Ман чунин парандаро боре ҳам надидаам! – гуфт шогирд ва бо каме тарс ба парандаи гӯшдори гурбамонанд нигарист.

–Чӣ, надидаӣ? – пӯзханд кард Ёсихидэ. – Ту дар шаҳр тарбият гирифтаӣ, мушкилат ҳам ҳамин аст… Ин паранда бум ном дорад, чанд рӯз пеш як сайёд аз Курама туҳфа кард. Буми дастомӯз хеле нодир аст.

Бо гуфтани ин ҳарфҳо вай оҳиста даст ба сӯйи паранда, ки дигар аз ғизо хӯрдан фориғ шуда буд, ёзид ва оҳиста пушташро аз дум ба самти боло молид. Чӣ шуд? – ҳамон лаҳза паранда баланд садо дардода аз рӯйи миз бархост, чанголҳояшро боз кард ва рост ба сари шогирд парид. Агар вай фурсат намеёфт, ки бо даст рӯяшро пӯшонад, бум эҳтимол рӯшро чангол мезад. Шогирд аз тарс садо дардода остин меафшонд ва талош мекард бумро биронад, вале паранда минқор боз кардаву баста боз ба вай ҳамла меовард … Дигар шогирдро парвои он набуд, ки устод ҳузур дорад: вай гоҳе рост истода ҳамлаи бумро рафъ мекард, гоҳи дигар менишасту дур мерондаш, худро барои раҳоӣ аз ин тараф ба тарафи дигар мезад, парандаи ваҳшӣ низ аз дунболи ӯ буд, гоҳе боло мерафту гоҳ паст меомад ва талош дошт роҳе ёбаду ба чашмонаш ҳамлавар шавад. Дар ин ҳол вай бол ба ҳам мезад, бол меафшонд ва аз ин ҳол аз чӣ бошад ба назари шогирд чунин мерасид, ки чизе шабеҳи бӯйи баргҳои хазоншуда ё қатраҳои оби шаршара ва ё ҳатто

тааффуни меваҳои пусидаро, ки маймунҳо дар ковокии дарахтон пинҳон мекунанд, мешунавад… «Даҳшатовар» гуфтан кам аст. Дилаш фишурда шуд ва ба назараш намуд, ки рӯшноии хираи чароғ нури моҳтоб ва ҳуҷраи устод дараи кӯҳистонӣ аст, ки девҳо иҳотааш кардаанд.

Аммо шогирд на танҳо аз ҳамлаи бум тарсида буд. Не, вақте ки устод Ёсихидэ хунсардона ба ин вазъ нигариста, оромона сафҳаи коғазро боз кард, мӯқаламро гирифт ва ба тасвири ин манзараи даҳшатнок – чи тавр парандаи ваҳшӣ ҷавони мисли зан нозукандомро азият медиҳад, шуруъ намуд, мӯйи сари шогирд сих шуд. Шогирд лаҳзае бо гӯшаи чашм ин ҳолро дид ва тамоми вуҷудашро тарси ногуфтанӣ фаро гирифт ва ҳатто аз дил гузаронд, ки оё устодаш ӯро куштанӣ нест.

## 11

Бале, дар воқеъ наметавон гуфт, ки устод ба ин кор қодир набуд. Ба назар чунин мерасад, ки вай амдан шогирдро даъват карда буд, то бумро бар ӯ барангезад ва бо тарсу ҳарос ва осемасар гурехтани ӯро ба тасвир биоварад. Ин аст, ки чун шогирд бидид устодаш ба чӣ кор машғул аст, вай дасту по хӯрда, сарашро дар остин пинҳон кард, бо тамоми овоз дод зад ва ғунча заду печутоб хӯрда, дар гӯшаи хона, канори дар нишаст. Баъд аз ин Ёсихидэ, зоҳиран тарсид ва садо дардода бархост, вале садои бол афшондани паранда ҳам бештар шуд ва ҳамон лаҳза садои гӯшкаркунандае хонаро пур кард, гӯйӣ чизе уфтоду шикаст. Шогирд, ки аз тарс ниммурда буд, остин баргирифту сар бардошт ва дид, ки хона торик шуда ва танҳо овози ғазаболуди устод, ки шогирдонро садо мезанад, ба гӯш мерасад.

Ниҳоят аз дур кудоме аз шогирдон ҷавобан садо баровард ва шамъ дар даст шитобон ба хона даромад.

Дар рӯшноии шамъ, ки дуд мекард, диданд, ки чароғ фурӯ уфтода, рӯғанаш ба фарш рехтааст, бум ҳам рӯйи фарш мехобад ва музтарибона яке аз болҳояшро меафшонад. Ёсихидэ, ки бархоста буд, ҳамон тавр дар паси миз беҳаракат меистад ва ҳайратзада зери лаб суханоне номафҳум мегӯяд. Ва албатта, ин ҳол бе сабаб набуд: мори сиёҳ сар ва нимаи бадани бумро фишурда бадани вайро печонида буд. Эҳтимолан, вақте ки шогирд дар кунҷи хона ба худ мепечид, кӯзаро уфтонида буд. Мор аз кӯза ба берун хазид, бум хост морро минқор бизанад – ва ин ҳама ҳараҷу мараҷ ба миён омада. Шогирдон ба ҳам нигаристанд ва аз манзараи аҷиби пеши чашмашон ба ҳайрат омаданд, баъд хомӯш ба устод таъзим карданду бошитоб аз ҳуҷра берун шуданд. Мору паранда баъд куҷо шуданд, касе намедонад.

Чунин воқиот хеле зиёд рух додаанд. Ман фаромӯш кардам бигӯям, ки наққошии тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро ба наққош дар оғози тирамоҳ фармуда буданд ва шогирдон то охири зимистон аз турфакориҳои устод дар тарс ба сар мебурданд. Вале дар охири зимистон чӣ шуд, ки кори устод хуб пеш намерафт, чеҳраи ӯ гирифтатар шуд, вай бо асабоният сухан мегуфт. Аммо тоблу чунонки се чаҳорумаш тасвир шуда буд, ҳамон тавр мондан гирифт. Афзун бар ин, гоҳе наққош ба рӯйи тасвирҳои қаблӣ ранг мемолид ва ин кор ангор поён надошт.

Аммо он чи чиз буд, ки ба тавир намеомад, касе намедонист. Ба гумон аст нафаре ҳам талоши фаҳмидани онро карда бошад: шогирдон, ки худ таҷрибаи талх андӯхта буданд, чунон эҳсос мекарданд, ки дар қафасе ҳамроҳ бо паланг ё гург нишастаанд ва талош мекарданд ба чашми устод намудор нашаванд.

## 12

Дар ин муддат воқиае, ки сазовори нақл кардан бошад, рух надодааст. Танҳо … аз чӣ бошад, ки пирамарди якрав зуд-зуд мегирист; гоҳе танҳо ки мемонд мегирист. Як шогирд ба ман ҳикоят кард, ки боре вай бо коре ба боғ медарояд ва мебинад, ки устод зери долон истода ба осмони фасли баҳор менигарад ва чашмонаш пури ашканд. Шогирд худро нороҳат эҳсос мекунад ва хомӯш бармегардаду шитобон меравад. Оё аҷиб нест, ки ин марди худрой, ки барои тоблуи «Доираи зиндагиву марг» ҷасадҳои афканда дар рӯйи роҳро наққошӣ мекард, акнун ба иллати он ки наметавонад ончунон, ки мехоҳад тоблуеро ба тасвир биоварад, чун кӯдак мегиряд.

Аммо замоне ки Ёсихидэ чун ҷунунзадагон, гӯйӣ ақл бохта бошад барои халқи тоблу кор мекард, духтари ӯ ба чӣ сабаб бошад ғамгинтару ғамгинтар мешуд ва ҳатто мо медидем, ки вай зуд-зуд ашконашро фурӯ мебарад. Ӯ ҳамеша, андешаманд, хомӯшу ором буд, аммо акнун зери чашмонаш варамида, чашмонаш фурӯ рафта буданд – муҷассамаи андуҳ шуда буд дигар. Дар оғоз мо фикр мекардем, ки ё дар андешаи падараш аст ва ё ғами ишқе ба дил дорад, аммо баъд овоза шуд, ки аълоҳазрат хостааст ӯро ба иҷрои хостаҳои худ моил намояд ва пас аз ин гӯйӣ таноби овозаҳоро микроз заданд, ангор ба як бор ҳама духтарро фаромӯш карданд.

Боре шабона, пас аз он ки нигаҳбонон омаданд, ман ба танҳоӣ аз айвон мерафтам. Ногаҳон аз куҷое маймун Ёсихидэ пайдо шуду аз доманам кашидан гирифт. Шаби гарме буд, аз моҳтоб андаке нур метаровид, гӯйӣ накҳати олуҳои шукуфта ба димоғ мерасид. Ман дар рӯшноии моҳ дидам, ки – чӣ гумон мекунед – маймунак дандонҳои сафедашро намуда, бинӣ мекашаду мисли девонагон садо мебарорад. Ман асабонӣ шу-

дам, қаҳрам омад, ки домани навамро мекашад ва хостам канор бизанамашу роҳамро идома бидиҳам, вале баъд аз фикрам гаштам, зеро як бор хидматгоре маймунакро ранҷонида буд ва барои ин кор валиаҳд (писари аълоҳазрат) ӯро ҷазо дода буд. Ҳамчунин маълум буд, ки маймун беҳуда чунин рафтор намекунад. Баъд аз ин ман хостам бифаҳмам, ки чӣ шуда ва чанд қадам ба самте, ки маймун мекашидам, рафтам.

Ҳамин тавр ман дар ҷойе қарор гирифтам, ки айвон ба кунҷ тоб мегардад ва аз он ҷо аз паси шоххои хамида, истахр, ки ҳатто дар ниматорикии шабонгаҳ каме медурахшид, намудор буд. Ва ногаҳон ман аз ҳуҷраи паҳлӯям садои музтариб ва дар айни ҳол пасти баҳсеро шунидам ва каме тарсидам. Атроф ҳама ғарқа дар оромӣ буд, садои одамие ба гӯш намерасид ва танҳо дар анвори моҳтоб гӯям ё дар торикии шаб – яқин намедонам, – садои шинои моҳиён шунида мешуд. Аз ин рӯ бо шунидани ин садоҳо ман беихтиёр истодам. «Агар касоне ҳазлу шӯхӣ мекунанд, ба чашмашон нишон медиҳам» – аз дил гузаронидам ман ва нафас ба дарун кашида, оҳиста ба дар ҷафс шудам.

## 13

Эҳтимол ба назари маймунак расид, ки ман диранг мекунам. Вай бетоқатона дар атрофи пойҳои ман мегардид, баъд бо дард нола кард, гӯйӣ хафааш мекарданд, ва ногаҳон ба китфи ман ҷаҳид. Ман беихтиёр сарамро гардондам, хостам аз ӯ халос бишавам, вале маймун барои он ки науфтад, ба остини ман часпид – ва дар ин дақиқа ман комилан ихтиёр аз даст дода, калавидам ва танам ба дар бархӯрд. Дар ин ҳол дигар намешуд интизор буд. Ман зуд дарро боз кардам ва мехостам ба гӯшаи торики ҳуҷра бидавам, вале ҳамон лаҳза бо тарс таваққуф намудам, зеро аз муқобили ман,

чун тире, ки аз камон мепаронанд, зане худро ба берун зад. Дар назди дар вай қариб ба ман бархӯрда буд, ба берун баромаду ногаҳон ба зону зад ва бо душворӣ нафас гирифта, ҳаросон дида ба ман дӯхт, гӯё дар баробараш чизе даҳшатнок дида бошад.

Ман, гумон мекунам, ҳоҷат нест, ки бигӯям ин зан духтари Ёсихидэ буд. Вале он шаб вай дар назари ман ҳеч шабеҳ ба худаш набуд. Чашмонаш калон кушода буданд. Рухсораҳояш суп-сурх афрӯхта. Афзун бар ин, либосҳои беназмаш малоҳате бахшида будандаш, ки барои чеҳраи ҳамеша бачагонаи вай ғайриодӣ буд. Оё мумкин аст, ин духтар воқиан ҳам духтари меҳрубон ва ҳаросони Ёсихидэ бошад? Ман ба дар такя додаму ба ин андоми зебои духтарона, ки маҳтоб рӯшноӣ медод, нигаристам ва бо ишора ба самте, ки қадамҳои шитобон дуршавандаи касе шунида мешуд бо чашмонам пурсидам: кист?

Вале духтар лаб газиду хомӯш сар ҷунбонд. Чеҳрааш хеле ғамгин буд.

Пас ман хам шудаму лаб фарогӯшаш ниҳода ба садои паст пурсидам: «Кӣ?» Вале ӯ боз ҳам танҳо сар ҷунбонду ҳарфе нагуфт. Афзун бар ин, дар мижгонҳои дарозаш ашк падид омад ва ӯ сахттар лаб газид.

Ман зани табиатан кундфаҳм ҳастам ва ба ҷуз чизҳои сода ва барои ҳама мафҳум ақлам ба чизе намерасад. Ба ин сабаб ман намедонистам дигар чӣ бигӯям ва муддате беҳаракат, гӯйӣ гӯш ба садои дили духтар ниҳода истодам. Ва ба назарам менамуд беш аз ин чизе пурсидан аз ӯ хуб ҳам нест.

Ин ҳол чӣ қадар идома ёфт, намедонам. Ниҳоят ман дарро пӯшидам ва рӯй ба духтар, ки то ҳадде ба худ омада буд, гардонидам ва ҳарчи нармтар гуфтам: «Ба ҳуҷраи худ бирав». Баъд бо дили пуризтироб, мисли он ки чизи мамнуеро дида бошам, худро нороҳат эҳсос намуда, – вале дар назди кӣ, намедонам, – роҳамро идома

додам. Вале ҳанӯз даҳ қадам нарафта, боз ҳам касе бечуръатона аз қафои доманам кашид. Ман ҳаросон ба пас нигаристам. Чӣ хиёл мекунед, чиро дидам?

Мебинам дар назди пойҳоям маймунак Ёсихидэ истода ва чун одамон дастонашро пеши бар ҷамъ оварда, садои зангӯлаи тилоиашро баровара, ба ман таъзим мекунад.

## 14

Пас аз воқиаи имшаб тақрибан бист рӯз гузашт. Боре Ёсихидэ ногаҳон ба боргоҳ омад ва аз аълоҳазрат бор хост: наққош одами табақаи поин буд, вале аз солҳо пеш мушарраф ба илтифоти аълоҳазрат шуда буд. Ва аълоҳазрат, ки ҳар киро ҳам бошад бо душворӣ ба ҳузур мепазируфт, ин дафъа ҳам иҷоза фармуд ва дафъатан ӯро ба ҳузур хонд. Ёсихидэ чун ҳамеша карагини зарди торик ва момиэбоси ғиҷимшуда бар тан дошт; вай бо чеҳраи бештар аз пештар гирифта сар ба пеши аълоҳазрат фуруд овард ва бо овози гирифта гуфт:

– Ман мехоҳам дар хусуси тоблуи азобҳои ҷаҳаннам, ки аълоҳазрат чанд моҳи пеш наққошиашро ба ин ҷониб фармуда буданд, суҳбат бикунам. Ман шабу рӯз талош ба харҷ додам, мӯқалам аз даст фурӯ нагузоштам ва ноил ба муваффақият шудам. Қисми бештари кор анҷом ёфт.

– Хеле хуб, ман розӣ ҳастам.

Вале садои аълохазрат, ки илтифот фармуда ин чанд вожаро изхор кард, андаке хаста ва бидуни тафовут буд.

– На, хеле хуб нест! – Ёсихидэ бо чеҳраи қаҳролуд чашм поин андохт. – Қисми бештари тоблу ба охир расида, вале як чиз ҳаст, ки ман ҳеч наметавонам тасвир бикунам!

– Чӣ гуфтӣ?! Наметавонӣ тасвир бикунӣ?

– Бале, наметавонам. Ман ҳаргиз чизеро, ки надидаам, наметавонам тасвир бикунам. Агар тасвир бикунам ҳам, аз он розӣ нестам. Розӣ набудан баробар бо натавонистан аст.

Аълоҳазрат чун ин ҳарфхоро шунид, тамасхуромез табассум кард.

– Пас ту барои он ки тоблуи азобҳои ҷаҳаннамро бикашӣ, бояд ҷаҳаннамро бибинӣ?

– Бале, аълоҳазрат дурусту рост фармуданд. Аммо ман чанд соли қабл сӯхтори бузург ва забонаҳои баланду шадиди оташро дида будам ва онро мешавад оташи ҷаҳаннам гирифт. Оташи тасвиршуда дар тоблуи «Ёдзиро-Фудо»-ро низ ман пас аз дидани он сӯхтор тавониста будам наққошӣ кунам. Аълоҳазрат ин тоблуро дидаанд.

– Гунаҳкоронро чӣ? Ходимони ҷаҳаннамро низ, гумон намекунам, ба чашми худ дида бошӣ!

Аълоҳазрат бо чунон қиёфае суол медод, ки гӯйӣ суханони Ёсихидэро аслан нашунида буд.

– Ман одами занҷирпечро дидаам. Тасвири марди дар чанголи парандаро низ айнан аз воқиият ба тасвир овардам. Яъне наметавон гуфт, ки ман азобҳои гунаҳкоронро тамоман намедонам. Ходимони ҷаҳаннам... – Ёсихидэ лаб кач карду пӯзханд намуд, – ходимони ҷаҳаннамро низ чанд бор дар хоб ва ё дар ҳоли руъё дидаам. Шайтонҳо бо башараи гов, бо сари асп ва ё бо се рую шаш даст, оҳиста, даст ба каф зада, бе садо даҳон боз карда, мешавад гуфт, ки ҳар рӯзу ҳар шаб барои азият кардани ман меоянд. Не... он чи ман мехоҳаму тасвир кардан наметавонам – инҳо нестанд.

Чунин суханон, зоҳиран ҳатто худи аълоҳазратро ба ҳайрат оварданд. Аълоҳазрат чанд лаҳза норозӣ ба Ёсихидэ нигарист ва баъд қаҳролуд чин ба абрӯ афканда, пурсид:

– Бигӯ, ки чиро наметавонӣ ба тасвир биоварӣ?

## 15

– Ман мехоҳам дар маркази тоблу гардунаи дар ҳоли уфтодан аз баландиро ба тасвир биоварам.

Ёсихидэ бо гуфтани ин сухан бори аввал бодиққат ба чеҳраи аълоҳазрат хира шуд. Ман пештар шунида будам, ки вай чун аз тоблуҳояш сухан мегӯяд, шабеҳи девонагон мешавад, дар ин лаҳза воқиан ҳам нигоҳи ӯ ҳаросангез буд.

– Дар дохили гардуна, – идома дод наққош, – хонуми малеҳманзари дарборӣ, бо мӯйҳои сиёҳи оташгирифта ва парешон аз дард печутоб мехӯрад. Вай нафастанг бар асари дуд ва бо абрувони каҷу килеб рӯй ба самти боло кардааст. Дасташ дар ҳоли баркандани пардаи бамбукӣ аст, эҳтимол ба ин васила мехоҳад аз шуълаҳое, ки аз парда ба андомаш мерезанд, раҳоӣ ёбад. Дар болои сари ӯ бо минқорҳои боз даҳ, бист парандаи ваҳшӣ болафшонӣ мекунанд... Ҳамин хонуми даруни гардунаро, ҳамин занро ман ҳеч наметавонам тасвир бикунам!

– Баъд чӣ? – ба чӣ сабабе аълоҳазрат бо қиёфаи хушҳолона наққошро ба идомаи суҳбат таҳрик кард.

Ва Ёсихидэ бо лабони чун дар ҳоли табларза ларзон ва сурхаш, чунонки дар хоб бошад, такрор кард:

– Ҳамин занро ҳеч наметавонам тасвир бикунам... – Ва ногаҳон қотеъона, гӯйӣ ба касе ҳамла меоварда бошад, дод зад: – Хоҳиш мекунам, аълоҳазрат – бифармоед дар пеши чашмони ман гардунаро оташ бизананд. Ғайр аз ин, агар мумкин бошад...

Чеҳраи аълоҳазрат турш шуд, аммо ногаҳон баланд хандид. Ва дар ҳоле, ки аз ханда нафасаш мегашт, фармуд:

– Ман ҳарчи хоҳише дорӣ иҷро мекунам. Аслан фикр накун, ки мумкин аст ё на.

Ман чун ин суханро шунидам, дилам таҳ рафт ва якбора ба ҳарос уфтодам. Ва воқиан чеҳраи аълоҳазрат ғайриодӣ буд, – дар лабонаш кафк, абрувонаш гиреҳ уфтода, гумон мекардӣ, ки ҷунуни Ёсихидэ ба ӯ ҳам сироят кардааст. Аълоҳазрат дигар мехост лаб фурӯ бибандад, вале ногаҳон, гӯйӣ, ки чизе дар ботинаш ба таҳрик омад ва ё боз беист ба ханда омад ва гуфт:

– Гардунаро оташ мезанам, дар дохили он хонуми малеҳманзарро бо либосҳои дарборӣ менишонам. Ва ин зан андаруни гардуна, дар иҳотаи оташу дуд, бо азият ҷон медиҳад. Он ки ин манзараро тасаввур карда ва меҳоҳад ба тасвир оварад, воқиан наққоши аввали ҷаҳон аст! Аҳсант. Аҳсант.

Ёсихидэ баробар бо шунидани суханони аълоҳазрат ранг бохт, танҳо лабонаш меҷунбиданд, хиёл мекардӣ бо даҳон ҳаворо фурӯ мебурд ва ногаҳон, гӯйӣ мадор аз танаш рафт, дастонашро ба фарш гузошту оҳиста, чунон оҳиста, ки ба душворӣ мешуд шунид, изҳори сипос кард:

– Ин саодати бузург аст!

Зоҳиран бо шунидани суханони аълоҳазрат ҳамаи даҳшатҳои андешааш дар пеши назараш муҷассам шуданд. Дар тамоми умрам ман танҳо дар ҳамин маврид буд, ки дилам ба ҳолаш сӯхт.

## 16

Ин воқиа пас аз ду-се рӯз, шабона рух дод. Аълоҳазрат мувофиқи ваъдаи худ, фармуд Ёсихидэро даъват бикунанд, то ки ӯ бо чашмони худ чӣ тавр ба коми оташ рафтани гардунаро бибинад. Албатта, ин кор на дар кохи соҳили Хорикава рух дод. Гардунаро дар бӯстонсарои берун аз шаҳр, ки дар он қаблан, гумон

мекунам, хоҳари аълоҳазрат ба сар мебурд, оташ заданд. Ин бӯстонсароро мардуми авом «Кохи Юкигэ» ном ниҳода буданд. Дар ин «Кохи Юкигэ» чанд сол буд, ки касе зиндагӣ намекард ва боғи бузургаш низ, рӯ ба харобӣ ниҳода буд. Ин ҷойро, эҳтимолан бо пешниҳоди онҳое, ки медонистанд, дар кох касе нест, интихоб намуда буданд. Дар бораи хоҳари аълоҳазрат низ, ки дар ин ҷо фавт карда буд, овозаҳои мухталиф паҳн шуда буданд; масалан мегуфтанд, ки ҳанӯз ҳам дар шабҳое, ки моҳ намудор намешавад, пироҳани мулаввани вай бидуни он ки ба замин бирасад ба таври асроромезе лағзон убур мекунад. Ин ҷо, ки рӯзона низ тирафом буд, шабона дар партави нури ситораҳо кулангҳои ботлоқӣ бо садои маҳиб мисли ҷонварони ваҳшатангез дар парвоз буданд.

Он вақт низ шаби торики бемаҳтоб буд. Дар рӯшноии шамъдонҳо дида мешуд, ки чи тавр аълоҳазрат бо либосҳои боргоҳ – наосии зард ва хакамии сурхи торики тамғадор, –дар канори айвони беруна, пойҳояшро ҳалқа зада, дар рӯи болишт нишастааст. Дар атрофи ӯ бо эҳтироми хос наздиконаш нишаста буданд. Дар миёни онҳо қабл аз ҳама паҳлавонсурате ба назар мерасид, ки мегуфтанд чанде қабл, ҳангоми ҷанг дар Митиноку вай аз фарти гуруснагӣ гӯшти одам хӯрдааст ва аз он пас метавонад шохи оҳуи зиндаро бишканад. Ӯ бо қиёфаи бовиқор, миёнбанди паҳн дар камар, шамшер, ки дастааш поинрӯ буд дар даст, дар гӯшае менишаст. Бод оташи шамъдонҳоро меларзонд ва тани одамон гоҳе дар рӯшноии шамъ намудор мегардид ва гоҳе ба паси пардаи торикӣ мерафт. Ин ҳама монанд ба хоб буд ва сабаб чист, ки ҳарос меангехт.

Дар боғ гардунае меистод, ки ба он аспон баста нашуда ва шотуяш ба рӯйи суфа гузошта шуда буд. Гардунаро бо зеварҳои ороишиаш гузошта буданд ва ин зеварҳо чун ситора ҷило медоданд. Қисмати болоии

гардуна ғарқа дар торикии анбуҳ буд ва чун ба он нигоҳ мекардед, ларзиши сарде дар тахтапушт мавҷ мезад, агарчи баҳор фаро расида буд. Пардаи бамбукии кабуд, ки канораҳояш нақшдӯзӣ шуда буд, то ба поин фуроварда шуда ва дохили гардунаро аз назарҳо ниҳон медошт. Дар атрофи гардуна хидматгорон машъалҳои фурӯзони коҷӣ дар даст дар ҳоли омодабош истода ва муроқиб буданд, ки дуд ба самти айвон наравад.

Худи Ёсихидэ каме дуртар дар муқобили айвон сари по нишаста буд. Ӯ каригин дар тану кулоҳи ғиҷими момиэбоси бар сар дошт, вале бо ин пӯшоки доимии худ, ин бор кӯчактар ба назар меомад, гӯйӣ ҳама вазни осмони пурситора фишор оварда будаш. Дар паси ӯ айнан бо чунин либос, ба эҳтимоли қавӣ шогирдаш нишаста буд. Азбаски ин ду хеле дур ва дар торикӣ қарор доштанд, аз ҷойи ман дар зери айвон ҳатто намешуд ранги пироҳанашонро ташхис дод.

## 17

Нимашаб наздик мешуд. Торикӣ, ки боғро бо дарахтону ҷӯйҳояш фаро гирифта буд, ҳама садоҳоро фурӯ мебурд ва дар сиёҳии он, ки ба назар мерасад нафас кашидани худро мешунавӣ, танҳо наҷвои нарми насим ба гӯш меомад; дар ҳар бори вазидани насим бӯйи дуди машъалҳо ба димоғ мерасид. Аълоҳазрат, ки муддате хомӯш ба ин манзараи аҷибу ғариб нигарист, баъд ба пеш хам шуда, баланд садо зад:

– Ёсихидэ!

Наққош зоҳиран посухе гуфт, вале ба гӯши ман фақат нолиши номафҳуме расиду бас.

– Ёсихидэ, ман имшаб, чунонки ту хоста будӣ, гардунаро месӯзонам.

Аълоҳазрат бо ибрози ин ҳарф нигаҳи кӯтаҳе ба атрофиён афканд. Дар ин лаҳза онҳо нигоҳҳои пурмаънӣ

ба ҳамдигар карда ва табассум намуданд ва ё эҳтимол ба назари ман чунин расид. Ёсихидэ сар бардошту бо эҳтиром ба айвон нигарист, вале сухане нагуфт.

– Бо диққат нигоҳ кун! Ин гардунаест, ки ман пештар савор мешудам. Худат эҳтимол дар ёд дорӣ. Ман мехоҳам ҳамин ҳоло онро оташ занаму ба ту ҷаҳаннами оташзоро нишон бидиҳам. – Аълоҳазрат хомӯш шуд ва боз нигаҳе ба атрофиён кард. Баъд якбора хеле тунд гуфт: – Дар дохили гардуна зани ҷинояткоре бо тани баста нишастааст. Яъне чун гардунаро оташ мезананд, ин нобакор ҳам туъмаи оташ мегардад, устухонҳояш сиёҳ мешаванд ва худаш бо азобҳои алим мемирад. Барои тоблуи ту ин манзараи аёнии беназир хоҳад буд! Ҳама тан чашм шав, бо диққат нигоҳ кун, ки чи тавр пӯсти сафед аланга мезанад. Хубтар бингар, ки чи тавр мӯйҳои сиёҳ оташ гирифта, шӯълаҳо ба атроф мепароганад.

Аълоҳазрат бори севум хомӯш шуд, вале баъд, гуйӣ чизеро ба хотир оварда ва хандида – аммо ин бор хандааш бесадо буд, танҳо китфонаш ларзиданд, – изҳор дошт:

– Чунин манзараро то охири умр нахоҳӣ дид! Ман ҳам онро тамошо мекунам. Ку, пардаҳоро боло кунед, ба Ёсихидэ нишон бидиҳед, ки дар гардуна кист!

Бо шунидани амри аълоҳазрат яке аз хидматгорон машъал дар даст ба назди гардуна омад ва даст дароз карда, бо як ҳаракат пардаро канор зад. Забонаҳои сурхфому ларзони машъали фурӯзон дохили танги гардунаро рӯшан кард. Зане, ки бераҳмона занҷирпеч шуда буд… худоё, ҳеч кас наметавонист иштибоҳ кунад! Мӯйҳои сиёҳи латиф хеле малеҳ аз болои пироҳани абрешумии муҷалло бо гулҳои олу фурӯ хамида буданд, сархораҳои тиллоии муйсар медурахшиданд. Аз пӯшокаш ӯро намешуд шинохт, вале бадани нозук, гардани сафед ва чеҳраи ғамгини шармгинаш… Духтари

Ёсихидэ буд ӯ! Ман бо душворӣ тавонистам аз фарёд кардан худдорӣ бикунам.

Ҳамон дам… паҳлавон, ки дар муқобили ман менишаст, аз ҷой бархост ва даст ба дастаи шамшер бурда, нигоҳи пурғазаб ба Ёсихидэ фиристод. Ман, ки хеле тарсида будам, дидам, ки Ёсихидэ андаке монда буд беҳуш бишавад. То ин дам вай дар поин сари зону нишаста буд, вале акнун аз ҷой барҷаст ва ду даст ба пеш дароз карда, ҳамаро фаромӯш намуда, хост ба назди гардуна бидавад. Мутаассифона, вай дур аз ман қарор дошт ва шаб ҳам торик буд ва ман натавонистам қиёфаашро бибинам. Вале ҳанӯз фурсате, ки ман аз ин амр афсус бихӯрам, фаро нарасида буд, ки ногаҳон чеҳраи рангпарида ва бехуни Ёсихидэ, не, чеҳрааш не, балки ҳамаи бадани ӯ, гӯйӣ, ки аз сӯйи неруи ноаёне ба ҳаво бардошта шуд ва торикиро дарида, хеле возеҳ дар баробари чашмони ман қарор гирифт. Зеро бо амри аълоҳазрат: «оташ бизанед», хидматгорон машъалҳоро ба гардуна андохтанд ва гардуна, ки андарунаш духтари наққош нишаста буд, оташ гирифт.

## 18

Оташ ба зудӣ қисмати болоии гардунаро фаро гирифт. Шилшилаҳои нилуфарӣ, ки дар канораҳои гардуна овехта буданд, чун аз вазиши бод алвонҷ мехӯрданд, аз поин ҳалқаҳои дуд, ки ҳатто дар торикӣ сафед менамуданд, фаввора мезаданд, шарораҳои оташ чун қатраҳои борон фурӯ мерехтанд, гӯйӣ ё парда, ё остини гулдӯзии остини пироҳани зан ва ё шаддаи зевар ба якбора гусаста, пош хӯрда бошанд… Даҳшатбортар аз ин чизеро наметавон тасаввур кард. Оташеро, ки забонаҳои шуълаварашро ба атроф ёзида, баданаи гардунаро танг дар оғӯш гирифта ва сар ба осмон афрохта буд, чӣ сон метавон тасвир кард? Гумон мекардӣ, ки офтоби

осмон фурӯ ғалтида ва оташи осмонӣ ба замин рехтааст. Дар лаҳзаи аввал ман қариб буд фарёд бизанам, вале баъд ангор ҷон баданамро тарк гуфт ва ман фақат бо ваҳшату даҳони воз ба ин манзараи даҳшатангез менигаристам. Аммо падар, Ёсихидэ….

Ман то имрӯз ҳам наметавонам чеҳраи Ёсихидэро фаромӯш кунам. Вай моил шуд, хешрову оламро фаромӯш карда, худро ба гардуна бирасонад, вале дар лаҳзае, ки оташ аланга зад, бозистода ва дастҳо ба пеш ёзида, нигаҳ барнаканда, бо диққат ба он ҷо нигарист, гӯйӣ дуде, ки гардунаро фаро гирифта буд, ӯро ба худ ҷазб мекард. Чеҳраи пурчин ва кареҳи ӯ, ки аз шӯълаи оташ рӯшан буд, то поини ришаш возеҳ дида мешуд. Чашмони калон боз, лабони каҷу килеб, рухсораҳои пир-пир парандааш… тамоми даҳшат, ноумедӣ, тарс ки пайи ҳам қалби ӯро фаро гирифта буданд, дар чеҳрааш падид меомаданд. Дузд пеш аз қатл, гунаҳкори муртакиб ба даҳ гуноҳу панҷ шарорат, ки дар назди муроқибони дӯзах қарор мегирад, – баъид аст, ки ҳатто онҳо чунин чеҳраи азияткашида дошта бошанд. Ва ҳатто паҳлавон ранг бохт ва бо тарс ба аълоҳазрат нигарист.

Вале аълоҳазрат лаб газида ва фақат гоҳе ҳавлангез хандида, чашм аз гардуна намеканд. Аммо дар он ҷо… он чиро, ки ман дар он ҷо дидам, ҷуръатам кифоят намекунад, ки муфассал ҳикоят бикунам. Он сару сурати ба пас хамхӯрдаи зани аз дуд хафақоншуда, он мӯйҳои дарози печида, он пироҳани зебои гулиолуболудӯхта, ки дар пеши назари ҳама ба хокистар бадал шуд…. оҳ, оҳ чӣ қадар даҳшат буд дар ин ҳама! Ба хусус дар лаҳзае, ки мавҷи боди шабона дудро пароканд ва андаруни оташи ларзон, аз паси пардаи зарраҳои сурхфоми шафақгун ба дид омад, ки чӣ тавр духтар моҳутеро, ки даҳонашро баста буданд мегазад, чи тавр печутоб мехӯрад, гирди худ мечархад, гӯйӣ ҳамин лаҳза занҷир гусаста мешавад, – оҳ, оҳ, дар ин лаҳза мӯйи сари ҳама,

аз ман гирифта то он паҳлавон аз даҳшат сих шуд, гӯйӣ ки бо чашмони худ азобҳои ҷаҳаннамро дида будем!

Ва инак боз мавҷи боди шабона аз сари шохи дарахтон гузашт… Эҳтимол ҳама чунин гумон карданд. Ва дафъатан пас аз он ки ин садо аз осмони торик убур кард, ногаҳон як чизе сиёҳ, ба замин нарасида, дар ҳаво муаллақ намонда – чун тӯб, бо як хати мустақим аз боми Кох рост ба даруни гардунаи дар туъмаи оташ уфтод. Ва дар паси мушаббаки сӯхта, ки дуд мекард, ба китфони ақибпартофтаи духтар часбид ва садое тез, чун садои нахи шоҳии гусаста, тӯлонӣ ва дардомез дардод… боз… ва боз, се бор… Мо ҳама беихтиёр фарёд задем: дар пасманзари девори оташин, худро ба духтар ҷафс карда маймуни мулаққаб ба Ёсихидэ, ки дар Кохи соҳили Хорикава баста будандаш, ба худ мепечид.

## 19

Вале ҷонвар танҳо як лаҳза намудор шуд. Анбуҳи шарораҳои тилоӣ ба осмон париданд ва ҳамон лаҳза на танҳо маймун, балки духтар низ дар паси фаввораи дуди сияҳ ниҳон шуд. Акнун дар боғ чарсу чурс садо дода танҳо гардунаи дар коми оташ аланга мезад. Не, саҳеҳтар, на гардунаи дар коми оташ, ки сутуни оташ, сутуни оташ, ки ба осмони ситоразор забона мезад.

Ёсихидэ, гӯйӣ ки дар назди ин сутуни оташ мунҷамид шуда буд… Вале, аҷиб: вай, ки то кунун ба назар мерасид азобҳои ҷаҳаннамро ба тасвир меоварад, акнун дастон рӯи ҳам ба қафаси сина гузошта, зоҳиран ҳузури аълоҳазратро низ фаромӯш карда, бо ҷилое тасвирнопазир дар чеҳраи пурожангаш – метавон гуфт, бо ҷилое, ки зодаи ваҷди ҷунуномез аст, истода буд. Гумон мекардӣ, ки чашмони ӯ чи тавр бо азобу азият ҷон додани духтарашро надидаанд. Зебоии шуълаҳои сурхфоми оташ ва бадани андаруни оташ печутобхӯрдаи зан

қалби ӯро ба ваҷд оварда ва бар вуҷуди ӯ комилан мусаллат шуда буд.

Замоне ки ӯ ба азобҳои ҷонкоҳи духтараш менигарист, на фақат чашмонаш медурахшиданд. Дар ин лаҳзаҳо ҳама вуҷуди Ёсихидэро ҳишмате асроромез, метавон гуфт, ҳишмати ғайриинсонӣ ва шабеҳ ба шаҳомати шери олуғда, ба он сон, ки ба хоб медарояд, фаро гирифта буд. Ва ҳатто парандагони сершумор, ки аз оташи ногаҳонӣ рамида ва садо дода дар ҳаво мечархиданд, ҳатто онҳо – вале шояд ба назар чунин менамуд, – ба кулоҳи ғиҷимшудаи ӯ наздик намеомаданд. Зоҳиран, ҳатто чашмони парандагони бераҳм ин ҳишмати аҷибро, ки сари Ёсихидэро бо дурахши тилоӣ фаро гирифта буд, дида буданд.

Ҳатто парандагон. Чи расад ба мо, ки мо ҳама то ба хидматгорон, нафас набароварда, бо тани ларзон ва пур аз эҳсоси хурсандии номафҳум чашм аз Ёсихидэ, ки ба назарамон Буддои тозазуҳур менамуд, намекандем. Шуълаҳои гардунаи дар оташ, ки дар зери осмон садо медод ва Ёсихидеи бар асари он ба ваҷд омада… Оҳ, оҳ, чи ҳишмату чи ваҷде! Ва фақат аълоҳазрат дар боло, дар айвон бо чеҳраи каҷукилеби ноошно, рангканда, кафк бар лаб, чанг ба зонувон, ки бо абрешуми бунафш пӯшида буд, зада чун ҳайвони ҳалқаш хушк, нафасгардон шуда бо даҳон ҳарисона ҳаво ба дарун мекашид…

## 20

Хабари ин, ки дар ин шаб аълоҳазарат дар «Кохи Юкигэ» гардунаро оташ задаст, худ ба худ дар ҳама ҷо паҳн шуд ва ҳар гуна овозаҳо пайдо шуданд: аввалан, чаро аълоҳазрат духтари Ёсихидэро ба коми оташ дод? Бештар ба ин назар буданд, ки ин амр интиқоми ишқи радшуда аст. Вале андешаи аълоҳазрат комилан моил ба чизи дигаре буд: вай мехост наққоши бадаъмолро,

ки ба хотири тоблуи худ майл дошт гардунаро бисӯзаду одам бикушад, адаб биомӯзад.

Дар воқеъ ман ин ҳарфҳоро аз худи аълоҳазрат шунида будам.

Аммо Ёсихидэ, ки духтараш дар пеши назараш дар оташ сӯхт, бо вуҷуди ин ҳам аз майли чун хорасанг мустаҳками наққошии тоблу даст накашид, балки ин майл дар қалби ӯ бештар гардид. Бештари мардум ӯро нафрин мегуфтанд, бадаъмоле бо чеҳраи инсон ва қалби ҳайвон мехонданд, ки ба хотири тоблу муҳаббати падариро фаромӯш кардааст. Падари рӯҳонӣ аз Ёкагава низ ба ин назар буд ва борҳо гуфта буд: «Ӯ ҳар қадар дар ҳунар ва истеъдоди фардӣ беназир бошад ҳам, агар қонуни панҷ муносибати абадиро[1] нафаҳмад, ҷояш дӯзах аст».

Пас аз як моҳ парда бо тасвири азобҳои ҷаҳаннам ниҳоят ба итмом расид. Ёсихидэ ҳамон соат онро ба Кох овард ва бо эҳтиром ба аълоҳазрат арза кард. Айнан дар ҳамин вақт падари руҳонӣ низ дар он ҷо ҳузур дошт ва ба тоблу чашм афканду аз тӯфони даҳшатовари оташ дар ҷаҳаннам, ки дар тоблу тасвир шуда буд, ба ҳайрат омад. Қаблан вай Ёсихидэро хуш надошт, вале акнун беихтиёр хитоб зад: «Хеле, олӣ!» Ман то кунун фаромӯш накардаам, ки чи тавр аълоҳазрат бо шунидани ин ҳарф заҳрханд кард.

Аз он замон дигар касе, ҳадди ақалл дар дарбор дар хусуси Ёсихидэ ҳарфи баде намегуфт. Шояд ба ин хотир, ки бо вуҷуди нафрати қаблӣ, акнун ҳар кас бо дидани парда, дар зери фишори неруи мармузи тоблу, гӯйӣ дар пеши чашмони худ азобҳои бузурги ҷаҳаннами оташинро медид.

---

[1] Қонуни панҷ муносибати абадӣ – манзур панҷ асли ахлоқист, ки инсон бояд мўроот бикунад: инсондӯстӣ, эҳсоси тааҳҳуд, хушодобӣ, бохирадӣ, ростгӯйӣ.

Вале дар ин замон Ёсихидэ худ ба ҷамъи рафтагон пайвастааст. Вай тасвири пардаро ба итмом расониду шаби дигар худро аз болори хонааш овехт. Эҳтимол, вай бо маҳрум мондан аз духтари ягонааш дигар тавони зиндагӣ кардан надошт. Колбади ӯ то кунун дар ҷое ки қаблан хонааш буд, зери хок хуфтааст. Зимнан санги болои гӯрро, ки тайи солҳои тӯлонӣ дар ҳукми боду боронҳо буд, он қадар ушна фаро гирифта, ки касе намедонад, ин гӯри кист.

*Июли 1918*

# ДАР БЕШАИ АНБӮҲ

## Он чи ҳезумкаш ба маъмури додгоҳ гуфт

Бале. Ҷанозаро ман пайдо кардам. Имрӯз пагоҳ, ман бар ҳасби маъмул ба иртифои кӯҳ барои ҳезум рафтам. Ва ин ҷанозаро дар бешаи анбӯҳи болои кӯҳ дидам. Маҳз дар куҷо? Тақрибан чор-панҷ тё[1] дуртар аз роҳи Ямасин. Ин ҷо гӯшаи комилан сокит ва беодам аст ва дар он дарахтони бамбук ва навниҳолони бурс ба ҳам омехта руста буданд.

Мақтул суйкани сабзи рангпарида дар тан ва кулоҳи кӯҳнаи эбосӣ, ки дар пойтахт мепӯшанд, бар сар дошт; вай ба пушт хобида буд. Аҷиб, ки дар баданаш фақат як захм дошт, вале ин ҷароҳат дар сари синааш буд ва баргҳои хушкидаи бамбуки атрофи ҷасад гӯйӣ оғуштаи хокаи шангарф буданд. Не, дигар хун намеомад. Ҷароҳат, зоҳиран, карахш баста буд. Ҳа, инро ҳам фаромӯш накунам: дар рӯйи ҷароҳат занбӯре нишаста буд, ки аз шарфаи пойи ман ҳам напарид.

Шамшер, ё чизе монанд ба он дида намешуд? Не, чизе набуд дар он ҷо. Фақат дар бехи ниҳоли бурс, ки дар канораш ҷаноза дароз афтода буд, арғамчине мехобид. Боз… оре,оре, ғайр аз арғамчин дар он ҷо боз шонае буд. Ҳамааш ҳамин, фақат ҳамин ду чиз буд дар канори ҷаноза – арғамчину шона. Алафҳоюю баргҳои атроф хеле сахт поймол шуда буданд, маълум, ки мақтул ба осонӣ ҷон надодааст. Чӣ, аспе набуд он ҷо? Он ҷо аслан асп наметавонад биравад. Пайроҳа каме дуртар, аз паси бешаи анбуҳ мегузарад.

[1] Тё – воҳиди масоҳат, баробар бо 0,99 га.

## Он чи роҳиби мусофир ба маъмури додгоҳ гуфт

Мақтулро ман як рӯз пеш дида будам. Дирӯз... ба фикрам, нисфирӯзӣ. Дар куҷо? Дар роҳи Сэкияма ба Ямасин. Вай ҳамроҳи зане, ки савори асп буд, ба самти Сэкияма мерафт. Зан кулоҳи лапарвасеъи тӯрдор бар сар дошт ва ман чеҳраашро надидам. Фақат пироҳани абрешимӣ, ки нақшҳои гули хаги дошт, дида мешуд. Асп зардчаранг ва ёлаш микроззада буд. Қадаш? Тахминан ягон чор сун[1] баландтар аз маъмулӣ... Ман роҳибам, охир, ин чизҳоро хуб намефаҳмам. Мард... бале ӯ шамшере дар камар ҳамоил дошт ва дар сари китф камону тир. Ҳоло ҳам равшан пеши назар дорам, ки чи тавр аз таркаши сиёҳи локзадааш тахминан бист тир намудор буд.

Ман аслан тасаввур намекардам, ки умри вай чунин ба охир мерасад. Ба ростӣ, ки тӯли умри одамӣ лаҳзае беш нест, мисли шабнам аст, мисли барқ аст. Оҳ, оҳ, бо сухан намешавад ин дарду андуҳро иброз кард.

## Он чи нозири полис ба маъмури додгоҳ гуфт

Марде, ки ман боздошт кардам? Вай роҳзани машҳур Тадзёмару аст. Вақте ки ман гирифтамаш, ӯ аз асп уфтода, оҳу воҳ карда, дар пули сангини назди Авадагути мехобид. Кай? Дирӯз бегоҳ, дар соатҳои нигаҳбонии аввал. Бори гузашта, замоне ки ман ӯро қариб гирифта будам, вай дар тан ҳамин суйкани кабуд ва дар камар шамшер дошт. Ин бор, чунонки худатон медонед, боз камону тир низ ҳамроҳ дошт. Ҳамин тур? Ин ҳамон камону тири марди мақтул аст? Ин тавр, ки бошад, ин куштор, бидуни шак кори дасти Тадзёмару аст. Камони бо чарм печида, таркаши сиёҳи локзада, ҳабдаҳ

[1] Сун – воҳиди дарозӣ, баробар бо 3,3 см.

тир бо пайконҳои пари шоҳин– пас, ин ҳама аз марди мақтул аст. Ҳо, асп, чунонки шумо гуфтед, зардинаву бо ёли микроззада буд. Такдираш ҳамин будааст, ки асп бияфканадаш. Асп дар канори роҳ, на чандон дуртар аз пул алаф мехӯрд, аз паси вай лаҷоми дарозаш кашола буд.

Ҳамин Тадзёмару бар хилофи роҳзанони дигар, ки дар кӯю хиёбонҳои пойтахт мегарданд, ба зан мардум хеле ҳарис аст. Ёд доред, соли гузашта дар кӯҳи паси маъбади Акиторибэ, ки ба Бандауру бахшида шудааст, занеро бо духтараш, ки ба эҳтимоли қавӣ зоир буданд, кушта буданд? Мегӯянд, ин куштор кори дасти вай будааст. Ин зане ҳам, ки савори аспи зард мерафт, куҷост, агар ин мардро кушта бошад, зан куҷо шуд, бо вай чӣ шуд? Бубашед, ки дахолат мекунам, вале инро таҳқиқ кардан лозим аст.

## Он чӣ пиразан ба маъмури додгоҳ гуфт

Оре, ин ҷасади ҳамон мардест, ки духтари ман ба шавҳар баромад. Фақат вай аз пойтахт нест. Вай самурай аз Кокуфу ва Вакаси аст. Ӯро Канадзава Токэхиро меноманд, бисту шашсола аст. Не, ӯ наметавонист касеро ба ғазаб оварад, марди нармтабиате буд.

Духтари ман? Ӯ Масаго ном дорад, нуздаҳсола аст. Бисёр ҷасуру далер аст, аз мардон камӣ надорад. Вай то Такэхиро ҳеч хушдоре надошт. Духтарам сабзина аст, дар гӯшаи чашми чапаш холе дорад, чеҳрааш хурду кашида аст.

Дирӯз Токэхиро бо духтари ман роҳии Вакаси шуд. Барои кадом гуноҳонамон ин бадбахтӣ ба сари мо омад! Бо духтари ман чӣ шуда? Ман бо қисмати домодам ризо ба қазо додам, вале аз боиси духтарам сахт дар ташвишам. Ман, кампирам, аз барои Худо, раҳм кунед, ҳама бешаву алафзорҳоро биҷӯед, духтарамро

пайдо кунед! Чи қадар разил аст, ин Тадзёмаруи роҳзан, ё ҳар балое дигаре, ки бошад! На фақат домодро, балки духтарамро ҳам… (*Гиря мекунад, дигар наметавонад ҳарфе ба забон орад…)*

## Икрори Тадзёмару

Он мардро ман куштам. Аммо занро накуштаам. Куҷо шуд вай? Инро ҳам намедонам. Сабр кунед! Ҳар қадар азият кунед ҳам, ҳаройина, он чиро, ки намедонам, гуфтан наметавонам. Гузашта аз ин, кор ки ин тавр шуд, ман аз чизе тарс надорам ва чизеро пинҳон намекунам.

Ман ин мард ва хонумашро дирӯз, каме баъд аз нимарӯзӣ дучор омадам. Айнан ҳамон вақт вазиши бод рӯйбанди абрешимиро канор зад ва як лаҳза чеҳраи зан намудор шуд. Як лаҳза намудор шуду лаҳзае пас боз пӯшида шуд ва шояд ба ҳамин сабаб рӯйи зан ба назари ман чеҳраи бодисатва намуд. Ва ман ҳамон дам тасмим гирифтам, ки занро ба даст хоҳам овард, ҳатто агар куштани мард лозим ояд ҳам.

Ин кор ба назари шумо даҳшат менамояд? Ҳеч коре нест, куштани мард кори одиву сода аст! Вақте ки мехоҳанд, занро ба даст оранд, ҳамеша мардро мекушанд. Фақат ман бо шамшер мекушам, ки дар камарам ҳамоил аст, шумо бо ҳукумат, бо пулатон ва гоҳе бо тамаллуқу суханони хуш мекушед. Рост, ки дар ин ҳол хун намерезад, мард солим мемонад – вале ба ҳар ҳол шумо ӯро мекушед. Ва агар фикр кунем, ки гуноҳи кӣ бештар – аз шумо ё аз ман, – кӣ медонад? (*Пӯзханд мезанад*).

Вале ин гуфта ба ин маънӣ нест, ки агар мардро накушта занро ба даст оварам, норозӣ мешавам. Ин бор ман хостам, ки мардро накушта, занро соҳибӣ кунам. Албатта, дар роҳи рафту омад ин корро кардан наме-

шавад. Аз ин сабаб ман фикр кардам, ки чӣ тавр ҳар дуро фиреб карда, ба миёнаи беша бибарам.

Ин кор ба осонӣ даст дод. Чун ҳамсафар ба онҳо ҳамроҳ шудаму ҳикоят кардам, ки дар кӯҳ қурғоне ҳаст, ман ин қурғонро кофта ойинаву шамшери бисёре пайдо кардам ва ҳамаи онро, барои он ки касе набинад, дар анбуҳи бешаи доманаи кӯҳ пинҳон кардам ва агар хоҳишмандон пайдо шаванд, ҳар кадом аз он чизҳоро бо қимати арзон мефурӯшам. Мард ба оҳистагӣ ба суханони ман рағбат зоҳир кард! Ва баъд ба фикратон чӣ шуд? Эҳсоси даҳшатовар аст ҳарисӣ! Ним соат ҳам нагузашт, ки онҳо сари аспашонро баргардонданду ҳамроҳи ман аз пайроҳа ба фарози кӯҳ роҳ пеш гирифтанд.

Вақте ки мо ба бешаи анбӯҳ расидем, ман гуфтам, ки он чизҳоро дар миёни беша дафн кардаам ва пешниҳод кардам, ки ҳамроҳам биёянду худ бибинанд. Ҳарисӣ ақли мардро кӯр карда буд ва ӯ, албатта, ҳеч эътироз накард. Вале зан гуфт, ки вай аз асп намефуроя‌д ва ҳамин ҷо интизор мемонад. Аз ҷониби ӯ ин амри дуруст буд, зеро медид, ки беша хеле пурдарахту анбӯҳ аст. Ҳама кор ба тибқи мурод буд ва занро танҳо гузошта, ман мардро ба даруни беша бурдам.

Дар канори беша фақат бамбук мерӯст. Вале вақте ки мо тақрибан ним тё рафтем, дарахтони бурс низ дучор омадан гирифтанд. Барои коре, ки ман нақшаашро дар сар пухта будам, ҷойе мувофиқтар пайдо кардан душвор буд. Шохҳоро ба ду тараф дур карда, ман ҳикояти ақлгире бофтам, ки ганчро дар зери бурсе дафн кардаам. Мард гӯш ба суханони ман дода, бо шитоб ба самте, ки соқҳои нозуки ин дарахтон менамуд, роҳ мерафт. Акнун бамбук ҳарчи камтар ба назар мерасид ва атроф пур аз дарахтони бурс – ва ман ногаҳон ба мард ҳуҷум овардаму ба замин афкандамаш. Пас аз лаҳзаи дигар ба танаи дарахт бастамаш. Ресмон? Кадом роҳзан ресмон надорад? Ресмон дар камарам баста буд, ҳар

лаҳза метавонист маро ба кор ояд, то ки девореро бигзарам. Албатта, барои он ки фарёд кардан натавонад, ба даҳонаш баргҳои афтодаро зер кардам ва дигар ҳоҷати барои ӯ вақт сарф кардан набуд.

Кори мардро тамом кардаму ба назди зан баргаштам ва гуфтам, ки ҳамроҳаш ногаҳон бемор шуд ва ӯ бояд равад бибинадаш, ки бо вай чӣ шудааст. Ҳоҷати гап нест, ки ман ин бор ҳам ба мурод расидам. Вай кулоҳи лапарвасеъи худро аз сар бардошту даст аз дасти ман бознагирифта ба миёнаи беша омад. Вале чун мо ба ҷое расидем, ки шӯяшро ба дарахт баста будам, баробари дидани мард даст ба камар бурду ханҷар берун кашид. Ман ҳеч гоҳ чунин зани далеру худсарро надида будам. Агар ман он вақт омода ба ҳар иттифоқе набудам, эҳтимол ханҷаре ба шикам мехӯрдам. Ин аст, ки ман ба тундӣ худро канор гирифтам, аммо зан бо хашм паси ҳам ҳамла меовард. Вале, охир ман беҳуда Тадзёмару нестам – дар ниҳоят муваффақ шудам, бидуни он ки шамшер дарбиёрам, ханҷарро аз дасташ афтонам. Албатта, ҷасуртарин зан ҳам бидуни силоҳ ҳеч коре аз дасташ намеояд. Ман ниҳоятан бар зан ба тавре, ки мехостам ва бидуни он ки мардро бикушам, мусаллат шудам..

Оре, бе он ки мардро бикушам. Ман баъд аз ин ҳам ӯро куштанӣ набудам. Лекин вақте занро дар ҳоли гирён дар замин хобидан гузошта, хостам аз беша берун равам, ногаҳон ин зани ақлбохта чанг ба остинам заду канда-канда фарёд кард: «ё шумо мемиред, ё шӯйи ман… яке аз шумо бояд бимирад… Дар пеши назари ду мард номус аз даст додан бадтар аз марг аст… Яке аз шумо бояд бимирад… ва ман ҳамроҳи касе меравам, ки зинда мемонад». Баъд аз ин ман хостам, ки мардро бикушам. (*Ба ҳаяҷон меояд*).

Акнун, ки ин ҳарфро аз ман шунидед, эҳтимол, чунин намояд, ки ман одами бераҳму ҷабборам. Аммо,

барои он чунин гумон мекунед, ки шумо чеҳраи ин занро надидаед. Зеро шумо чашмони оташзои ӯро надидаед. Вақте ки нигоҳи ман ба нигоҳи ӯ бархӯрд, тамоми вуҷудамро хоҳише фаро гирифт, ки ӯро зани худ кунам, агарчи дар ҳамон лаҳза барқ бизанадам ҳам. Фақат ҳамин фикр дар сарам буд, ки ӯро зани худ бикунам. Не, ин эҳсос, он тавр ки шумо гумон мекунед, шаҳвати ҳайвонӣ набуд. Агар фақат шаҳват буд, бо як зарбаи пой занро дур меафкандаму мерафтам. Дар он сурат мардро ҳам лозим набуд, бо хуни худ шамшери маро арғувонӣ кунад. Аммо дар ҳамон лаҳзае, ки дар ниматорикии беша ба чеҳраи зан нигоҳ дӯхтам, тасмим гирифтам, ки то мардро накушам, ба ҷойе намеравам.

Агарчи тасмим гирифтам, ӯро бикушам, лек ба ҳеч ваҷҳ намехостам номардона бикушамаш. Ресмонро кушодаму гуфтам, бо шамшер ҷанг мекунем. Ресмоне, ки дар зери дарахт пайдо кардед, ҳамон аст, ки ман он вақт партофта будам. Мард бо чеҳраи аз ғазаб каҷ шамшери сангинро гирифту ҳамон лаҳза, бидуни он ки ҳарфе бигӯяд, ба ман ҳамла овард. Ин ҷанг чӣ тавр анҷом ёфт, ҳоҷати сухан нест. Дар зарбаи бисту севум шамшери ман синаи ӯро шикофт. Дар зарбаи бисту севум – хоҳиш мекунам фаромӯш накунед! Ман то ҳол дар ҳайратам: дар тамоми рӯйи ҷаҳон фақат ӯ буд, ки бист бор шамшер ба шамшери ман зад (*Табассуми хушҳолона).*

Баробари афтодани ӯ, ман бо шамшери хунолуд ба тарафи зан баргаштам. Вале, тасаввур мекунед, вай дар ҳеч ҷойе набуд. Ман байни дарахтонро ҷустан гирифтам. Аммо дар рӯйи баргҳои афтодаи бамбук ҳеч пайе боқӣ намонда буд. Вақте ки бозистодаму гӯш додам, фақат хир-хири ҷонкании мардро шунидам.

Эҳтимол, вақте ки мо ба ҷанг сар кардем, зан аз беша берун гурехт, ки одамонро ба ёрӣ хонад? Баробари ба сар омадани ин андеша, фаҳмидам ки ҳаётам дар

гирав аст. Ман шамшер, камон ва тирҳои мардро гирифтам ва зуд ба пайроҳаи қаблӣ баромадам. Дар он ҷо аспи зан ҳамоно оромона алаф мехӯрд. Гуфтан, ки баъд чӣ шуд, сарфи беҳудаи вақт аст. Фақат инро мегӯям, ки пеш аз даромадан ба пойтахт он шамшер дигар бо ман набуд. Ҳамин аст ҳамаи гапе, ки мехостам бигӯям. Маро ба мудҳиштарин шакл бикушед – ман, охир, ҳамеша медонистам, ки рӯзе не, як рӯз сарам бар сари дор меравад (*Густохона менигарад*).

## Он чи зан зимни талаби омурзиш дар маъбади Киёмидзу гуфт

Ин марди кабудпӯш аз ман коми дил ҳосил карда, ба тарафи шӯйи бастаи ман нигарист ва истеҳзоомез қоҳ-қоҳ хандид. Эҳтимол, хеле азиятовар буд барои шӯям! Вале ӯ ҳар қадар, ки талош мекарду меҷунбид, ресмон бештар ба баданаш фурӯ мерафт. Ман беихтиёр ба ҷониби ӯ майл кардам – на, ман фақат хостам, ба сӯйи вай майл кунам. Вале он мард дарҳол бо зарби лагад маро ба замин афканд. Ва ин чиз ҳамон дам рух дод. Дар ин лаҳза ман дар чашмони шӯям як дурахши тасвирнашуданӣ дидам. Тасвирнашуданӣ … ҳатто ҳоло чашмони ӯро ба ёд оварда, ман наметавонам ларзиши баданамро нигоҳ дорам. Шӯям, ки наметавонист аслан як калима ба забон биёварад, дар ин лаҳза тамоми ҳастиаш дар чашмонаш ифода шуда шуда буд. Аммо чашмони ӯ на ғазаб ифода мекардану на азиятро – дар онҳо таҳқири амиқе ба ман медурахшид! Ман аз лагади он мард не, балки аз даҳшати ин нигоҳ ихтиёр аз даст дода, фарёд кардаму беҳуш афтодам.

Вақте ки ба худ омадам, он марди кабудпӯш рафта буд. Фақат шавҳарам ҳоло ҳам ба танаи бурс баста шуда буд. Ман бо душворӣ аз рӯйи баргҳои афтодаи бамбук нимхез шудаму бо диққат ба чеҳраи ӯ нигаристам.

Вале чеҳраи ӯ ҳеч тағйир наёфта буд. Чашмони ӯ ҳамоно таҳқири амиқ ва нафрати ниҳонеро ифода мекарданд. Намедонам, он чиро ки ман он вақт эҳсос кардам чӣ биномам… ҳам шарм, ҳам андӯҳ, ҳам ғазаб… Ман каловида аз ҷой бархостаму ба назди шӯям омадам.

«Гӯш диҳед! Пас аз он чи ки рух дод, ман наметавонам бо шумо бимонам. Ман мехоҳам бимирам. Аммо… аммо шумо ҳам мемиред. Шумо шоҳиди шарманда шудани ман шудед. Баъд аз ин ман наметавонам шуморо зинда бигзорам». Агарчи бисёр душвор буд, ман ба ӯ ҳамин тавр гуфтам. Бо вуҷуди ин, шӯям чун пештара бо нафрат ба ман нигоҳ мекард. Ҳаяҷони худро, ки бар асари он қариб буд, дилам бикафад, бо душворӣ маҳор зада, ман ба ҷустуҷӯи шамшери вай пардохтам. Лекин, ба эҳтимоли тамом, ҳама чизро он роҳзан бурда буд, на танҳо шамшер, балки камону тирҳояш ҳам дар атроф ба назар намерасиданд. Фақат ханҷар, ба бахти ман, ҳанӯз дар зери пой мехобид. Ман ханҷарро боло бардоштаму бори дигар ба шавҳарам гуфтам: «Акнун ман шуморо мекушам. Ва ҳамон дам худамро ҳам мекушам».

Вақте ки шавҳарам ин ҳарфҳро шунид, вай бо душворӣ лабонашро ҷунбонд. Албатта, садояш шунида намешуд, чунки даҳонаш бо барги бамбук пур буд. Вале вақте ки ман ба лабонаш нигаристам, дарҳол фаҳмидам, ки ӯ чӣ гуфт. Бо ҳамон таҳқиру нафрати пешин ба ман, шавҳарам як калима ба забон овард: «Бикуш». Тақрибан бехуду беёд ман ханҷарро амиқ ба синаи ӯ, ба зери суйкани кабуди баланд халонидам.

Зоҳиран, баъди ин ман боз беҳуш афтодам. Вақте ки ба худ омадаму ба атроф нигаристам, шӯям чун қабл баста ба дарахт буд, аммо дигар нафас намекашид. Аз байни шоху баргҳои анбӯҳи бурс, ки бо шохаҳои бамбук печида буд, ба чеҳраи заҳири ӯ нури офтоби дар

дами ғуруб меафтод. Нолаамро фурӯ бурда, ресмонро аз тани майит кушодам. Ва баъд… баъд бо ман чӣ шуд? Дар ин хусус қувватам кифоят намекунад, ки нақл кунам. Ҳар кор ҳам ки бикардам, ҷасорат наёфтам, ки худамро бикушам. Ханҷарро ба гӯлӯям гузоштам, хостам дар кӯли доманаи кӯҳ худро ғарқ бикунам, талош кардам… Вале намурдам, зинда мондам, аммо ҳеч эҳсоси ифтихор аз ин амр надорам (*Табассуми ғамгин*). Эҳтимол олиҳаи меҳрубону бошафақат Каннон аз чунин мавҷуди ҳақире чун ман рӯй тофта бошад. Вале ман чӣ кор бикунам, мане, ки шӯйи худро кушта, мане, ки роҳзане ба номусам таҷовуз карда, чӣ кор бикунам? Ман чӣ кор…. Ман.. (*гиряи ногаҳони боалам*).

## Он чи руҳи марди мақтул бо забони фолбин гуфт

Роҳзан коми дил ҳосил карду дар паҳлӯи зани ман дар замин нишаст ва ӯро таскин додан гирифт. Даҳони ман, албатта, баста буд, Худам ба танаи дарахт баста шуда будам. Вале ман ҳар лаҳза бо чашмонам ба занам ишораҳо мекардам: «Ба ӯ бовар накун! Ҳама чизе, ки мегӯяд, дурӯғ аст». Мехостам аз чашмонам ин маъниро бихонад. Вале занам ғарқаи андӯҳ, рӯйи баргҳои бамбук менишасту чашм аз зонувонаш барнамеканд. Ба ростӣ, гумон кардан мумкин буд, ки вай бо диққат гӯш ба ҳарфҳои роҳзан додааст. Ман аз рашк ба худ мепечидам. Вале роҳзан бо обуранг сухан ронда, ба мақсадаш наздик мешуд. Пас аз беномус шудан, бо шавҳар зиндагӣ кардан душвор аст. Аз он ки бо шавҳараш бимонад, оё беҳтар нест, ки зани ӯ, зани роҳзан шавад? Вай фақат ба ин хотир ба ин кори ношоиста даст зад, ки аз ӯ хушаш омадааст, ошиқаш шудааст… Вай бешармона чунин ҳарфҳо мегуфт.

Зан ба ҳарфҳои роҳзан гӯш дода, ниҳоят андешаманд сар бардошт. Ман ҳеч гоҳ ӯро ба ин зебоӣ надида

будам! Аммо зани малеҳманзари ман, вақте ки мани баста ба дарахт дар канораш меистодам, ба роҳзан чӣ ҷавоб дод? Ҳоло ман дар олами нестӣ саргардонам, вале ҳар бор ки ин ҷавоби ӯро ба ёд меорам, аз қаҳру ғазаб ба худ меларзам. «Бошад, - гуфт зани ман, - маро ба ҳар куҷо, ки бихоҳед, баред» (*Хомӯшии тӯлонӣ*).

Вале тақсири ӯ фақат ин нест. Фақат ҳамин мешуд, ман, эҳтимол, саргардон дар торикӣ гашта, ин қадар азият намекашидам. Инак воқиа чунин сурат гирифт: занам, мисли ин ки дар хоб бошад, аз паси роҳзан, ки аз дасташ гирифта буд, мерафт ва андаке монда буд, ки дар паси дарахтон пинҳон шаванд, аммо ногоҳ ранги чеҳрааш чун мурдагон сап-сафед шуд ва ба ман, ки баста ба дарахт будам, ишора намуд ва чанд бор мукаррар, мисли девонагон дод зад: «Бикушед ӯро! То даме, ки ӯ зинда аст, ман наметавонам бо шумо бошам!...». «Бикушед ӯро!» - ин суханон ҳоло ҳам чун тӯфон маро ба умқи торикӣ меафкананд. Оё қаблан боре ҳам чунин суханони зишт аз даҳони одамизодае берун омадаанд? Оё қаблан, боре ҳам чунин суханони қабеҳ ба гӯши одамизодае расидаанд? Оё қаблан боре ҳам… (*Қоҳ-қоҳи ногаҳонии хандаи истеҳзоомез*). Ин суханонро шунида, ҳатто ранги рӯйи роҳзан парид. Занам аз остини ӯ гирифта дод мезад: «Бикушед ӯро!». Роҳзан бо диққат ба ӯ нигариста на «ҳа» гуфт, на «не» ва ногаҳон бо лагат ӯро ба рӯйи баргҳои бамбук афканд (*Боз қаҳ-қаҳаи ногаҳонии хандаи истеҳзоомез*). Рӯи сина даст ба даст печида, вай ба ман нигарист. «Чӣ бояд кард бо ин зан. Кушта шавад ё афв? Барои посух сар ҷунбонед». Куштан? Ман омодаам танҳо барои ин калима ӯро бубахшам (*Боз хомӯшии тӯлонӣ*).

Ман дар тардид будам ва ин дам ногаҳон занам дод зада, ба даруни беша давид. Роҳзан ҳам ҳамон лаҳза аз паси ӯ давид, вале зоҳиран фурсат наёфт, ки ҳадди

ақалл аз остинаш бидорад. Ба назари ман намуд, ки ин ҳамаро дар ҳоли таби баланд мебинам.

Вақте ки занам гурехт, роҳзан шамшер, камон ва тирҳои маро бардошт ва банди тани маро дар як ҷой бурид. Дар ёд дорам, вақте ки аз беша мерафт, зери лаб мегуфт: «Акнун ғами худро бояд хӯрд».

Вақте ки ӯ рафт, ҳама атрофро хомӯшӣ фаро гирифт. Не, ҳама ҷо не, – дар наздикӣ садои нолиши касе шунида мешуд. Ман зимни он ки ресмонро аз баданам кушоям, бо диққат гӯш фаро доштам. Чӣ фаҳмидам? Фаҳмидам, ки ман худам менолам (*Бори севум хомӯшии тӯлонӣ*).

Ниҳоят ман бо душворӣ бадани азияткашидаи худро аз соқаи дарахт ҷудо кардам. Дар пеши поям ханҷаре, ки занам афтонда буд, медурахшид. Ман онро бардоштам ва бо як зарба ба синаам фурӯ бурдам. Эҳсос кардам, ки чӣ тавр як лахта хун ба гулӯям омад. Вақте ки синаам сард шуд, атроф боз хомӯштар гардид. Чӣ қадар хомӯшии амиқе буд! Дар ин анбӯҳи беша садои ҳеч парандае ҳам ба гӯш намеомад. Фақат дар шохаи бурс ва бамбукҳо нурҳои андуҳгини офтоби дами ғуруб месӯхтанд. Офтоби дами ғуруб… Вале онҳо низ ба оҳистагӣ фурӯ мурданд. Дигар ҳеч дарахте, ҳеч бамбуке ҳам ба чашм намерасид. Ва маро, ки рӯйи замин дароз хобида будам, аз ҳар тараф торикии амиқ фаро печид.

Ва дар ҳамин лаҳза касе оҳиста-оҳиста ба ман наздик шуд. Ман хостам бибинам, ки ӯ кист. Вале атрофро торикӣ фаро гирифта буд. Ва ин кас… Ин кас бо дасте, ки дида намешуд, ханҷарро аз синаи ман берун кашид. Дар ин лаҳза даҳони ман боз аз мавҷи хун пур шуд. Ва пас аз он ман абадан ба торикии нестӣ фурӯ рафтам.

*Январи соли 1922*

# ДАР КИШВАРИ ОБИҲО

Он чӣ дар зайл меояд, ҳикоятест, ки бемори ҳуҷраи бисту сеюми як тиморхона ба ҳама ривоят мекунад. Ӯ, эҳтимолан беш аз сӣ сол умр дорад, вале дар нигоҳи аввал хеле ҷавон ба назар мерасад. Он чӣ, ки вай аз сар гузаронидааст….. зимнан, он чӣ вай аз сар гузаронидааст, аслан аҳаммият надорад. Инак ӯ бидуни ҳаракат, зонувонашро оғӯш карда, дар назди ман ва доктор С., мудири бемористон нишастааст ва гоҳ-гоҳе ба тиреза, ки дар паси он булути танҳое панҷаҳои хушку урён ва бидуни ҳеч барги худро ба суйи осмони пур аз абрҳои барфӣ ёзидааст, назар дӯхта дурударозу дилгиркунанда саргузашти худро ҳикоят мекунад. Гоҳе ӯ ҳатто ишораҳое мекунад ва бо баданаш адоҳое дармеоварад. Масалан, вай бо гуфтани «ман ҳайратзада шудам», бо ҳаракати тунде сарашро ба ақиб мепартояд.

Ба фикрам, ман ҳикояти ӯро ба ҳадди мумкин дақиқ рӯйи коғаз овардам. Аммо, агар навиштаҳои ман шуморо қонеъ накунанд, ба рустои Н., дар наздикии Токио биравед ва ба тиморхонаи доктор С. бидароед. Навҷавони ҳуҷраи бисту сеюм, эҳтимолан, аввал ба шумо боэҳтиром таъзим мекунад ва ба курсии сахт ишора менамояд. Баъд бо табассуми хафифе, бо садои паст ин ҳикоятро такрор мекунад. Ман хуб дар ёд дорам, ки дар ин ҳол чеҳраи ӯ чӣ ифодае пайдо мекунад. Вай ҳикоятро ба охир расонида, ба пой мехезад ва муштҳои гиреҳкардаашро афшонида фарёд мезанад:

– Дафъ шав аз ин ҷо! Нобакор! Ҳайвони ифлос! Ҳайвони аблаҳ, бахил, бешарм, худписанд, бераҳм, разил! Дафъ шав! Кавдан!

## 1

Ин воқиа тобистони се соли пеш рӯй дод. Мисли бисёре аз касони дигар ман кӯлабор ба пушт гирифтам ва то ба чашмаҳои оби гарми Кимикоти рафта ва аз он ҷо ба самти Хотакаям роҳ пеш гирифтам. Маълум аст, ки Хотакаям як роҳ дорад ва ин роҳ аз соҳили Адзугасава ба боло мебарад. Ман қаблан ҳам ба Хотакаям, ҳатто ба Яригатакэ баромада будам, аз ин рӯ ба роҳбалад ниёз надоштам ва худам танҳо роҳи водии Адзаугасаваро, ки дар меҳи субҳгоҳӣ ғарқ буд, пеш гирифтам. Ҳеч нишонае, ки ин меҳ ба зудӣ пароканда мешавад, низ зоҳир набуд. Баръакс ҳар дам ғализтару ғафстар мешуд. Пас аз як соати роҳпаймоӣ ба дилам андешае хутур кард, ки сафарро қатъ кунаму бозпас ба Камикоти баргардам. Аммо, агар тасмим мегирифтам, ки бозпас гардам, хоҳу нохоҳ лозим меомад мунтазири пароканда шудани меҳ биншинам, лекин меҳ, гӯйӣ барқасд, ҳар лаҳза ғализтару ғафстар мешуд. «Эҳ, ҳарчи бодо бод, баромадан бошад, мебароем», – гуфтам дар дил ва роҳро миёнбур карда ба анбӯҳи бамбукзор ворид шудам, Дар ин ҳол кӯшиш мекардам, аз соҳил чандон дур наравам.

Танҳо чизе, ки пеши рӯям медидам, меҳи ғализу анбӯҳ буд. Албатта, гоҳе аз паси пардаи ғафси меҳ танаи ситабри бук ва ё шохаи сабзи сарв намудор мегардид, ё ногаҳон бо фӯки аспону говон, ки дар ин ҷо мечариданд, дучор меомадам, вале ин ҳама лаҳзае намоён мешуданду ҳамон дам дар паси меҳ ниҳон мешуданд. Дар ин муддат дар пойҳоям хастагӣ ва дар меъдаам холигӣ эҳсос кардан гирифтам. Афзун бар ин, ҷомаи кӯҳнавардӣ ва кампал, ки нами меҳро фурӯ кашида буданд, хеле сангин шуданд. Ниҳоятан дигар таҳаммул карда натавонистам ва самтро аз садои бархӯрдани об

ба сангҳо тахмин карда, ба соҳили Адзугасава фуромадан гирифтам.

Ман болои санге дар соҳил нишастам ва ба омода кардани хӯрок сар кардам. Қутии гӯшти намаксудро боз кардам, бо шохаҳои хушк алов даргирондам... Барои ин кор эҳтимолан даҳ дақиқа сарф шуд ва ин дам мушоҳида кардам, ки меҳи лаънатӣ ба оҳистагӣ пароканда мешавад. Нонро хоида истода, ман мушаввашхотир ба соат нигаристам. Аҷаб! Соат яку бист дақиқаро нишон медод. Вале бештар аз ин маро чизи дигар буҳтзада кард. Акси кадом як башараи даҳшатовар дар шишаи мудаввари соати ман мунъакис шуд. Ман бимзада ба пас нигаристам. Ва... Ҳамин лаҳза буд, ки ман бори аввал дар зиндагиам бо чашмони худ каппаи[1] зиндаро дидам. Вай рӯйи харсанги пушти сари ман истода буд, айнан чунон ки дар тасвирҳои қадима мебинед, бо як даст танаи сафеди дарахти тӯсро оғӯш карда ва дасти дигарро рӯйи чашмонаш гузошта, кунҷковона ба ман менигарист.

Ман аз фарти ҳайрат муддате наметавонистам ҳаракат бикунам. Зоҳиран каппа ҳам ҳайратзада шуда буд. Вай ҳамин тавр бо дасти бардошта шах шуда буд. Ман аз ҷой ҷаҳидам ва ба сӯйи вай давидам. Вай ҳам гурехт. Ба ҳар ҳол, ба назари ман чунин намуд. Вай худро ба тарафе афканд ва ҳамон лаҳза нопадид шуд, гӯйӣ ба замин фурӯ рафт. Ман ҳарчи бештар ба ҳайрат омада, ба бамбукзори анбӯҳ назар давонидам. Ва чӣ гумон кардед? Каппа ҳамагӣ ду-се қадам дуртар аз ман қарор дошт. Вай, омодаи гурехтан, бо қомати нимахам истода буд ва рӯй баргардонида ба ман менигарист. Вале ҳоло дар ин амр ҳеҷ чизи аҷибе набуд. Он чӣ, ки маро ҳайратзада ва саргиҷ кард, ранги пӯсти вай буд.

---

[1] Каппа – махлуқи афсонаӣ, ки дар об зиндагӣ мекунад; одамонро бо фиреб андаруни об даровaрда ғарқ месозад.

Вақте ки каппа аз сари харсанг ба ман менигарист, саропо хокистарӣ буд, аммо ҳоло аз сар то по ба сабзи зумуррадӣ бадал гардида буд. Ман «э, бадзоти бадбуриш» гуфта фарёд задаму боз ба тарафаш давидам. Албатта, вай гурехт. Шояд ҳудуди сӣ дақиқа аз миёни бамбукзору аз болои сангҳо ҷаҳида аз пасаш сур кардам. Дар давандию чобукӣ каппа аз ҳеч бӯзинае кам нест. Ман аз паси вай бехудона медавидам ва гоҳе аз назар гум мекардамаш, гоҳе пешипо мехӯрдам ва гоҳе меуфтодам. Каппа то ба назди дарахти азими шоҳбулути сершоху барге давид ва дар ин ҷо ба бахти ман, буққае пеши роҳи ӯро гирифт. Буққаи бузурги ситабршохе, ки чашмонашро хун гирифта буд. Каппа бо дидани буққа имдодҷӯёна садое дардод, худро ба канор афканд ва осемасар ба анбӯҳи ҷангал, ки бамбукҳояш баландтар буданд, ворид шуд. Ман… Ман бидуни саросемагӣ аз дунболаш рафтам, зеро медонистам, ки акнун аз дасти ман раҳоӣ намеёбад. Зоҳиран дар он ҷо мағоке буд, ки ман гумонашро ҳам надоштам. Баробари он ки ниҳоятан ангуштони ман ба тахтупушти лағзони каппа расиданд, ҳарду баробар ба торикии анбуҳе фурӯ ғалтидем. Мо одамон, як сари мӯ дар рӯ ба рӯйи аҷал қарор гирифта, гоҳе дар бораи чизҳои комилан беаҳаммияте фикр мекунем. Ман ҳам дар он лаҳза, ки аз даҳшат нафасам гирифта буд, ногаҳон ба ёд овардам, ки на чандон дуртар аз чашмаҳои оби гарми Кимикоти пуле ҳаст, ки онро «Пули каппаҳо» – «Каппа-баса» меноманд. Баъд… Баъди чӣ шуд, ёд надорам. Пеши чашмонам, гӯйӣ барқ дурахшид ва ман аз ҳуш рафтам.

## 2

Вақте ки ниҳоятан ба худ омадам, дар атрофам каппаҳои зиёдеро дидам. Ман ба пушт хобида будам. Дар канори ман каппаи айнак ба минқоре сари зону

нишаста буд ва стетоскопро ба қафаси синаам пахш мекард. Вай чун дид, ки ман чашм боз кардам, бо ишора гуфт, ором бошам ва ба нафаре аз издиҳоми каппаён муроҷиа карда, «Ouax guax” гуфт. Ҳамон дам аз ҷое ду каппаи занбар ба даст пайдо шуданд. Маро рӯйи занбар гузоштанд ва мо дар мушоояти издиҳом аз кӯчае равон шудем. Ин кӯча ҳеч тафовуте аз Гиндза надошт. Дар имтидоди радаи дарахтони бук фурӯшгоҳҳои гуногун, ки болои пешониашон соябонҳо доштанд, воқеъ шуда буданд. Дар кӯча мошинҳо дар равуо буданд.

Пас аз чанд лаҳза мо ба тангкӯчае ворид шудем ва маро ба иморате даровcovаранд. Баъдтар фаҳмидам, ки ин ҷо хонаи ҳамон каппаи айнакпӯш доктор Чакк будааст. Чакк маро дар рахти тозаю озодае хобонд ва як истакони пур доруе моеъу шаффоф дод, ки бихӯрам. Ман худро ба ихтиёри доктор Чакк вогузошта хобидам. Ва дигар чӣ кор ҳам метавонистам бикунам. Тамоми аъзои баданам ончунон дард мекард, ки ҷунбидан наметавонистам.

Чакк ҳар рӯз чанд бор меомад, ки маро хабар бигирад. Ҳар ду-се рӯзе каппае, ки бори аввал дида будамаш – моҳигир Багг ҳам ба аёдатам меомад. Каппаҳо дар бораи мо одамон хеле бештар аз он медонанд, ки мо дар бораи онҳо. Ин амр шояд марбут ба он аст, ки одамон ба дасти каппаҳо хеле бештар меуфтанд, то каппаҳо ба дасти одамон. Эҳтимол, «ба даст уфтодан» чандон ифодаи дуруст набошад, вале ҳаройина, одамон пеш аз ман ҳам дар кишвари каппаён пайдо шуда буданд. Зимнан, бисёре аз онҳо то охири умр дар он ҷо монданд. Шояд суол бидиҳед, ки «барои чӣ?» Ва инак, посухи суолатон. Дар кишвари каппаҳо зиндагӣ карда, мо метавонем, кор нокарда бихӯрем, чунки мо одамӣ ҳастем, на каппа. Одамон дар ин кишвар чунин имтиёз доранд. Чунончи, ба гуфтаи Багг, солҳо пеш коргари ҷавони роҳ ба таври иттифоқӣ ба кишвари каппаҳо уф-

тод. Вай бо каппадухтаре издивоҷ карда, то рӯзи марг бо вай зиндагӣ кард. Рост ки ин зан зеботарин хонум дар кишвари обиҳо шуморида мешуд, ва аз ин рӯ, мегӯянд, хеле боҳунарона ба сари коргари роҳ шох мегузошт.

Ҳафтае сипарӣ шуд, ва маро мутобиқи қавонини ин кишвар ба мақоми «шаҳрванди бархурдор аз имтиёзоти хосса» мансуб карданд. Ман дар ҳамсоягии Чакк манзил ихтиёр кардам. Хонаи ман чандон бузург набуд, вале бо завқи хос муҷаҳҳаз ва ороиш ёфта буд. Бояд гуфт, ки фарҳанги кишвари каппаҳо аз фарҳанги кишварҳои дигар ва хусусан, фарҳанги Жопун тақрибан ҳеч тафовут надорад. Дар як канори меҳмонхона, ки тирезаҳояш ба кӯча боз мешавад, пианинои хурде гузошта шудааст, дар деворҳо тасвирҳо андаруни қоб овехта шудаанд. Аммо андозаи тамоми чизҳо, аз худи хона гирифта то асосия мутобиқ бо қади мардуми бумӣ буд, ки то ҳадде боиси нороҳатии ман мегардид.

Ҳар бегоҳ ман дар меҳмонхонаи худ аз Чакку Багг пазироӣ мекардам ва забони мардуми ин кишварро тамрин менамудам. Зимнан, на танҳо онон буданд, ки ба меҳмонии ман меомаданд. Ба унвони шаҳрванди бархурдор аз имтиёзоти хосса ман мавриди таваҷҷуҳи умум будам. Чунончи, мудири ширкати шишасозӣ Гэр ҳам, ки ҳамарӯза доктор Чаккро махсус барои андоза гирифтани фишори хунаш даъват мекард, гоҳе ба меҳмонхонаи ман ташриф меовард. Аммо дар давоми ду ҳафтаи аввал ман бештар бо моҳигир Багг рафоқат пайдо кардам.

Боре, як бегоҳӣ, ки ҳаво нафасгир буд, ману Багг дар меҳмонхонаи ман паси миз, дар муқобили якдигар нишаста будем. Ногаҳон, бидуни сабабе Багг хомӯш монд, чашмони бе ин ҳам калони худро барҷастатар дамонд ва беҳаракат ба ман нигарист. Ин ҳол, албатта, ба назари ман ғариб намуд ва пурсидам:

– Quax Bag guo guel guan?

Дар тарҷума ба забони жопунӣ, яъне: «Гӯш кун, Багг, чӣ шуд бо ту?» Аммо Баг посухе надод. Ба ҷойи посух, вай ногаҳон аз паси миз баромад, забони дарозашро берун овард, дасту пойҳояшро ба фарш гузошта, мисли қурбоққа нимхез истод. Яке ба болои ман ҷаҳад! Ман тарсидам ва оҳиста аз курсӣ бархостам, то ки худро ба паси дар гирам. Хушбахтона, дар ин дам доктор Чакк ба меҳмонхона даромад.

Вай аз паси айнакаш қаҳролуд ба моҳигир нигариста, пурсид:

– Чӣ кор дорӣ мекунӣ, Багг?

Багг шарм кард ва сарашро ба кафи дасташ молида, узр хост:

– Маъзарат мехоҳам, ҷаноби доктор. Ман натавонистам худро нигоҳ дорам… Ин ҷаноб хеле хандаовар метарсад… – Ва пас ба ман нигариста афзуд: – Шумо ҳам, ҷаноб, лутфан маро бубахшед….

## 3

Қабл аз он ки ҳикоятамро идома бидиҳам, вазифаи худ медонам баъзе иттилооти умумиро дар бораи каппаҳо ба шумо бидиҳам. Мавҷудияти махлуқоте, ки каппа меноманд, то кунун мавриди шакку шубҳа аст. Вале шахсан барои ман дар ин масъала ҳеч шакку тардиде ҷой надорад, зеро ман худ дар миёни онҳо зиндагӣ кардам. Пас онҳо чӣ махлуқе ҳастанд? Тавсифи шакли зоҳирии онҳо, ки дар маъхазҳои аз қабили «Суйко-коряку»[1] оварда шудааст, тақрибан пурра бо воқеият мутобиқ аст. Дар ҳақиқат каллаи каппаҳоро мӯйи кӯтоҳ пушонидааст, ангуштони дасту пойҳояшон бо пардаҳои

---

[1] «Суйко-коряку» – асари Кога Доан (1788–1847), дар он каппаҳо тавсиф шудаанд.

шиноварӣ пайваста аст. Қади каппа ба ҳисоби мутавассит як метр аст. Вазнашон, тибқи иттилоъи доктор Чакк дар байни бист то сӣ фунт мебошад. Дар омади гап, мегӯянд, ки гоҳе каппаҳои панҷоҳфунта низ дучор меоянд. Баъдан, дар фарқи сари каппаҳо мағоке ба шакли табақчаи байзавишакл мушоҳида мешавад. Бо гузашту синну сол умқи ин мағок сахттар мешавад. Масалан, ҳангоми пармосидан мағоки фарқи сари Багги пир ва Чакки ҷавон комилан фарқ мекунанд. Вале ҳайратовартарин вежагии каппаҳо ранги пӯсти онҳост. Мағзи гап ин ки каппаҳо ранги хосу собити пӯст надоранд. Ранги пӯсти онҳо вобаста ба муҳит тағйир меёбад. Масалан, вақте ки ин махлуқ дар миёни алафзор қарор дорад, ранги пӯсташ ба ранги гиёҳон сабзи зумуррадӣ мегардад, вале чун дар рӯйи харсанг қарор мегирад, ранги пӯсташ ҳам ба ранги санг хокистарӣ мешавад. Чунонки медонем, пӯсти бӯқаламун низ ҳамин хосиятро дорад. Баъид нест, ки таркиби пӯсти каппа бо таркиби пӯсти бӯқаламун шабоҳат дошта бошад. Чун ман ин иттилоотро ба даст овардам, ба хотирам омад, ки эҷодиёти шифоҳии мардуми мо каппаҳои музофотҳои ғарбиро сабзи зумуррадӣ ва каппаҳои музофотҳои шимоли шарқро сурх ба тасвир овардааст. Ман ҳамчунин ба ёд овардам, ки Багг, вақте ки ман аз қафояш таъқиб мекардам, чи тавр ногаҳон ва чобук ғайб зада буд, гӯйӣ ба замин фурӯ рафт. Зимнан бояд гуфт, ки каппаҳо дар зери пӯст як қабати ғафс рӯған доранд, ба ин сабаб, бо он ки дар кишвари зерзаминии онҳо миёнгини дамои ҳаво нисбатан паст аст (ҳудуди панҷоҳ дараҷа тибқи ҷадвали Фаренгейт), онон аз либос хабар надоранд. Бале, ҳар каппа метавонад айнак пӯшад, бо худ сигорқуттӣ гирад ва ҳамён дошта бошад. Аммо адами вуҷуди ҷайб чандон ноороҳатие барои каппаҳо намеоварад, зеро каппа мисли кенгуруи мода дар шикамаш халтае дорад, ки дар он чизҳои гуногунро

метавонад гузорад. Танҳо ин чиз ба назари ман аҷиб расид, ки онҳо шармгоҳи худро намепӯшонанд. Боре аз Багг пурсидам, ки чаро чунин аст, чӣ шарҳе дар ин боб медиҳӣ. Багг дурудароз, сар ба ақиб хамонда, хандид, баъд гуфт:

– Аммо, барои ман хандаовар аст, ки шумо онро мепӯшед.

## 4

Андак-андак ман ба теъдоде калимаҳоеро фаро гирифтам, ки каппаён дар муҳовараи рӯзмарраашон истифода мебаранд. Ҳамин тавр ман имкон пайдо кардам бо ахлоқ ва расму ойини онҳо ошноӣ пайдо кунам. Бештар аз ҳама маро тасаввуроти чаппаи эшон дар бораи чизҳои ҷиддию хандаовар ҳайратзада кард. Он чӣ, ки мо одамон муҳим ва ҷиддӣ мешуморем, боиси хандаи онҳо мешавад ва он чӣ мо одамон хандаовар медонем, аз назари онҳо муҳимму ҷиддӣ аст. Чунончи, мо ба мафҳумҳои башардӯстӣ ва адолат муносибати ҷиддӣ дорем, аммо каппаҳо чун ин вожаҳоро мешунаванд, шикамашонро дошта, қоҳ-қоҳ механданд. Хулоса, мафҳуми ҳазлу ҳаҷв барои мо ва онҳо комилан мутафовит аст. Боре ман ба доктор Чакк дар бораи маҳдуд кардани мизони таваллуди атфол ҳикоят кардам. Вай ҳикояти маро гӯш карду калон даҳон кушода, ончунон қаҳқаҳа зад, ки айнакаш уфтод. Ман, албатта, ба қаҳр омадам ва хостам, ки сабаби хандаашро шарҳ бидиҳад. Шояд ман бархе буъдҳои ифодаҳои ӯро нафаҳмида бошам, зеро он вақт забони каппаҳоро чандон хуб намефаҳмидам, аммо то ҷое ки ба ёд дорам, ҷавоби Чакк тақрибан чунин буд:

– Оё танҳо манфиати волидонро ба назар гирифтан хандадор нест? Оё ин амр худпарастӣ ва худхоҳӣ нест?

Ва баръакс барои мо одамон хеч чизе бемаънитар аз таваллуди каппаҳо нест. Пас аз чанд рӯзи суҳбати ман бо Чакк зани Баггро дарди зодан гирифт ва ман ба кулбаи Багг рафтам, то бибинам, ки ин амр чӣ гуна сурат мегирад. Раванди таваллуди каппаҳо мисли мо, одамон анҷом мегирад. Дар ин кор пизишк ва момодоя ба зоянда ёрӣ медиҳанд. Аммо пеш аз оғози таваллуд каппа – падар даҳонашро ба батни завҷааш часпонида, бо садои баланд, гӯйӣ бо телефон суҳбат мекарда бошад, суол медиҳад: «Оё мехоҳӣ ба дунё ойӣ? Хуб фикр куну баъд ҷавоб деҳ!». Багг ҳам, сари зону дар назди занаш нишаста, ин суолро чанд бор такрор кард. Баъд вай аз ҷой бархост ва даҳонашро бо истаконе, ки болои миз меистод ва маҳлули махсуси тамйизкунанда дошт, обгардон кард. Ин вақт тифл, гӯиё шарм мекард, ки бо овози базӯр шунаво аз батни модараш гуфт:

– Ман таваллуд шудан намехоҳам. Аввалан, аз ирсияти падарам, масалан аз асабонияти ӯ метарсам. Ҳамчунин, ман бовар дорам, ки каппаҳо набояд зиёд шаванд.

Багг бо шунидани ин посух, шармгинона паси сарашро хорид. Дар ин ҳол, момодояи ҳозиру нозир дар қурратулайне ба даруни зани ӯ лӯлаи ғафси шишаиро ворид карда, кадом як моеъро пошид. Зан оҳи сабуке кашид. Дар як лаҳза шиками дамидаи ӯ мисли пуфаке, ки ҳавояшро сар дода бошанд, фурӯ нишаст.

Албатта, маълум ки бачагони каппа, чун аз даруни батни модар чунин ҷавобҳо метавонанд бидиҳанд, баробари ба дунё омадан мустақилона роҳ мераванду гап мезананд. Ба гуфтаи Чакк, ҳатто тифле низ буд, ки дар бистушашрӯзагияш дар мавзуъи «Оё худо вуҷуд дорад?» суханронӣ кард. Дуруст, ки афзуд Чакк, ин кӯдак дар думоҳагияш вафот ёфт.

Чун сухан аз таваллуд рафт, наметавонам дар мавриди овезаи бузурге, ки дар охири моҳи сеюми ҳузури

худ дар ин кишвар, дар кунҷи як кӯча дида будам, хомӯшӣ ихтиёр намоям. Дар қисмати поёнии овеза каппаҳое дар ҳоли шайпур навохтан ва каппаҳое шамшер ба даст тасвир шуда буданд, қисмати болоӣ пур аз аломатҳое буд, ки алифбои каппаҳоро ташкил медиҳанд – иероглифҳои печдор, ки ҷузъҳои ҳалқапечи соатро ба ёд меоваранд. Матни овеза дар тарҷума тақрибан чунин буд (дар ин маврид низ бо итминон гуфта наметавонам, ки ба хатоҳои ҷузъӣ ва камаҳаммият роҳ надода бошам, аммо ман матнро калима ба калима, ончунон ки як нафар каппа – донишҷӯй Рапп, ки он рӯз ҳамроҳ сайругашт доштем, бароям хонд, ба дафтар кӯчонидам):

«Ба сафи ихтиёриёни мубориза алайҳи ирсияти бад бипайвандед!!

Наринаҳою модинаҳои тандурусту солимрух!!

Барои он ки ба ирсияти бад хотима бидиҳед, бо наринаю модинаҳои бемор издивоҷ кунед!!»

Албатта, ман ҳамон лаҳза ба Рапп гуфтам, ки ин амр қобили қабул нест. Рапп дар посух қаҳ-қаҳ хандид. Дигар каппаҳое, ки дар атроф буданд, низ баланд хандиданд.

– Қобили қабул нест? Охир, дар миёни шумо ҳам, чунонки аз гуфтаҳои худатон маълум мешавад, айнан ҳамон кореро мекунанд, ки дар кишвари мо мекунанд, Ба фикри шумо, барои чӣ ашрофписарҳои шумо ба духтархонаҳо ошиқ мешаванду дӯшизаҳоятон ба ронандаҳо нозу карашма мефурӯшанд? Албатта, бар асари талоши ғаризавии раҳо шудан аз ирсияти бад. Ё барои мисол, ихтиёриёни шуморо бигирем, ки чанд рӯз пештар дар бораашон ҳикоят карда будед, – ҳамонҳое, ки барои кадом як роҳи оҳан якдигарро мекушанд, – ба назари ман ихтиёриёни мо дар муқоиса бо онҳо хеле шарофатмандтар ҳастанд.

Рапп ин суханонро комилан ҷиддӣ ба забон овард, фақат шиками ғафси ӯ, гӯиё бар асари хандае, ки садди роҳаш шуда буд, ҳанӯз меларзид. Вале ман барои хушҳолӣ ҳеч далеле надоштам. Дидам, ки кадом як каппа бо истифода аз беэҳтиётиам худкори маро буздид. Ман сахт ба ғазаб омадам ва талош кардам, ки ӯро бидорам, вале пӯсти каппаҳо лайсу лағжон аст ва нигоҳ доштани онҳо кори сода нест. Вай аз дасти ман раҳо шуда, саркану покан гурехт. Каппа бадани дароз ва мисли паша лоғари худро ба пеш хамида медавид ва гумон мекардӣ, ҳамин ҳоло ба пиёдароҳ дароз хоҳад уфтод.

## 5

Рапп ба ман борҳо дасти мадад дароз кардааст, на камтар аз Багг. Аммо беш аз ҳама аз ӯ барои маро шинос карданаш бо Токк сипосгузорам. Токк шоир аст. Каппаҳои шоир мӯйсари дароз мегузоранд ва аз ин лиҳоз ҳеч тафовуте бо шоирони мо надоранд. Ман гоҳе, чун дилгир мешудам, барои дилхушӣ ба назди Токк мерафтам. Токкро ҳамеша дар кулбаяки тангаш, ки гирдогирдаш гулдонҳо гузошта, дар онҳо рустаниҳои кӯҳӣ шинонда буданд, пайдо кардан мумкин буд. Вай дар миёнаи ин рустаниҳо нишаста шеър менавишт, сигор мекашид ва умуман ба майли худ мезист. Дар гӯшаи кулбаяк маъшуқаи ӯ ба дарздӯзӣ машғул буд. (Токк ҷонибдори ишқи озод буд ва бо риояти ин асл издивоҷ накарда буд) Чун ман пой ба дарун мегузоштам, Токк ҳатман маро табассум дар лаб пешвоз мегирифт. (Албатта, дидани табасссуми каппа ҳеч ҷойи хушӣ надорад. Ман худам, масалан, аввалҳо метарсидам). Вай гуфт:

– Хурсандам, ки омадӣ! Дар ин курсӣ бинишин.

Токк пайваста ва хеле муфассал аз зиндагии каппаҳо ва ҳунари онҳо ба ман ҳикоят мекард. Ба ақидаи ӯ, ҳеч чизе дар ҷаҳон аҳмақонатар аз зиндагии каппаҳои маъмулӣ нест. Волидону фарзандон, шавҳарону занон, бародарону хоҳарон, хулоса ҳама танҳо хушвақтии зиндагиро дар он мебинанд, ки якдигарро азобу азият бидиҳанд. Ба гуфтаи Токк, муносибат дар оила комилан бемаънию аҳмақонатар аст. Боре Токк ба паси шишаи тиреза нигариста, бо кароҳат гуфт:

– Ана бубин! Чӣ ҳамоқате!

Дар поин, дар кӯча каппаи навҷавоне базӯр пой бардошта мерафт. Чанд каппаи наринаю модина, аз ҷумла, ду каппаи куҳансол, ки эҳтимолан волидони ӯ буданд, ба гарданаш овехта буданд. Бар хилофи интизори Токк, азхудгузаштагии ин каппаи ҷавон маро ба ваҷд овард ва ман ӯро ситоиш кардам.

– Аҳа, – гуфт Токк, – ман мебинам, ки ту дар ин кишвар ҳам шаҳрванди шоиста шудаӣ. Зимнан, ту сотсиалист ҳастӣ, бале?

Ман, албатта ҷавоб додам, ки gua.

(Ин вожа дар забони каппаҳо «бале» аст)

– Ва ту, албатта, даҳоеро ба хотири сад нафар одами маъмулӣ қурбон мекунӣ?

– Эътиқоди худи ту чист, Токк? Яке ба ман гуфт, ки ту анархист ҳастӣ.

– Ман? Ман абармардам! – бо эътимод гуфт Токк (дар тарҷумаи ҳарф ба ҳарф – «абаркаппа»).

Токк дар бораи ҳунар низ ақидаи аҷиб дошт. Вай бовар дорад, ки ҳунар ҳеч гуна таъсирпазир нест, вай бояд ҳунар барои ҳунар бошад, пас, ҳунарманд, пеш аз ҳама, бояд абармарде бошад, ки ба неку бад коре надошта бошад. Зимнан, ин мақула танҳо назари хоси Токк нест. Тақрибан ҳамаи ҳамқаламони ӯ – шоирони дигар низ бар ҳамин назар ҳастанд. Мо ҳамроҳи Токк на як бору ду бор ба бошгоҳи абармардон рафта будем.

Дар ин бошгоҳ шоирон, носирон, дромнависон, мунтақидон, наққошон, оҳангсозон, пайкаратарошон, ҳаваскорони ҳунар ва ғайра гирди ҳам меоянд. Ва ҳамаи онҳо абармардонанд. Ҳар вақт, ки мо меомадем, онҳоро дар даҳлези аз нури барқ равшан машғули суҳбати гарм дармеёфтем. Гоҳе онҳо бо ифтихор қобилияту маҳорати абармардии худро ба ҳамдигар намоиш медоданд. Масалан, як пайкаратарош каппаи ҷавонеро дар байни гулдонҳои бузурги гиёҳи фарн нигоҳ дошта, дар пеши назари ҳама ба гуноҳи содумӣ машғул шуд. Ё нависандазане ба болои миз баромада, пайиҳам шаст шиша абсентро нӯшид. Чун шишаи шастумро нӯшида тамом кард, аз миз уфтоду ҳамон дам ҷон дод.

Боре, як шоми маҳтобӣ ману Токк даст дар дасти ҳам аз бошгоҳи абармардон бармегаштем. Токк бар хилофи одат хомӯшу мушавваш буд. Вақте ки аз канори тирезаи хурди рӯшан мегузаштем, Токк ногаҳон бозистод. Дар паси миз наринаю модинаи бузургсол, эҳтимолан зану шавҳар ва се фарзанди онон нишаста буданд ва ғизои шом мехӯрданд. Токк нафаси амиқ кашиду гуфт:

– Ту медонӣ, ки ман ҷонибдори назари абармардон ба ишқ ҳастам. Аммо вақте ки чунин манзараеро мебинам, ҳасад мебарам.

– Ба фикрат дар ин амр ҳеч ихтилофу таноқузе нест?

Токк муддате дастҳо печида бар рӯйи сина, дар рӯшании маҳтоб истод ва ба ғизохӯрии оромонаи панҷ нафар каппа нигарист. Баъд посух дод:

–Бале. Ҳарчӣ ҳам бигӯйӣ, он тухмбирёни рӯйи миз аз ҳар гуна ишқ муфидтар аст.

## 6

Асли сухан ин ки ишқи каппаҳо аз ишқ дар миёни одамиён тафовути зиёд дорад. Модина баробари дида-

ни наринаи мувофиқ ба худаш ҳамон дам талош мекунад ӯро соҳиб шавад. Дар ин роҳ вай аз ҳеч василае парҳез намекунад. Модинаҳои бештар бовиҷдону росткирдор бидуни сухани зиёдатие ба нарина мечаспанд. Ман худ ба чашмонам дидам, ки чи тавр як модина мисли девонаҳо аз паси хушкардаи дар ҳоли гурезаш медавид. Гузашта аз ин, гоҳе ҳамроҳи модинаи ҷавон волидону бародаронаш низ аз паси хушкардаи гурезпо медаванд. Наринаҳои бечора! Ҳатто агар бахт ба рӯяшон бихандаду онҳо битавонанд аз таъқиб ҷон ба-дар бибаранд, эҳтимолан маҷбур хоҳанд шуд, пас аз чунин даводав ду ҳафта дар рахташон бихобанд.

Боре ман дар хона нишаста будаму маҷмуаи ашъори Токкро мехондам. Ногаҳон донишҷӯ Рапп давида ба хона даромад. Рӯйи фарш уфтоду дар ҳоле, ки нафасаш мегирифт, гуфт:

– Чӣ даҳшате!.. Ман ниҳоятан ба даст уфтодам.

Ман китобро канор афкандаму дарро қуфл кардам. Баъд аз сурохи калид ба берун нигаристам. Пушти дар модинаи кӯтоҳқомате бо чеҳраи беш аз эътидол пудрзада вазнашро аз пойе ба пойи дигар партофта, меистод. Рапп чанд ҳафта дар рахти ман хобид. Афзун бар ин ҳама, ниҳоятан минқори ӯ пусиду афтод.

Зимнан, гоҳе чунин ҳам мешавад, ки нарина сар аз пой нашинохта, аз паси модина медавад. Вале дар чунин мавридҳо низ ҳама кор сохтаи дасти модина аст. Ӯ чунон мекунад, ки нарина наметавонад аз пасаш надавад. Боре чунин иттифоқ уфтод, ки ман чӣ тавр аз паси модина девонавор давидани наринаро бибинам. Модина бо талоши зиёд медавид, аммо гоҳе таваққуф мекарду ба чаҳор пою даст меистод ва ба таъқибкунандааш менигаристу ӯро талха медод ва чун медид, ки дигар давидан маънӣ надорад, чунон вонамуд мекард, ки дигар неруе барои фирор надорад ва бо камоли майл иҷоза медод, ки бикопандаш. Нарина ӯро боздошт ме-

карду ҳамроҳ ба замин меуфтоданд. Чун, пас аз муддате ӯ бармехост, ваҷоҳаташ комилан тараҳҳумовар буд, чеҳрааш ё ифодаи пушаймонӣ дошт ё таассуф! Вале ӯ хеле осон халос шуда буд. Ман манзараи дигареро ҳам мушоҳида кардаам. Наринаи ҷавоне аз паси модина метохт. Модина, ончунонки мебояд, ҳангоми давидан ӯро мебарангехт. Ин дам аз хамгашти кӯчае наринаи тандуманди болобаланде сахт-сахт нафас кашида рӯ ба рӯи онҳо баромад. Модина зуд бо гӯшаи чашм ба ӯ нигарист ва худро ба сӯйи вай афканду бо садое осмонгир доду фарёд кард: «Ёрӣ диҳед! Ба додам расед! Ин нобакор маро таъқиб мекунад, мехоҳад бикушадам!» Наринаи қоматбаланд зиёд фикр накард, он ҷавонакро ба даст оварду ба пиёдароҳ афкандаш. Ва ҷавонак беихтиёр бо ангуштони пардадораш ба ҳаво чанг зада, ҳамон дам ҷон дод. Аммо модина чӣ кард? Вай дастонашро ба гардани наринаи қоматбаланд сахт ҳалқа карда, бо хушҳолӣ пӯзханд мезад.

Ҳамаи каппаҳои нарина, ки ман мешинохтам, аз ҷониби модинаҳо таъқиб мешуданд. Модинаҳо ҳатто аз паси Багг, ки зану фарзанд дошт, медавиданд. Ӯ ҳатто чандин бор ба даст уфтода буд. Танҳо файласуфе ба номи Магг (вай ҳамсояи шоир Токк буд), боре ҳам ба даст науфтод. Ин амр, то ҳадде ба он марбут мешавад, ки наринаи кареҳманзартар аз ӯро пайдо кардан душвор буд. Вале, аз ҷониби дигар, Магг, бар хилофи наринаҳои дигар, хеле камтар ба кӯча мебаромад. Гоҳе ман ба манзили ӯ мерафтам ва мо суҳбат мекардем. Магг ҳамеша дар хонаи ниматорики худ, ки равшаниаш аз чароғи дорои шишаҳои гуногунранг буд, дар паси мизи баланд менишаст ва китобҳои кулуфту калонеро мехонд. Боре ман бо ӯ роҷеъ ба масоили ишқ суҳбат кардам. Аз ӯ пурсидам:

– Чаро давлати шумо алайҳи модинаҳое, ки наринаҳоро таъқиб мекунанд, муҷозоти ҷиддӣ ҷорӣ намекунад?

Магг посух дод:

– Аввалан, барои он ки дар дастгоҳи давлатӣ модинаҳо хеле кам ҳастанд. Маълум аст, ки модинаҳо хеле бадрашктар аз наринаҳо ҳастанд. Ва агар шумораи модинаҳо дар ниҳодҳои давлатӣ афзояд, наринаҳо эҳтимолан, нафаси сабуктар мекашанд. Вале ман, бовар дорам, ки чунин иқдомҳо низ ҳеч натиҷае намедиҳанд. Барои чӣ? Дар навбати аввал барои он ки модинаҳои мақомдор ба давидан аз паси мардинаҳои ҳамкорашон шуруъ мекунанд.

–Пас, Магг, ба фикратон беҳтар аст, ки чунин шеваи зиндагӣ идома ёбад?

Магг аз рӯйи курсӣ бархост, ҳарду дасти маро дар миёни дастонаш фишурд ва оҳе кашиду гуфт:

–Шумо каппа нестед ва ин маъниро дарк намекунед. Ман гоҳе сахт мехоҳам, ки ин модинаҳои нобакор таъқибам бикунанд.

## 7

Мо бо шоир Токк ба консертҳо бисёр мерафтем. Махсусан консерти сеюм бароям хотирмон буд. Толори консерт дар кишвари каппаҳо ҳеч тафовуте аз толори консерт дар Жопун надорад. Ҳамин тавр қатори курсиҳое, ки рада-рада баландтар мешаванд ва дар курсиҳо сесад-чорсад наринаю модина, ки ҳатман барномаи консерт дар даст доранд. Дар консерти севум, ки мехоҳам аз он ҳикоят бикунам, маро, ба ҷуз Токку модинааш, файласуф Магг ҳамроҳӣ мекарданд. Мо дар қатори аввал ҷой гирифтем. Дар оғоз бо виоленчел оҳанге иҷро шуд, баъд каппае, ки чашмони бениҳоят танг дошт ва нотаҳои дасташро бепарво ва беист

меҷунбонид, ба саҳна баромад. Чунонки дар барнома навишта буданд, ин мард оҳангсози машҳур Крабак буд. Дар барнома…. Зимнан, ман ҳеч эҳтиёҷе барои нигаристан ба барнома надоштам. Крабак узвияти бошгоҳи абармардонро, ки Токк ҳам узваш буд, дошт ва ман ӯро мешинохтам. “Lied- Grabak”[1] (дар ин кишвар ҳатто барномаҳо асосан ба забони олмонӣ чоп мешуданд).

Крабак дар посухи кафкӯбиҳои пурмавҷ каме таъзим кард ва оромона ба суйи роял рафту бо ҳамон ваҷоҳати беэътиноёна оҳанги халқкардаи худро навохт. Ба гуфтаи Токк, дар ин кишвар чунин оҳангсози нобиғае чун Крабак ҳеч гоҳ ба дунё наёмада ва то охири дунё низ дигар ба дунё нахоҳад омад. Крабак сахт мавриди таваҷҷуҳи ман қарор гирифт – манзури ман ҳам мусиқии ӯ ва ҳам сурудҳои лирикиаш аст, – ва ман бодиққат ба садоҳои роял гӯш додам. Токку Магг эҳтимолан бештар аз ман ғарқаи мусиқӣ шуда буданд. Танҳо як модинаи зебо (ба ҳар ҳол каппаҳо чунин мешумурданд), беқаророна барномаро дар дасташ мефишурд ва гоҳ-гоҳ таҳқиромез забони дарозашро берун меовард. Магг ба ман ҳикоят кард, ки тақрибан даҳ сол пеш ин модина аз паси Крабак медавид, вале муваффақ нашуд, ки ӯро ба даст оварад ва аз он замон боз ба ин оҳангсози бузург нафрат дорад.

Крабак навохтанро идома медод, бештару бештар ба ваҷд меомад, гӯйӣ бо роял мубориза мебурд, ки ногаҳон фарёде тамоми толорро пахш кард:

– Консертро манъ мекунам!

Ман як қад паридаму ҳаросон сар гардондам, Ҳеч шубҳае набуд, садо мутааллиқ ба пулисе қоматбаланд буд, ки дар радаи охир нишаста буд. Айнан дар ҳамон

[1] «Суруд – Крабак» (олмонӣ)

дам, ки ман сар баргардониам, вай оромона, бе он ки аз ҷояш бархезад, бори дигар фарёд зад:

– Консертро манъ мекунам!

Баъд…..

Баъд ғалмағоле шуд гӯшкаркунанда. Тамошоиён дод мезаданд: «Худхоҳии пулис!», «Бинавоз, Крабак!», «Идома деҳ», «Аҳмаққо!», «Нобакорҳо!», «Дафъ шав», «Гӯш надеҳ». Курсиҳо меуфтоданд, барномаҳоро ҳаво медоданд, дар баъзе гӯшаҳо шишаҳои холии шароб, санг, ҳатто пасмондаҳои сигорро партоб мекарданд. Ман, ки комилан ба ҳайрат уфтода будам, саъй кардам аз Токк бифаҳмам, ки чӣ мегузарад, аммо Токк аз фарти ҳаяҷон аз худ бехуд шуда буд. Вай ба болои муттакои курсӣ баромада, пайваста дод мезад: «Бинавоз, Крабак! Бинавоз!» Ва ҳатто модинаи зебо нафрати худро ба Крабак фаромӯш карда, баландтар аз Токк дод мезад: «Худхоҳии пулис!» Баъд ман ба Магг рӯй овардам:

–Чӣ воқиа шуд?

–Э, ин ҳодиса дар кишвари мо зуд-зуд рух медиҳад. Бибинед, фикре, ки тоблуи наққошӣ ё асари бадеӣ ифода мекунад… – Магг чун ҳамеша пасту ором сухан мегуфт, танҳо сарашро ба китфонаш фурӯ кашида буд, то ки аз ашёе, ки дар атроф мепариданд, осеб набинад. – Фикре, ки фарз кардем тоблуи наққошӣ ё асари бадеӣ ифода мекунанд, маъмулан аз нигоҳи аввал барои ҳама маълум аст, аз ин рӯ барои чопи китоб ё баргузории намоишгоҳи осори наққошӣ дар кишвар мамониате вуҷуд надорад. Аммо манъ кардани иҷрои асарҳои мусиқӣ ҷой дорад. Охир асари мусиқӣ ҳар қадар барои ахлоқ зараровар бошад ҳам, ҳаройина барои каппаҳое, ки завқи мусиқӣ надоранд, номафҳум аст.

– Пас, ин пулис завқи мусиқӣ дорад?

– Чӣ гӯям… Шак дорам, ки чунин бошад. Ба эҳтимоли зиёд ин мусиқӣ барои ӯ ёдовари он аст, ки чӣ тавр

ҳангоми бо занаш хобидан дар рахти хоб дилаш сахттар мезанад.

Дар ин миён оташи ҷанҷол баландтар шуълавар шуд. Крабак чун қабл паси роял нишаста буду худписандона ба мо менигарист. Ва агарчи, зарурати зуд-зуд хам шудан барои худро аз осеби ашёи паррон халос кардан, ба худписандии ӯ халал эҷод мекард, дар умум ӯ тавонист шоистагии оҳангсози бузургро ҳифз бикунад ва чашмони танги ӯ ба самти мо нигоҳҳои дурахшони пурғазаб партоб мекард. Ман… Ман ҳам, албатта, ба ҳар воситае талош мекардам аз хатар дар амон бошам ва дар паси Токк пинҳон мешудам. Аммо кунҷковӣ пирӯз омад ва ман боз аз Магг пурсидам:

– Оё ба фирки шумо чунин сонсур барбарият нест?

– Ҳаргиз! Баръакс, сонсури мо хеле пешрафтатар аз сонсури кишварҳои дигар аст. Барои мисол Жопунро мегирем. Ҳамагӣ як моҳ пеш дар он ҷо..

Вале айнан дар ҳамин лаҳза шишаи холие ба фарқи сари Магг бархӯрд. Вай «guarck» (нидоест) гуфта, фарёд кашид ва беҳушу ёд ба замин уфтод.

## 8

Агарчи аҷиб аст, вале ман аз мудири корхонаи шиша Гэр хушам меомад. Гэр намунаи дурахшони сармоядорон аст. Ҳатто ҷойи шакку шубҳа ҳам нест, ки ҳеч каппае дар ин кишвар баробари Гэр шиками бузург надорад, бо ин ҳол чун вай дар курсии амиқу нарм дар ҳалқаи зани мушобеҳаш ба садафак ва фарзандони монандаш ба бодиринг менишинад, исту бист муҷассамаи хушбахтию саодат аст. Гоҳе ман дар мушояати додрас Бэпп ва доктор Чакк ба хонаи Гэр ба зиёфат меравем. Ман бо номаҳои муаррафии Гэр ба корхонаҳои мухталиф, ки баъзе ба худи Гэр ва бархе ба ашхоси муртабит ба дӯстони ӯ тааллуқ доштанд, низ рафтаам. Дар байни

ин корхонаҳои мухталиф таваҷҷуҳи маро корхонаи як ширкати чопу нашри китоб ҷалб кард. Вақте ки ман бо муҳандиси ҷавони каппа ба қисматҳои гуногуни ин корхона рафтем ва дастгоҳҳои азимеро, ки бо неруи барқ кор мекарданд, дидем, маро бори дигар сатҳи баланди техника дар ин кишвар буҳтзада карду ба ваҷд овард. Чунонки маълум гардид, ин коргоҳ солона то ҳафт миллион нусха китоб чоп мекардааст. Вале маро на теъдоди нусхаҳо ба ҳайрат овард. Аҷиб ин буд, ки барои тавлиди китоб дар ин ҷо ҳеҷ сарфи заҳмате лозим набуд. Чунонки маълум шуд, дар ин кишвар барои он ки китоб тавлид бишавад, танҳо ба дастгоҳ, аз тариқи қабулкунандаи қифмонанд гузоштани коғаз, сиёҳӣ ва кадом як моддаи хокистарии пудрмонанд кофӣ будааст. Панҷ дақиқа нагузашта аз дохили дастгоҳ қатори беохири китобҳои шаклҳои гуногун баромадан мегиранд. Ман ба обшори китоб, ки аз даруни дастгоҳ берун мерехт, нигоҳ дӯхта, аз муҳандис пурсидам, ки ин пудри хокистарӣ, ки ба даруни дастгоҳ рехта мешавад, чист? Муҳандис, ки беҳаракат дар назди дастгоҳҳои сиёҳи дурахшон меистод, парешонҳолона посух гуфт:

– Пудри хокистарӣ? Ин мағзи сари хар аст. Инро аввал мехушконанд, баъд майда мекунанд, тамом, ҳамин. Ҳоло як тоннаи онро ду-се сэн мефурӯшанд.

Чунин уъҷубаҳои фаннӣ, албатта, на фақат дар ширкатҳои чопи китоб дучор меояд. Ширкатҳои тавлиди тоблуҳои наққошӣ ва ширкатҳои тавлиди мусиқӣ низ тақрибан бо ҳамин усул кор мекунанд. Ба гуфтаи Гэр, дар ин кишвар моҳона аз ҳафтсад то ҳаштсад механизм ихтироъ карда мешавад, тавлидоти оммавӣ тақрибан бидуни истифодаи дасти одамӣ сурат мегирад. Дар натиҷа ҳармоҳа дар ҳамаи корхонаҳо на камтар аз чиҳил то панҷоҳ ҳазор коргар ихроҷ карда мешавад. Дар ин ҳол дар рӯзномаҳо, ки ман ҳар субҳ ҳатман чашм медавонам, боре ҳам калимаи «бекорӣ» ба наза-

рам науфтодааст. Чунин вазъ ба назари ман аҷиб намуд ва боре, ки бо Бэппу Чакк ба хонаи Гэр ба зиёфат даъват шуда будем, ман шарҳи ин маъниро хостам.

– Аз кор ихроҷшудаҳоро дар кишвари мо мехӯранд, – бепарвоёна гуфт Гэр, дуди сигори баъди чоштро ба ҳаво сар дода.

Ман маънии гапи ӯро нафаҳмидам ва Чакк, ки чун ҳамеша айнак дар болои минқораш буд, бароям шарҳ дод:

– Ҳамаи ин коргарони ихроҷшударо мекушанд ва гӯшти онҳоро дар ғизо истифода мекунанд. Инак, рӯзномаро нигоҳ кунед. Мебинед? Дар ин моҳ шасту чор ҳазору ҳафтсаду шасту нӯҳ коргар ихроҷ шудааст ва дақиқан мутаносибан ба ин қимати гӯшт арзон шуд.

– Ва онҳо имкон медиҳанд, ки бикушандашон?

– Аз дасти онҳо чӣ ҳам меояд? Қонуни куштори коргарон барои ҳамин вуҷуд дорад.

Суханони охирро Бэпп, ки турушрӯй дар паси гулдони шафтолуи кӯҳӣ нишаста буд, изҳор дошт. Ман пок руҳафтода шуда будам. Аммо на ҷаноби Гэр, на Беппу на Чакк дар ин амр ҳеч чизи ғайритабиие намедиданд. Баъд аз таваққуф Чакк бо пӯзханде, ки ба назари ман таҳқиромез расид, боз гуфт:

– Ба ин тариқ давлат теъдоди марг аз гуруснагӣ ва шумораи худкуширо коҳиш медиҳад. Ва воқиан ин амр барои онҳо бидуни азият сурат мегирад – ба онҳо барои бӯйидан каме гози заҳрогин медиҳанд.

– Аммо хӯрдани гӯшти онҳо….

– Эҳ, монед, аз барои Худо. Агар ҳоло файласуфи мо Магг гапҳои шуморо мешунид, аз ханда мекафид. Оё дар кишвари худи шумо, бубахшед, авом духтарони худро ба фоҳишагӣ намефурӯшанд? Аҷаб раҳмдилие – эътироз кунӣ, ки гӯшти коргаронро дар хӯрок меандозанд!

Гэр, ки суҳбати моро мешунид, табақи бутербродро ба назди ман тела дода, оромона гуфт:

– Чиро не бошад. Шояд бичашед? Ин ҳам гӯшти коргарон аст, охир…

Ман тамоман саргаранг шудам. Аҳволам бад шуд. Дар зери қоҳ-қоҳи хандаи Беппу Чакк ман дартоз худро аз меҳмонхона берун гирифтам. Шаби гирифтаи абрӣ буд ва дар осмон ҳеч ситорае ба чашм намеомад. Ман дар торикии мутлақ ба хона бармегаштам ва беист қай мекардам. Ва қайи ман ҳатто дар торикии анбӯҳи шаб чун лаккаҳои сафед медурахшид.

## 9

Ҳаройина мудири ширкати тавлиди шиша Гэр бидуни шак каппаи хушмашрабе буд. Мо бо Гэр зуд-зуд ба бошгоҳе, ки вай узваш буд, мерафтем ва он ҷо бароямон хуш мегузашт. Гап дар ин ки ин бошгоҳ ба маротиб роҳаттар аз бошгоҳи абармардон буд, ки Тэкк узвияташро дошт. Ҳамчунин, суҳбатҳои мо бо Гэр, – агарчи мисли суҳбатҳо бо файласуф Магг амиқ набуданд, – ҷаҳони комилан нав ва бовусъатеро пеши рӯйи ман боз мекарданд. Гэр қаҳвaашро бо қошуқчаи тилоӣ кофта, бо майли тамом дар мавзуъҳои мухталиф изҳори назар мекард.

Боре, як бегоҳ, ки само абрӣ буд, ман дар байни гулдонҳои садбаргҳои зимистона нишаста будаму гӯш ба Гэр фаро дода будам. Дар ёдам ҳаст, ин суҳбат дар хонае, ки бо сабки навтарин музайян ва муҷаҳҳаз карда буданд – хутути нозуки тилоӣ сафедии деворҳо, сақф ва мебелҳоро мебуриданд, сурат гирифта буд. Гэр бо лабханде, ки бештар аз маъмулӣ худписандона буд, дар бораи девони вазирони ҳизби «Куоракс», ки чанде қабл дар раъси ҳукумат қарор гирифта буд, суҳбат кард. Вожаи «куоракс» калимаи нидо аст, ки ҳеч маънои хосе

надорад ва онро ҷуз аз «оҳо» ба гунаи дигар наметавон тарҷима кард. Зимнан, ҳар чӣ ҳам бошад, ин ҳизб таҳти шиори «ба манфиати ҳамаи каппаҳо» фаъолият мекунад.

– Ба ҳизби «Куоракс» ходими машҳури сиёсӣ Роппэ раҳбарӣ мекунад. Бисмарк замоне гуфта буд: «Дурусткорӣ – беҳтарин дипломатия аст». Аммо Роппэ дурусткориро ба аслҳои сиёсати дохилӣ низ ворид кард.

– Аммо суханронии Роппэ....

– Сухани маро набуреду аввал то охир гӯш бикунед. Бале ҳамаи суханоне, ки вай мегӯяд, дурӯғ аст. Лекин азбаски ҳама медонанд, ки ҳамаи суханони ӯ дурӯғ аст, пас дар ниҳоят ин ҳам мисли он аст, ки вай комилан росту дуруст бигӯяд. Ва танҳо мавҷудоти бадгумоне чун шумо – одамиён метавонанд ӯро дурӯғгӯй биноманд. Мо каппаҳо, аслан чунин нестем... Вале аслан, ин муҳим ҳам нест. Мо дар бораи Раппэ сухан мегуфтем. Инак, Раппэ ҳизби «Куоракс»-ро роҳбарӣ мекунад. Аммо Раппэ худаш ҳам раҳбар дорад. Ин шахс Куикуи, молики рӯзномаи «Пу-Фу» аст («пу-фу» низ нидо аст, тақрибан «эҳ» тарҷума мешавад). Вале Куики низ роҳбар дорад. Ва роҳбари ӯ ҷанобе ба номи Гэр аст, ки ҳоло дар муқобили шумо нишастааст.

– Лекин... Бубахшед, эҳтимол ман суханони шуморо дуруст нафаҳмида бошам.... Охир, рӯзномаи «Пу-Фу» то ҷое, ки ман медонам, аз манофеи коргарон дифоъ мекунад. Ва чун шумо мегӯед, ки соҳиби ин рӯзнома тобеъи шумо аст...

– Дар мавриди ходимони рӯзномаи «Пу-Фу» бояд бигӯям, ки онҳо воқеан муҳофизини манофеи коргарон ҳастанд. Аммо онҳоро маҳз Куикуи роҳбарӣ мекунад. Ва худи Куикуи қадаме бе изну ҳимояти ин бандаи ҳалқабагӯши шумо намегузорад.

Гэр, чун қабл лабханд мезаду бо қошуқчаи тилоияш бозӣ мекард. Ман ба ӯ менигаристам, вале ҳеч нафрате

ба ӯ эҳсос намекардам, балки қалбам мамлу аз ҳамдардӣ бо ходимони бадбахти «Пу-Фу» буд. Зоҳиран Гэр андешаҳои маро пай бурд ва шиками калонашро пеш дамонда, гуфт:

– Албатта, на ҳамаи ходимони «Пу-Фу» аз манофеи коргарон ҳимоят мекунанд. Зеро ҳар як каппа, пеш аз ҳама, манофеи шахсии худашро ҳимоят мекунад, мо ҳамин тавр офарида шудаем... Ҳамчунин, боз як ҳолате ҳаст, ки вазъро мураккабтару печидатар месозад. Гап дар ин ки ман, Гэр ҳам дар амалкарди худ мустақил нестам. Ба фикратон роҳбари ман кист? Ҳамсари ман. Хонуми хушному хушандом Гэр.

Гэр қоҳ-қоҳ хандид.

– Иҷро кардани амру фармонҳои хонум Гэр – саодати бузург аст, – бо меҳрубонӣ гуфтам ман.

– Ба ҳар ҳол, ман розиям. Вале ман фақат бо шумо дар бораи ҳамаи ин чунин ошкоро сухан мегӯям, зеро шумо каппа нестед.

– Яъне, дар ниҳояти амр фаъолияти девони вазирони «Куоракс»-ро хонуми Гэр роҳбарӣ мекунад?

– Ҳм-м… Ба ростӣ намедонам, оё чунин гуфтан дуруст бошад… Лекин ҷанге, ки ҳафт сол пеш рух дода буд, воқиан ба сабаби зан шуруъ шуда буд.

– Ҷанг? Яъне, дар кишвари шумо ҳам ҷангҳо рух медиҳанд?

– Албатта, рух додаанд. Ва боз ҳам рух хоҳанд дод! Медонед, то замоне ки кишварҳои ҳамсоя вуҷуд доранд…

Ҳамин тавр ман бори аввал фаҳмидам, ки кишвари обиҳо танҳо мамлакати ин ҷаҳон нест. Гэр ба ман ҳикоят кард, ки дар тӯли асрҳои дароз рақибони билқувваи каппаҳо сагобиҳо будаанд. Аслиҳа ва созу барги сагобиҳо аз силоҳу таҷҳизоте, ки каппаҳо дар ихтиёр доштанд, камӣ надошту камтар набуд. Ин суҳбат дар бораи ҷангҳои байни каппаҳою сагобиҳо хеле қобили

таваҷҷуҳ буд. Дар воқеъ, ин амр, ки каппаҳо рақиби неруманде чун сагобиҳо доштанд, на ба муаллифи «Суйку-коряку» маълум буд ва албатта, на ба ҷаноби Янагида Кунио[1], муаллифи «Маҷмуаи ривоятҳои мардумии Ямасима».

Гэр идома дод:

– Албатта, табиист, ки то оғози ҷанг тарафҳо пайваста ҳамдигарро таҳти назорати ҷосусон қарор дода буданд. Охир мо аз сагобиҳо сахт метарсидем ва ҳамчунин онҳо низ аз мо биму ҳарос доштанд. Дар чунин вазъе як нафар сагобӣ, ки дар кишвари мо зиндагӣ мекард, ба як хонаводаи каппа меҳмон мешавад. Ва иттифоқан дар ин вақт каппахонум тасмим гирифта буд, ки шӯяшро бикушад. Шӯйи ӯ хеле фосиқу хиштакҳаром буд ва ҳамчунин, зиндагияш бима шуда буд, ки ин амр ҳам то ҳадде ҳамсари ӯро барангехта буд.

– Шумо бо онҳо шинос будед?

– Бале… Аслан, не. Ман танҳо нарина, шавҳарро мешинохтам. Завҷаи ман ӯро бадкуниши разил меҳисобад, вале ба фикри ман вай разил не, балки девонаи бадбахт аст, ки хаёлоти инҳирофшудаи ҷинсӣ дорад, ҳамеша ба назараш менамуд, ки модинаҳо таъқибаш мекунанд... Хулоса, ҳамсараш ба какаои вай заҳр рехт… Вале, намедонам чӣ тавр рух дод, истакони заҳрдор дар назди сагобии меҳмон қарор гирифт. Сагобӣ какаоро нӯшид ва албатта, ки мурд. Ва он вақт….

– Ҷанг сар шуд?

– Бале. Шӯрбахтона ин сагобӣ сагобии ордендор буд.

– Ва кӣ ғалаба кард?

– Албатта, мо. Барои ин ғалаба сесаду шасту нуҳ ҳазору панҷсад нафар каппа сар бохтанд. Вале ин талафот дар қиёс бо талафоти рақиб ночиз аст. Дар кишва-

---

[1] Янагида Кунио (1875–1962) – мардумшиноси машҳури жопунӣ.

ри мо ба ҷуз пӯсти сагобӣ муинаи дигарро намебинӣ. Ман дар замони ҷанг ба ҷуз тавлиди шиша, ба расонидани дажғоли ангишт ба ҷабҳа низ машғул будам.

– Дажғоли ангишт ба чӣ дарди ҷабҳа мехӯрад?

– Ин ғизо аст, охир. Мо каппаҳо, агар шикамамон вайрон шавад, ҳама чизро метавонем бихӯрем.

– Чӣ бигӯям…. Наранҷед, лутфан, аммо барои каппаҳое, ки дар майдони ҷанг қарор доранд… Дар Жопуни мо чунин фаъолияти шумо боиси шармандагию нафрин мешавад.

– Бовар кунед, дар кишвари мо ҳам барои ин кор нафрин мекунанд. Лекин, азбаски ман худам дар ин бора суҳбат мекунам, ҳеч кас маро нафрин намекунад. Медонед, файласуф Магг дар ин бора чӣ мегӯяд? «Дар бораи бадии содиркардаат худат хабар деҳу ҳарф бизан ва бадӣ худ ба худ маҳв мешавад…» Зимнан, дар ёд дошта бошед, ки ангезаи ман барои анҷоми ин кор на танҳо талоши касби сарват, балки эҳсоси шарофатмандонаи меҳандӯстӣ ҳам буд!

Дар ин вақт ходими бошгоҳ ба назди мо омад. Вай ба Гэр таъзим кард ва ангор аз саҳна наттоқӣ мекарда бошад, гуфт:

– Дар хонаи ҳамсояи шумо сӯхтор шуда.

– Сӯ… Сӯхтор!

Гэр ҳаросон аз ҷой ҷаста хест. Ман ҳам, табиист, ки бархостам. Ходим бо оромӣ ва бидуни эҳсосе гуфт:

– Лекин сӯхторро хомӯш карданд.

Ваҷоҳати чеҳраи Гэр, ки ходими бошгоҳро бо нигоҳ гусел мекард, ба чизе шабеҳи хандаи гиряолуд мемонист. Ва маҳз дар ҳамин лаҳза ман фаҳмидам, ки аз рӯзҳо қабл ба ин мудири ширкати тавлиди шиша нафрат дорам. Аммо ҳоло дар назди ман на сармоядори бузургтарин, балки каппаи маъмулитарин меистод. Ман аз гулдон як даста гулҳои зимистониро гирифтам ва онро ба Гэр дароз карда, гуфтам:

– Сӯхтор хомӯш карда шуд, аммо ҳамсари шумо эҳтимолан хеле музтарибу мушавваш аст. Ин гулҳоро бигиреду ба хонаатон биравед.

– Ташаккур.

Гэр дасти маро фишурд. Баъд вай ногаҳон қаноатмандона табассум карду бо садои паст гуфт:

– Охир ин хонаи ҳамсоя ҳам хонаи худи ман аст. Ман акнун пули бимаи хонаро мегирам.

Ин лабханд…. Ман ҳанӯз ҳам ин лабханди Гэрро дар хотир дорам.

## 10

– Имрӯз чӣ шуда бо ту? – пурсидам аз донишҷӯ Рапп. – Чӣ боиси изтиробат шудааст?

Ин суҳбат як рӯз пас аз сӯхтор буд. Мо ҳарду дар меҳмонхонаи ман нишаста будем. Ман сигор мекашидам ва Рапп бо чеҳраи гирифта, пой болои пой гардонида менишаст ва сарашро чунон хам карда ба фарш менигарист, ки ҳатто нӯли пусидааш наменамуд.

– Чӣ шуд бо ту Рапп?

Рапп ниҳоят сар бардошт.

– Не, чизи хосе нашудааст, муҳим ҳам нест, – ғамгинона ва бо овози манқа гуфт ӯ. – Ман имрӯз назди тиреза истода будам ва худ ба худ ба садои паст гуфтам: «Ӯҳӯ, инак, гули ошиқи печон ҳам шикуфтааст…» Бовар мекунед, ногаҳон хоҳарам ба ғазаб омаду ба ман ҳамла овард. «Ту барои чӣ маро ошиқи печон мешуморӣ?» Ва дигар сар кард ғур-ғурро. Модарам ҳам, ки ҳамеша аз ӯ пуштибонӣ мекунад, ба ӯ ҳамроҳ шуд.

– Лутфан бигӯй, ки хоҳари ту чӣ рабте бо ошиқи печон дорад?

Онҳо, эҳтимолан, гумон карданд, ки ман ба он ишора мекунам, ки хоҳарам ҳамеша аз паси наринаҳо медавад. Хуб, холаам ҳам ба баҳс ҳамроҳ шуд– вай ҳеч

гоҳ бо модарам сари созиш надорад. Оташи баҳсу мунозара шуълавар шуд ва доду фиғон бархост. Падари доимо мастам ҷанҷоли моро шунида омаду аз як сар ҳамаро кӯфтан гирифт. Изофа бар ин ҳама, бародари хурдиам аз ғалмағол истифода бурда, ҳамёни модарамро дуздиду гурехт…. намедонам ба кино рафт ё ба ҷойи дигар… Вале ман… Ман тамоман…..

Рапп рӯяшро бо дастонаш пӯшид ва беовоз ба гиря даромад. Албатта, табиист, ки ман ба вай дилам сӯхт ва ҳамон дам ба хотирам расид, ки шоир Токк то чӣ андоза ба муносибатҳои хонаводагӣ нафрат дорад. Ман бо кафи даст ба тахтапушти Ропп задаму то метавонистам таскин додан гирифтамаш.

– Ин кор дар ҳама оилаҳо мешавад, – гуфтам ман. – Набояд чунин ғамгин бишавӣ.

– Кошки чунин буд… Агар ҳадди ақалл минқорам дуруст буд….

– Хуб барои коре, ки ислоҳаш ба ту марбут нест, набояд ғам хӯрд. Бибин, ба назди Токк равем чӣ?

– Ҷаноби Токк бо чашми таҳқир ба ман менигарад. Ман, охир, намеёрам мисли ӯ якбора қатъи робита бо оилаам бикунам.

– Пас, ба назди Крабак меравем.

Пас аз консерте, ки тавсифаш дар боло гузашт, мо бо Крабак дӯст шуда будем, аз ин рӯ боҷуръатона метавонистам Раппро ба хонаи ин ромишгари бузург бибарам. Крабак хеле муҷаллотару бошукӯҳтар, масалан аз Токк, зиндагӣ мекард, агарчи албатта, на бо дабдабаю шукуҳи сармоядор Гэр. Дар хонаи ӯ, ки пур аз ҳаргуна васоили тазйинии нолозим, ба мисли ҳайкалчаҳои сафолӣ ва зуруфи кулолии эронӣ буд, дивани туркӣ низ ҷой гирифта буд ва худи Крабак маъмулан рӯи ин диван дар зери портрети худаш менишаст ва бо бачагони худ бозӣ мекард. Вале ин бор, намедонам барои чӣ ӯ танҳо буд. Вай бо чеҳраи гирифта дастонашро рӯи сина

ба ҳам печида менишаст. Фарши зери пояш пур аз коғазпораҳо буд. Рапп ҳамроҳ бо шоир Токк, эҳтимолан борҳо бо Крабак дидор дошт, вале ҳоло чун дид, ки Крабак озурдахотир аст, тарсид ва бечуръатона ба ӯ таъзим карда, дар гӯшае бинишаст.

Ман баробари саломуалайк кардан пурсидам:

– Чӣ шуд туро Крабак?

– Ту напурсу ман нагӯям! – посух дод ромишгари бузург. – Чӣ назар дорӣ дар мавриди ин мунтақиди аблаҳ? Эълом дошта, ки ашъори ғиноии ман дар қиёс бо шеърҳои ғиноии Токк чизе нестанд!

– Лекин ту ромишгарӣ, охир….

– Сабр кун. Ин гуфтаашро метавон таҳаммул кард. Аммо, охир, ин разил, ҳамчунин таъйид кардааст, ки дар қиёс бо Рокк ман касе нестам, маро ҳатто ромишгар номидан ҳам мумкин нест.

Рокк ромишгарест, ки ҳамеша бо Крабак муқоисааш мекунанд. Мутаассифона, вай узви бошгоҳи абармардон набуд ва ман бо ӯ ҳеч гоҳ суҳбат накарда будам. Вале чеҳраи фаромӯшношудании ӯро бо нӯли ҳамеша болобардоштааш аз аксҳои ӯ дар рӯзномаҳо мешинохтам.

– Рокк ҳам албатта, нобиға аст, – гуфтам ман. – Вале дар офаридаҳои ӯ эҳсосу шавқи муосир, ки мусиқии ту лабрез аз он аст, ба самъ намерасад.

– Ту воқеан чунин фикр мекунӣ?

– Бале, маҳз ҳамин тавр.

Крабак ногаҳон аз ҷой ҷаста бархост, яке аз ҳайкалчаҳоро бардошт ва бо тамоми қувват ба фарш афканд. Рапп аз ғояти тарс нола карду хост гурезад, вале Крабак бо ишораи даст моро ба оромӣ даъват кард ва баъд бо лаҳни сард гуфт:

– Ту барои он чунин фикр мекунӣ, ки мисли ҳамаи беҳунарон самъи мусиқӣ надорӣ. Вале ман… ман аз Рокк метарсам.

– Ту? Хоксорӣ накун, лутфан!

– Кӣ хоксорӣ мекунад? Чаро ман бояд хоксорӣ бикунам? Ман дар назди шумо на бештар аз назди мунтақидон худро хоксор метарошам! Ман Крабак – нобиға ҳастам! Тарси ман аз Рокк ба ин маънӣ нест.

– Пас аз чӣ метарсӣ?

– Аз чизе номаълум.... Шояд аз бурҷи нуҷумие, ки Рокк дар он зода шудааст.

– Ман маънои суханонатро нафаҳмидам.

– Талош мекунам ба гунаи дигар бигӯям, то ки фаҳмотар бошад. Рокк аз ман таъсир намепазирад. Лекин ман ҳамеша таъсири Роккро бар худ эҳсос мекунам.

– Сабабаш ин аст, ки ту эҳсосотӣ ҳастӣ...

– Лутфан, канор бигзор ин гапҳоро! Эҳсосотӣ будан чӣ рабте ба ин амр дорад? Рокк оромона ва мутмаин ба худ кор мекунад. Вай ҳамеша ба корҳое машғул мешавад, ки фақат худаш аз уҳдаашон мебарояд. Вале ман чунин нестам. Ман ҳамеша дар вазъи асабоният ва сарсомӣ қарор дорам. Шояд, аз назари Рокк фосилаи байни мо беш аз як қадам набошад. Вале ман бар ин боварам, ки моро даҳҳо мил аз ҳам ҷудо мекунад.

Рапп беҷуръатон ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Аммо «Симфунии қаҳрамонӣ»- и шумо, устод!.....

– Хомӯш шав! – чашмони танги Крабак боз ҳам тангтар шуданд ва ӯ бо кароҳат ба донишҷӯ нигарист. – Ту чӣ мефаҳмӣ? Тую монанди ту чӣ мефаҳмед? Ман Роккро беҳтар аз ин сагҳое, ки пойҳои ӯро мелесанд, мешиносам.

– Хуб, хуб, ором шав.

– Агар метавонистам ором бишавам.... Ҳама орзуям ҳамин аст.... Кадом каси ноаёне дар сари роҳи ман ин Роккро гузошта, ки маро, Крабакро таҳқир бикунад, Файласуф Макк ин ҳамаро хуб мефаҳмад. Бале, бале, мефаҳмад, агарчи кораш ин аст, ки китобҳои куҳнаро дар зери нури фонуси ҳафтранг варақ бизанад...

– Чӣ тавр?

– Китоби охирини ӯ – «Суханони девона»- ро бихон.

Крабак китобро ба ман дод, балки ба сӯям афканд. Баъд ӯ боз дастонашро сари сина ҳалқа карду дағалона гуфт:

– Хуш бошед.

Ва ману Рапп, ки дигар ба таври ниҳоӣ ба худ фурӯ рафта буд, ба кӯча баромадем. Кӯча чун ҳарвақта пур аз одам буд, дар сояи радаи булутҳо дукону мағозаҳои гуногун воқеъ шуда буданд. Ғайриинтизор шоири мӯйисардароз Токк аз пеши роҳамон баромад. Бо дидани мо ӯ бозистод, аз кифи рӯйи шикамаш дастрӯмол баровард ва арақи пешониашро пок кардан гирифт.

– Хеле шуд, ки ҳамдигарро надидаем, – гуфт ӯ. – Ман ба хонаи Крабак меравам. Ӯро ҳам муддатест, ки надидааам…

Ман намехостам, ки дар миёни ин ду ходими ҳунар баҳсу ҷанҷол сар занад ва то тавонистам, бо ишораҳои мармуз ба Токк фаҳмонидам, ки ҳоло Крабак ба худ нест.

– Ин тавр гӯй! – изҳор дошт Токк. – Пас аёдатро мавқуф мегузорем. Ростӣ, Крабак хеле асабонист…. Зимнан, ман худ ҳам рӯзҳои охир аз бехобӣ азият мекашам.

– Шояд ҳамроҳи мо гаштугузор мекунӣ?

– Не, беҳтараш лозим нест… Ой!

Токк ногаҳон бо изтироб аз дасти ман дошт. Тамоми вуҷуди ӯро, аз пой то сар арақи сард фаро гирифт.

– Чӣ шуд?

– Чӣ шуд бо шумо?

– Ба назарам расид, ки аз шишаи ҳӯ он худрав маймуни сабз сар берун кард.

Ман, ки аз вазъи Токк мушавваш шуда будам, маслиҳат додам, ки ҳаройина, ба машвараи доктор Чакк

биравад. Вале, ман ҳарчанд исрор кардам, ӯ ҳатто суханамро шунидан нахост. Ва ногаҳон, бе ҳеч сабабе бо шакку тардид ба мо чашм дӯхт ва ниҳоятан гуфт:

– Ман ҳеч гоҳ анархист набудам. Ин суханро дар ёд бигиред ва аслан фаромӯш накунед… Акнун, хуш бошед. Ва бубахшед, лутфан, ман ниёзе ба доктор Чакк надорам.

Мо саргаранг дар ҷоямон истодаем ва ба пушти Токк, ки аз мо дур мешуд, менигаристем. Мо… Не, не, на мо, балки фақат ман. Донишҷӯ Рапп ногаҳон дар миёнаи кӯча қарор гирифт. Вай миён хам карда, аз миёнаи пойҳои ба ду тараф гузоштааш ба ҳаракати мунтазами худравҳо ва пиёдаравон менигарист. Ман гумон кардам, ин каппа ҳам девона шудааст ва зуд шитофтам, ки росташ бикунам.

– Ин чӣ шӯхист боз? Чӣ кор мекунӣ?

Рапп чашмонашро молиду ғайриинтизор оромона посух дод:

– Хеч кори ғайримаъмулие намекунам. Лекин он қадар диламро ғам пур карда, ки хостам бибинам, ҷаҳони посгуна чӣ манзарае дорад. Маълум шуд, ки ҳеч фарқе надорад, ҳамон аст, ки буд.

## 11

Инак чанд иқтибос аз китоби «Суханони девона»-и файласуф Магг.

❂

Девона мутмаин аст, ки ҳама, ҷуз худи ӯ, девона ҳастанд.

❂

Тафсири муҳаббати мо ба табиат, дар асл ин аст, ки табиат на ба мо нафрат дорад, на аз мо рашкаш меояд.

❁

Маъқултарин шеваи зиндагонӣ ин аст, ки ба урфу одатҳои замони худ ибрози кароҳат карда, дар ин ҳол онҳоро ба ҳеч ваҷҳ халалдор накунӣ.

❁

Мо бештар аз ҳама аз чизе ифтихор мекунем, ки онро надорем.

❁

Ҳеч кас ба шикастани бутҳо мухолифат изҳор намекунад. Дар ин ҳол, ҳеч кас алайҳи он ки аз худаш бут бисозанд, эътироз намекунад. Аммо танҳо касоне рӯйи пояи ҳайкал оромона истода метавонанд, ки машмули инояти худоён бошанд, яъне девонаҳо, ҷинояткорон, қаҳрамонон (ин ҷоро Крабак бо нохунаш харошида буд).

❁

Эҳтимолан, ҳамаи идеяҳои зарур барои зиндагии мо се ҳазор сол пеш кашф шуда буданд. Танҳо коре, ки барои мо мемонад, оташи нав афзудан ба онҳост.

❁

Вежагии мо дар амри пайваста бартараф кардани шуури худамон таҷассум меёбад.

❁

Агар саодат бидуни дард ва ҷаҳон бидуни ноумедӣ тасаввуршуданӣ нест, пас?...

❁

Ҳимоят аз худ душвортар аз ҳимоят кардани дигарон аст. Ҳар касе шубҳа мекунад, ба вакили дифоъ бингарад.

❂

Ғурур, шаҳват, шубҳа – ин аст се сабаби ҳамаи шароратҳое, ки аз таҷрибаи се ҳазор соли гузашта мешиносем. Ва эҳтимолан, сабаби накӯиҳо низ.

❂

Маҳор кардани ниёзҳои ҷисмонӣ ҳатмӣ нест, ки мунҷар ба сулҳ шаванд. Барои ноил шудан ба сулҳ, бояд ниёзҳои маънавии худро низ маҳор бикунем. (Дар ин ҷо низ Крабак нақши нохуни худро гузошта буд).

❂

Мо каппаҳо нисбат ба одамиён камтар саодатмандем. Одамиён ба андозаи каппаҳо рушдкарда нестанд.

❂

Иҷро кардан – тавонистан аст ва тавонистан –иҷро кардан. Дар ниҳоят зиндагии мо имкон надорад аз ин саҳви мантиқӣ берун барояд. Ба сухани дигар, дар ин зиндагӣ ҳеч мантиқе нест.

❂

Бодлер чун ақлаш зоил шуд, ҷаҳоншиносии худро танҳо бо як калима ифода мекард ва ин калима «зан» буд. Вале барои ифода кардани худ вай набояд чунин мегуфт. Вай ба даҳои худ, даҳои шоирии худ, ки ҳастии ӯро таъмин мекард, итминони зиёд дошт. Аз ин рӯ вай калимаи дигар – «шикам»-ро фаромӯш карда буд. (Нақши нохуни Крабак дар ин ҷо низ дида мешавад)

❂

Мо дар ҳама чиз ба ақл итминон карда, хоҳу ноxоҳ ба инкори ҳастии худ мерасем. Ин ки Волтер хирадро муқаддас дониста ва дар зиндагӣ одами хушбахт буд,

бори дигар ақибмондагии одамиёнро нисбат ба каппаҳо собит мекунад.

## 12

Боре, дар як рӯзи хеле сард, вақте ки хондани «Суханони девона» дилбазан шуд, ман ба назди файласуф Магг рафтам. Дар гӯшаи кадом як паскӯчаи камодам ногаҳон каппаи мисли паша лоғарандомеро дидам, ки хастаҳол ба девор такя дода истода буд. Ҳеч тардиде набуд, вай ҳамон каппае буд, ки замоне қалами худнависи маро дуздида буд. «Ба даст уфтодӣ!»- аз дил гузаронидам ман ва ҳамон лаҳза пулиси қавиҳайкалеро, ки аз канор мегузашт, садо кардам.

– Лутфан, ҳӯ он каппаро боздошт бикунед, – гуфтам ман. – Ҳудуди як моҳ пештар вай худнависи маро дуздид.

Пулис чӯбдасташро бардошт (дар ин кишвар пулисҳо ба ҷойи шамшер чӯбдаст доштанд) ва дуздро садо зад: «Эй, ку ин ҷо биё!» Ман интизор будам, ки дузд мегурезад. Вале аслан! Вай хеле оромона ба сӯйи пулис омад. Афзун бар ин, дастонашро рӯйи синааш ҳалқа карда, як навъ нописандона рост ба чашмони мо нигарист. Зимнан бояд гуфт, ин амр аслан боиси қаҳру ғазаби пулис нашуд, вай аз кифи шикамаш дафтари ёддоштро берун кашид ва ба бозпурсӣ сар кард:

– Ном?

– Грук.

– Чикора ҳастед?

– То чанде пеш хаткашон будам.

– Хеле хуб. Ин одам иддиъо дорад, ту худнависашро дуздидаӣ.

– Бале. Ҳудуди як моҳи пеш.

– Барои чӣ?

– Ба бачаам додам, ки бозӣ кунад.

Пулис нигоҳи тунде ба Грук афканд.

– Хуб, куҷост ин бача?

– Як ҳафта пеш мурд.

– Гувоҳномаи вафоташ ҳамроҳат?

Каппаи лоғар аз кифи рӯи шикамаш баргаеро берун оварду ба пулис дароз кард. Пулис ба коғаз чашм давонд, табассум кард ва тап-тап ба китфи Грук зада, гуфт:

– Ҳамааш дуруст, Бубахш, ки музоҳим шудам.

Ман ҳайрону буҳтзада ба пулис чашм дӯхтам. Каппаи лоғар зери лаб ғурғуркунон рафт. Ман ниҳоят ба худ омадаму пурсидам:

– Чаро ӯро раҳо кардед?

– Ӯ гуноҳ надорад, – посух дод пулис.

– Вай, охир, худнависи маро дуздид, ки…

– Дуздид, ки ба бачааш диҳад, то вай бозӣ кунад, лекин бачааш мурд. Агар шумо ба чизе шубҳа дошта бошед, моддаи як ҳазору дусаду ҳаштоду панҷуми қонуни ҷазоиро бихонед.

Пулис пушт ба ман гардонду бо қадамҳои баланд дур шуд. Ман чӣ кор метавонистам бикунам? Ман ҳам осемасар роҳи хонаи Маггро пеш гирифтам ва дар дил такрор мекардам: «Моддаи як ҳазору дусаду ҳаштоду панҷуми қонуни ҷазоӣ».

Файласуф Магг аз меҳмон хушаш меомад. Он рӯз дар хонаи ниматорики ӯ додрас Бепп, доктор Чакк, раиси корхонаи тавлиди шиша Гэр ҷамъ омада буданд. Ҳамаи онҳо сигор мекашиданд ва дуди сигорашон ба сӯйи фонуси ҳафтранг боло мерафт. Ҳузури додрас Бэпп муваффақияте барои ман буд. Баробари нишастанам ба ӯ муроҷиа кардам, лекин ба ҷойи суол аз моддаи як ҳазору дусаду ҳаштоду панҷум, суоли дигар додам:

– Маъзарати зиёд меҳоҳам, ҷаноби Бэпп. Бигӯед, оё ҷинояткорон дар кишвари шумо муҷозот мешаванд?

Бэпп оромона дуди сигори ҳошияи зарҳалидорашро ба ҳаво сар дод ва дили нохоҳам ҷавоб дод:

– Албатта, муҷозот мешаванд. Ҳатто ҳукми қатл ҳам содир мешавад.

– Гап дар ин ки як моҳ пеш…

Ман муфассалан қазияи худнависро ҳикоят кардам ва дар хусуси моддаи як ҳазору дусаду ҳаштоду панҷуми қонуни ҷазоӣ пурсидам.

– Аҳа-а, – гуфт Бэпп. – Он модда чунин мегӯяд: «Сарфи назар аз навъ ва мизони вазнинии ҷиноят, шахсе ки муртакиби ин ҷиноят шудааст, баъд аз он ки сабаб ё вазъе, ки ӯро ба содир кардани ҷиноят водор кардааст, аз байн биравад, машмули ҷазо нахоҳад шуд». Чунонки мавриди шуморо мисол мезанем. Дуздӣ рух дод, ин каппа он замон падар буд, вале баъд вай дигар падар нест, аз ин рӯ ҷинояти ӯ худ аз худ аз миён меравад.

– Чӣ ҳарзае!

– Зинҳор. Агар каппаеро, ки падар буд, бо каппае, ки падар аст, баробар кунем, дар он сурат бемаъноию ҳарза буд. Албатта, бубахшед, қонунҳои жопунӣ дар ин маврид ҳеч тафовуте намебинанд. Вале, ба назари мо, бубахшед, ин амр хандаовар аст. Ҳо-ҳо-ҳо-ҳо-ҳо.

Ва Бэпп сигорро афканду қоҳ-қоҳ ба ханда омад. Пас аз ин, доктор Чакк, шахси дур аз масоили ҳуқуқӣ ба суҳбат ҳамроҳ шуд. Вай айнакашро дуруст карду ба ман суол дод:

– Дар Жопун низ ҳукми эъдом вуҷуд дорад?

– Албатта, ҳаст. Эъдом аз тариқи овехтан иҷро мешавад.

Ман аз бепарвоии Бэпп ба ғазаб омадам ва дар ҳол афзудам:

– Лекин дар кишвари шумо, бешак, бо шеваи бомаърифатона эъдом мекунанд, ҳамту не?

– Бале, дар мамлакати мо шеваи эъдом бомаърифатона аст, – чун қабл оромона посух дод Бэпп. – Дар

кишвари мо эъдом аз тариқи овехтан сурат намегирад. Гоҳе барои ин аз неруи барқ истифода мекунанд. Вале, дар маҷмуъ дар мамлакати мо аз барқ истифода кардан ҳам лозим намешавад. Маъмулан, дар назди ҷинояткор фақат аз ҷинояти содиркардааш ном мебаранд.

– Ва ҷинояткор бар асари он мемирад?

– Комилан дуруст, мемирад. Фаромӯш накунед, ки мо каппаҳо нисбат ба шумо одамон, сохтори хеле нозуки мағзи сар дорем.

– Чунин шева на танҳо барои иҷрои ҳукми эъдом, балки барои куштан низ истифода мешавад, – гуфт мудири ширкати тавлиди шиша Гэр. Вай, ки бар асари шуои нурҳои гуногунранг, ки ба андомаш фурӯ меуфтоданд, саропо бунафш менамуд, ҳалимона ба ман табассум кард. – Чанд рӯз пештар як сотсиалист маро дузд гуфт, ки ба ин сабаб ман қариб дилам кафида мурда будам.

– Ин амр, хеле бештар аз он ки мо гумон мекунем, рух медиҳад. Чанде пеш як нафар вакили шиноси ман ҳамин тавр мурд.

Гӯяндаи ин сухан файласуф Магг буд ва ман рӯй ба ӯ баргардонидам Магг бо ҳамон пӯзханди танзомези маъмулиаш, ба ҳеч кас нигоҳ накарда, идома дод:

– Кудоме ӯро қурбоққа гуфтааст… Шумо, албатта, медонед, ки дар кишвари мо қурбоққа номидани касе баробар бо он аст, ки ӯро разили разилон бигӯӣ… Вай баъди ин ба фикр фурӯ рафт, чандин шабу рӯз пайваста фикр кард, ки ӯ воқеан қурбоққа аст ё қурбоққа нест ва оқибат мурд.

– Ин амр, бетардид, худкушӣ аст, – гуфтам ман.

– Аммо, ҳаройина, ӯро бо қасди куштан қурбоққа номида буданд. Аз нуқтаи назари одамиёнаи шумо, ин амрро, албатта, метавон худкушӣ унвон кард….

Дар ҳамин вақт дар паси девор, ки дар он хонаи шоир Токк воқеъ шуда буд, садои баланди паронданни

туфанги камарӣ, ки ҳаворо мунфаҷир кард, шунида шуд.

## 13

Мо дар ҳол ба он ҷо давидем. Токк дар рӯйи фарш дар миёни гулдонҳои рустаниҳои кӯҳӣ хобида буд. Дар кафи дасти рост туфангро фишурда буд, аз кӯзаи сараш хун ҷорӣ мешуд. Дар канори ӯ сар ба синаи шоир ниҳода завҷааш ҳой-ҳой мегирист. Ман ӯро аз китфонаш гирифтаму бархезондам. (Маъмулан ман аз даст расондан ба пӯсти лағжони каппаён худдорӣ мекардам). Ӯро пурсидам:

– Чӣ тавр рух дод ин воқиа?

– Намедонам. Ҳеч чиз намедонам. Вай паси миз нишаста буду чизе менавишт ва ногаҳон ба сараш тир холӣ кард… Акнун ман чӣ кор мекунам? …. Qur-r-r…. Qur-r-r… (Каппаён чунин мегирянд.)

Мудири ширкати тавлиди шиша Гэр, бо андуҳ сар ҷунбонду ба додрас Бэпп гуфт:

– Дидед, оқибати ин ҳама нозу нузҳо чист?

Бэпп ҳарфе дар посух нагуфт ва сигори ҳошияи зарҳалиашро дуд дод. Доктор Чакк, ки сари по нишаста ҷароҳатро муоина мекард, аз ҷой бархост ва бо лаҳни ҳирфаӣ ба ҳамаи мо муроҷиат карда гуфт:

– Тамом. Токк аз дарди меъда азият мекашид ва ин амр кофӣ буд, ки комилан худро аз даст бидиҳад.

Файласуф Магг бо лаҳне, ки гӯё талош дошт, худкушии шоирро тавҷеҳ бикунад, гуфт:

– Бибинед, дар ин ҷо навиштае ҳаст.

Вай аз рӯйи миз коғазеро бардошт. Ҳама (зимнан, ба истисноӣ ман) дар паси ӯ ҷамъ омаданд ва аз паси китфони васеъаш гардан ёзонида, ба руқъа нигаристанд.

*Бархезу бирав.*
*Ба водие, ки ҷаҳони моро фаро гирифтааст.*
*Он ҷо гареваҳо муқаддасанду обҳо пок,*
*Накҳати гиёҳону гулҳо ба машом мерасанд.*

Магг рӯй ба ҷониби мо баргардонд ва бо лабханди талхе гуфт:

– Ин дуздӣ аст. Аз «Минони»-и Гӯте. Эҳтимол, як сабаби худкушии Токк ин буда, ки илҳоми шоириаш мурда буд.

Чунин иттифоқ уфтод, ки маҳз дар ҳамин дам худраве дар назди хонаи Токк таваққуф кард. Крабак омада буд. Ӯ чанд лаҳзае дар дами дар хомӯш ба ҷанозаи Токк нигариста бозистод. Баъд ба назди мо омаду ба сари Магг дод кашид:

– Ин васияти ӯст?

– Не. Шеъри охирини ӯст.

– Шеър?

Мӯйисари Крабак сих шуд. Магг, ки чун ҳамеша ором буд, варақро ба вай дароз кард. Крабак ба ҳеч кас нигоҳе накарда ба сатрҳои шеър чашм дӯхт. Вай ба суолҳои Магг таваҷҷуҳе накарда сатрҳои шеърро чанд бор гаштаю баргашта хонд.

– Фикри шумо дар мавриди марги Токк чист?

– «Бархез...» Ман низ як рӯзе хоҳам мурд... «Ба водие, ки ҷаҳони моро фаро гирифтааст...»

– Шумо, охир, ба фикрам, яке аз наздиктарин дӯстони Токк будед?

– Дӯстон? Токк ҳеч гоҳ дӯсте надошт. «Ба водие, ки ҷаҳони моро фаро гирифтааст...» Мутассифона, Токк... «Он ҷо гареваҳо муқаддасанд....»

– Мутаассифона?

– «Обҳо пок...» Шумо, ки хушвақтед.... «Он ҷо гареваҳо муқаддасанд....»

Ҷуфти Токк ҳанӯз ҳам мегирист. Ман ба ӯ дилам сӯхт ва китфонашро ба оғӯш гирифта, ба назди дивани гӯшаи хона овардамаш. Дар он ҷо кӯдаки ду ё сесолаи аз олам бехабар механдид. Ман завҷаи Токкро бинишондам ва кӯдакро рӯйи даст гирифта, каме алвонҷ додам. Эҳсос кардам, ки чӣ тавр аз чашмонам ашк берун омад. Ва ин аввалин ва танҳо мавриде буд, ки ман дар кишвари обиҳо гиристам.

– Ба хонаводаи ин бекорхоҷа раҳмам меояд, – гуфт Гэр.

– Бале, барои чунинҳо фарқ надорад, ки баъди сарашон чӣ мешавад, – додрас Бэпп дуди сигорашро ба ҳаво сар доду сухани ӯро тақвият дод.

Садои баланди Крабак моро ғофилгир кард, мо як қад паридем. Крабак вараҳи дасташро дар ҳаво афшонда, бе он ки ба касе таваҷҷуҳ бикунад, фарёд зад:

– Олӣ! Ин шеър марсияи хеле хуби маросими дафн мешавад.

Вай, ки чашмони тангаш медурахшиданд, осемасар дасти Маггро фишурд ва филфавр ба суйи дар рафт. Дар ин муддат дар назди дар анбӯҳи ҳамсояҳо ҷамъ омада, кунҷковона даруни хонаро менигаристанд. Крабак дағалонаю беназокат онҳоро тела дода, давон берун рафт ва ба худрави худ нишаст. Ҳамон дам садои муҳаррик баланд шуд, худрав якбора ба ҳаракат омаду дар кунҷи кӯча ниҳон гашт.

Додрас Бэпп ба анбӯҳи ҳамсоягони кунҷков дод зад:

–Зуд пароканда бишавед, ҳеч чизе барои тамошо нест ин ҷо.

Вай бо тахсиси нақши пулис ба худ, анбӯҳи мардумро дур ронд ва дарро қуфл кард. Шояд ба ин далел, ногаҳон дар хона хомӯшӣ мусаллат гардид. Дар иҳотаи ин оромӣ ва бӯйи омехта ва нафасгардони гулу гиёҳҳои кӯҳӣ ва хуни Токк мо масоили марбут ба дафнро

баррасӣ кардем. Фақат файласуф Магг хомӯш ва хотирпарешон ба ҷаноза менигарист ва ба фикр фурӯ рафта буд. Ман даст ба китфи ӯ гузоштаму пурсидам:

– Аз чӣ боб меандешед?

– Дар бораи зиндагии каппаён.

– Ва ба чӣ натиҷа расидед?

– Барои он ки зиндагии мо моро қаноатманд бикунад, мо каппаён, ҳароийна бояд…. – Магг гӯиё аз шарм садояшро паст кард, – ҳароийна бояд ба тавоноии он ки каппа нест, бовар бикунем.

## 14

Суханони Магг маро ба ёди дин андохтанд. Ман, ки моддигаро ҳастам, бадеҳист, ки ҳеч гоҳ ба дин ҷиддӣ муносибат намекардам. Вале, акнун, буҳтзада аз марги Токк, ногаҳон ба он андешидам, ки дар кишвари каппаён вазъи динӣ чӣ гуна аст? Бо ин суол ман дафъатан ба донишҷӯ Рапп муроҷиат кардам.

– Дар кишвари мо ҳам масеҳиҳо ҳастанд, ҳам буддоиҳо, ҳам мусалмонон ва ҳам оташпарастон, – посух дод ӯ. Лекин, бештарин нуфуз ва таъсирро ба истилоҳ «дини муосир» дорад. Онро «дини зиндагӣ» ҳам меноманд.

(Эҳтимолан, «дини зиндагӣ» тарҷимаи чандон дақиқе набошад. Ба забони каппаён ин вожа «куэмуча» садо медиҳад. Пасванди «ча» баробари ингилисии «изм» аст. Решаи «куэмал» вожаи «куэму» аст, ки на фақат «зиндагӣ», «ҳастӣ» маъно медиҳад, балки «аз ғизо сер шудан», «май нӯшидан» ва «ҷимоъ кардан» низ ҳаст.)

– Яъне, дар ин мамлакат низ маъбадҳо ва ҷомеаҳои мазҳабӣ вуҷуд доранд?

– Ин амр ҳеч ҷойи хандидан надорад. Маъбади бузурги дини муосир бузургтарин иморат дар кишвар аст. Мехоҳед бибинедаш?

Ва инак дар як рӯзи дими меҳолуд Рапп бо ифтихор маро ба тамошои Маъбади бузург бурд. Дар воқеъ ин сохтмони бузург тақрибан даҳ баробар азимтар аз маъбади Николаеви Токио буд. Афзун бар ин, дар ин иморат сабкҳои мухталифи меъмориро ба ҳам омехта буданд. Ман дар назди ин маъбад истода ва ба манораҳои баланд ва гунбадҳои мудаввари он нигариста, ҳатто чизе монанд ба даҳшат эҳсос кардам. Онҳо мисли ангуштони бешумор ба суйи осмон ёзида буданд. Мо дар назди дарвозаҳои вурудии маъбад истода (дар қиёс бо он мо чӣ қадар ҳақир будем) сарҳоямонро ба боло бартофта ба ин иморати аҷиб, ки бештар шабеҳи мавҷуди уъҷубаи даҳшатоваре буд, дурудароз нигоҳ кардем.

Толорҳои маъбад низ хеле бузург буданд. Шумори зиёди намозгузорон дар миёни сутунҳои коринфии азим мегаштанд. Ҳамаи онҳо чун ману Рапп дар ин ҷо хеле хурду ҳақир ба назар мерасиданд. Баъди чанд лаҳзае мо ба каппаи пирмарди миёнхамидае дучор омадем. Рапп сарашро хам оварда, хеле муҳтарамона бо ӯ ба гап даромад:

– Хушбахтам, ки шуморо сиҳҳату саломат мебинам, кашиши муҳтарам.

Пирмард низ ба мо таъзим кард ва низ бо меҳрубонӣ посух дод:

– Агар иштибоҳ накунам, ҷаноби Рапп? Умедворам, шумо низ…. – Ин дам, ӯ зоҳиран мутаваҷҷеҳ шуд, ки минқори Рапп пусидааст ва суханашро фурӯ бурд. – Э-э…. Бале. Ҳаройина, ман умедворам шумо сахт азият намекашед. Чӣ хидмат?

– Ман ин ҷанобро ба маъбад овардам, – гуфт Рапп. – Чунонки эҳтимолан, хабар доред, ин ҷаноб…

Ва Рапп хеле ботафсил дар бораи ман сухан гуфт. Зоҳиран бо ин суханони ботафсили худ вай ҳамчунин талош мекард ба пирмард бифаҳмонад, ки вақтҳои охир ба сабабҳои муваҷҷаҳ натавонистааст ба маъбад ояд.

– ... Ва зимнан, аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба ин ҷаноб маъбадро нишон бидиҳед.

Кашиш меҳрубонона табассум карда, бо ман пурсупос кард, баъд хомӯшона моро ба қисмати пеши маъбад ба назди меҳроб бурд.

– Ман бо камоли майл ҳамаро ба шумо нишон медиҳам, – гуфт ӯ, – аммо метарсам, ба ҳадди кофӣ бароятон муфид буда наметавонам. Мо, имоновардагон ба «дарахти зиндагӣ», ки дар ҳамин ҷо, дар меҳроб қарор дорад, намоз меоварем. Чунонки мебинед, «дарахти зиндагӣ» бари тилоӣ ва сабз ҳосил меоварад. Бари тилоиро «меваҳои некӣ» ва бари сабзро «меваҳои бадӣ» меномем.

Ман гӯш ба суханони ӯ дода будаму эҳсоси дилтангӣ мекардам. Шарҳу тафсирҳои боилтифоти кашиш чун ривоятҳои дилбазани қадим буданд, ки мукаррар шунида будам. Албатта, ман талош мекардам, чунон вонамуд кунам, ки ҳар калимаро ҳарисона гӯш мекунам, вале дар ин ҳол дам ба дам зери чашм ба тазйиноту ороишоти дохилии маъбад нигаристанро ҳам фаромӯш намекардам.

Сутунҳои коринфӣ, тоқҳои готикӣ, фарши кошикории мағрибӣ, мизҳои намозгузорӣ бо сабки мудерн – ин ҳама бо ҳам манзараи аҷибу ғариби зебоии ваҳшатноке офарида буданд. Таваҷҷуҳи маро беш аз ҳама тандисҳои сангӣ ҷалб карданд, ки дар тоқчаҳои ду самти меҳроб гузошта буданд. Намедонам чаро, ба назарам чунин менамуд, ки ин тандисҳоро қаблан дидаам. Ва ман иштибоҳ накардам. Кашиш шарҳу тафсираш дар бораи «дарахти зиндагӣ»-ро ба охир расонида, ману

Раппро ба назди токчаи аввал аз самти рост овард ва ба тандис ишора карда гуфт:

– Инак яке аз қадисҳои мо – Стриндберг, ки муқобили ҳамаю ҳама чиз баромада буд. Чунин мешуморанд, ки ин қадис бисёр ва ба таври тӯлонӣ азият кашид ва баъдан наҷотро дар фалсафаи Сведенберг пайдо кард.. Аммо дар асл вай наҷот наёфт. Мисли мо ӯ ҳам пайрави «мазҳаби ҳаёт» буд. Дурусттар бигӯем, ӯ маҷбур шуд аз ин дин пайравӣ бикунад. Масалан, «Ривоятҳо»-и ӯро, ки ин қадис ба мо мерос гузошта, варақ бизанед. Дар ин китоб вай худ иқрор мекунад, ки қасди худкушӣ кардааст.

Ман маъюсу дилтанг шудам ва ба тоқи дигар нигаристам. Дар ин тоқ тандиси олмонии бурутғафсро гузошта буданд.

– Ин мард Нича аст, вассофи Зардушт. Ин қадисро лозим омад, барои наҷот аз абармардоне, ки худаш офарида буд, бигурезад, Вале, зимнан, бояд гуфт, ки вай наҷот наёфт ва аз ақл бегона шуд. Агар ӯ аз ақл бегона намешуд, эҳтимолан ба радаи қадисон наметавонист ворид бишавад….

Кашиш каме хомӯш монд ва моро ба назди тоқи севум бурд.

– Қадиси севуми мо Толстой аст. Ин қадис бештар аз дигарон худро азоб додааст. Ҳарф дар ин ки аз лиҳози баромади иҷтимоӣ ӯ аз табақаи ашроф буд ва наметавонист азиятҳои худро ба тӯдаи авом зоҳир бикунад. Ин қадис талош мекард ба Масеҳ, ки албатта бовар кардан ба ӯ душвор аст, имон биёварад. Ҳол он ки боре чанд ошкоро эълом карда буд, ки имон овардааст. Ва инак дар охири умр барои ӯ дурӯғгӯйи фоҷиавӣ будан, тоқатнопазир шуд. Медонам, ки ин қадис ҳам гоҳе аз чӯби овезон дар сақфи дафтари кораш ба даҳшат меуфтод. Вале ӯ ба ҳадди худкушӣ нарасид ва

як далелаш ҳам ин аст, ки баъдан ба радаи қадисон ворид кардандаш.

Тоқи чаҳорумро тандиси жопуние ороиш медод. Ман ба чеҳраи ин жопунӣ назар дӯхта шинохтамаш ва чунонки интизор мерафт қабламро андӯҳ фаро гирифт.

– Ин Куникида Доппо аст, – гуфт кашиш. – Шоире, ки қалби коргаронро дарк кард ва дар зери чархи қатор мурд. Ба фикрам, дар бораи ӯ беш аз ин чизе гуфтан маънӣ надорад. Ба тоқи панҷум нигаред…

– Ин, зоҳиран, Вагнер аст?

– Бале. Инқилобие, ки дӯсти шоҳ ба назар мерасид. Вагнери муқаддас дар охирҳои умр ҳатто паси мизи ғизохӯрӣ дуо мехонд. Вале, ҳаройина ӯ бештар на масеҳӣ, балки гаравидаи «мазҳаби ҳаёт» буд. Аз номаҳое, ки пас аз сари Вагнер мондаанд, маълум мешавад, ки азобу азиятҳои зиндагӣ на як бору ду бор ин қадисро ба остонаи марг овардаанд.

Вақте ки мо дар назди тоқи шашум қарор гирифтем, кашиш ҳанӯз ҳам дар бораи Вагнер сухан мегуфт.

– Бале, ин наққоши фаронсавӣ дӯсти Стриндберги қадис аст[1]. Вай завҷаи худро бо авлоди сершумораш раҳо карду бо як духтари тоитии чаҳордаҳсола издивоҷ кард. Дар рагҳои кулуфти ин қадис хуни маллоҳ ҷорӣ буд. Аммо ба лабҳои ӯ таваҷҷуҳ кунед. Онҳоро марги муш ё чизе шабеҳ ба ин хӯрдаанд. Ва аммо дар мавриди тоқи ҳафтум…. Аммо, шумо ба назар мерасад, монда шудаед. Лутф кунед, ин тараф бигзаред.

Ман воқеан хаста шуда будам. Ману Рапп аз паси кашиш ба даҳлез, ки деворҳояш гӯйӣ атри бухуротро ҷаббида буданд, равон шудем ва ба ҳуҷрае ворид шудем. Ҳуҷра кӯчак буд ва канораш пайкараи сиёҳфоми Зуҳра қомат афрохта буд, ки дар пеши пояш хӯшае ангур мехобид. Ман интизор будам ҳуҷраи зоҳидона ва

---

[1] Наққоши фаронсавӣ – манзур Гоген аст.

бидуни тазйиноти руҳониро мебинам ва андаке мунфаил шудам. Зоҳиран, кашиш тааҷҷуби маро пай бурд. Вай қабл аз он ки моро ба нишастан даъват бикунад, бо лаҳни ғамхорона гуфт:

– Лутфан фаромӯш накунед, ки дини мо «дини ҳаёт» аст… Ва худои мо… «дарахти зиндагӣ»-и мо таълим медиҳад, ки «Ба майли худ зиндагӣ кунед». Оқои Рапп, фаромӯш кардаам бипурсам, оё шумо ба ин ҷаноб Китоби муқаддаси моро нишон додед?

– Не! – посух дод Рапп ва зарфи сарашро хорида, содиқона иқрор кард: – Рости гап, ман худ ҳам ба дурустӣ онро нахондаам.

Кашиш чун қабл оромона табассум карда, идома дод:

– Пас, барои шумо ҳанӯз на ҳама чиз маълум аст. Худои мо ҷаҳонро дар давоми як рӯз офарид («Дарахти зиндагӣ», агарчи дарахт аст, вале барои ӯ чизе ғайри мумкин вуҷуд надорад). Гузашта аз ин, вай ҳамчунин модинаро офарид. Модина чун дилтанг шуд, ба ҷустуҷӯи нарина оғоз кард. Худои мо бо эътино ба андӯҳи ӯ, мағзи сарашро гирифт ва аз ин мағз нарина офарид. Ва Худои мо ба ин ҷуфти нахустини каппа гуфт: «Бихӯред, ҷимоъ кунед, ба майли худ зиндагӣ бикунед…»

Гӯш ба суханони кашиш ман шоир Токкро ба ёд овардам. Ба шӯрбахтии худ, шоир Токк мисли ман атеист буд. Ман каппа нестам ва ба ин далел тасаввуре ҳам аз «дини ҳаёт» надорам. Аммо Токк, ки дар кишвари обиҳо зода шуда ва тамоми умр дар ин ҷо зистааст, наметавонист надонад, ки «дарахти зиндагӣ» чист. Ман ба Токк афсус хӯрдам, ки чунин таълимотеро напазируфтааст ва ман сухани кашишро бурида, пурсидам, ки фикри ӯ дар бораи ин шоир чист.

– Ҳа-а-а, ин шоир амиқан сазовори афсӯсу дареғ аст, – гуфт кашиш нафаси жарф кашида.– Сарнавишти

моро чӣ таъйин мекунад? Имон, шароит, иттифоқот. Мутаассифона, оқои Токк мутадайин набуд.

– Эҳтимол, Токк ба шумо ҳасад мебурд. Худи ман ҳам ҳасад мебарам. Ва ҷавонон низ, масалан Рапп.

– Агар минқори ман солим буд, ман шояд, хушбинтар будам.

Кашиш суханони моро шунида, боз оҳи амиқе кашид. Чашмони ӯ пурашк буданд, вай бидуни ҳаракат ба Зуҳраи сиёҳ менигарист.

– Рости гапро гӯям…. – бо садои паст гуфт ӯ. – Фақат ба касе дар ин бора чизе нагӯед, ин ҳарф асрори ман аст. – Рости гапро гӯям, ман ҳам наметавонам ба худои худ бовар кунам. Албатта, замоне дуоҳои ман…

Кашиш фурсат наёфт суханашро ба охир расонад. Дар ҳамин дам дар калон боз шуд, модинае азимҷусса аз дар ворид шуд ва ба ӯ ҳамла овард. Мо талош кардем ӯро нигоҳ дорем, вале ӯ дар як лаҳза кашишро ба рӯи фарш афканд.

– Ай пири нобакор! – дод зад ӯ. – Боз имрӯз аз ҳамёни ман барои майнӯшӣ пул дуздидӣ!

Тақрибан пас аз даҳ дақиқа мо кашишу занашро паси сар гузошта, бо аҷала аз зинаҳои маъбад мефуромадем. Муддате хомӯш будем, баъд Рапп гуфт:

– Акнун фаҳмидам, ки чиро кашиш ҳам ба «дарахти зиндагӣ» бовар надорад.

Ман посух надодам. Ман ғайриихтиёр сар баргардонида ба маъбад нигаристам. Маъбад чун қабл мисле ки бо ангуштони сершумораш, манораҳои баланд ва гунбадҳои мудавварашро ба осмони пурабр кашида буд. Ва аз он боди даҳшат мевазид, даҳшате ки ҳангоми дидани сароб дар биёбон эҳсос мекунӣ.

## 15

Тақрибан пас аз як ҳафта ман ногаҳон аз доктор Чакк хабари ғайриодиеро шунидам. Маълум гардид, ки

дар хонаи Токки марҳум шабаҳҳо пайдо шудаанд. Дар ин муддат маъшуқаи дӯсти бадбахти мо ба ҷойе номаълум рафта буд ва дар ин хона дукони аккосӣ кушода буданд. Ба гуфтаи Чакк, дар ҳамаи аксҳое, ки дар ин дукон бардошта буданд, дар паси акси афроди аксбардошта, ҳатман тарҳи на чандон рӯшани Токк низ дида мешавад. Зимнан, бояд гуфт, Чакк, ки моддигарои устувор буд, ба зиндагонии онҷаҳонӣ бовар надошт. Вай дар бораи ин аксҳо ҳикоят карда, бо пӯзханди заҳрогин шарҳ медод: «Метавон ҳадс зад, ки ин шабаҳ ба андозае, ки ману шумо ҳастем, моддӣ аст». Ман ҳам ба шабаҳу арвоҳ бовар надоштам ва дар ин маврид аз Чакк чандон тафовут надоштам. Аммо ман Токкро хеле дӯст доштам

Ва ба ин сабаб филфавр ба дукони рӯзномафурӯшӣ шитобидам ва ҳамаи рӯзномаю маҷаллаҳоеро, ки дар бораи шабаҳи Токк мақола ва аксҳои шабаҳдорро чоп карда буданд, харидам. Ва дар ҳақиқат, бо чашмони худ дидам, ки дар паси пушти каппаҳои пиру ҷавон суроби меҳолуди андоми каппае менамояд. Бештар аз аксҳои шабаҳ, маро мақолаҳо дар бораи шабаҳи Токк, бахусус як гузориши анҷумани спиритӣ (иртибот бо арвоҳ) ба ҳайрат овард. Ман ин мақоларо тақрибан ҳарф ба ҳарф барои худ тарҷима кардам ва дар ин ҷо онро аз ҳофизаам нақл мекунам.

«Гузориш дар мавриди суҳбат бо шабаҳи шоир Токк («Маҷаллаи ҷамъияти иртибот бо арвоҳ», №8274).

Нишасти ихтисосии комиссиони анҷумани мо дар хонаи истиқоматии шоир Токк, ки худкушӣ карда буд ва ҳоло истудиёи аккосии ҷаноби фалонӣ – бинои № 251 дар хиёбони НН баргузор гардид. (Дар нишаст аъзои анҷуман ҳузур доштанд (номҳоро фурӯ мегузорам).

Мо ҳафдаҳ нафар узви анҷуман ба сардории раиси анҷуман ҷаноби Пэкк, дар таърихи 27 сентябр дар со-

ати даҳу сӣ дақиқаи субҳ дар яке аз утоқҳои истудиёи номбурда ҷамъ омадем. Хонум Хопп, ки бархурдор аз эҳтирому итминони беҳудуди мост, ба ҳайси медиум моро ҳамроҳӣ мекард. Баробари наздик омадан ба истудиёи мазкур хонум Хопп наздик будани руҳро эҳсос кард. Тамоми бадани ӯ ба ларза омад ва вай чандин бор қай кард. Ба гуфтаи хонум, сабаби ин амр он буд, ки шодравон ҷаноби Токк дар зиндагонияш ба тамбоку майли ифротӣ дошт ва акнун руҳи ӯ низ оғуштаи никотин аст.

Аъзои комиссион ва хонум Хопп хомӯшона ба ҷойҳои худ дар паси мизи мудаввар нишастанд. Пас аз се дақиқаю бисту панҷ сония хонум Хопп ногаҳон ба ҳолати ваҷди амиқ уфтод ва шоир Токк ба баданаш ворид шуд. Мо аъзои комиссиён ба тартиби синну сол аз бузургсолтаринамон шуруъ карда, ба руҳи ҷаноби Токк, ки ба бадани хонум Хопп мусаллат шуда буд, суолҳои зеринро дода, посуххҳои зайлро дарёфт кардем.

Суол. Барои чӣ ту бори дигар ба ин ҷаҳон омадӣ?

Посух: Барои он ки шуҳрати пас аз маргро эҳсос бикунам.

Суол. Ту ва дигар ҷанобон арвоҳ – магар шумо пас аз марг ҳам шуҳрат мехоҳед?

Посух. Ҳаройина ман, наметавонам шуҳрат нахоҳам. Вале як шоири жопунӣ, ки ман боре иттифоқан дучор омадам, ба шуҳрати пас аз марг нафрат дорад.

Суол. Ту номи ин шоирро медонӣ?

Посух. Мутаассифона, ман номи ӯро фаромӯш кардам. Танҳо як шеъри дӯстдоштаашро медонам.

Суол. Чӣ шеърест он?

Посух.

*Ҳавзи қадим.*
*Қурбоққа ба об ҷаҳид.*
*Шалпоси об дар хомӯшӣ.*

Суол. Ба фикри ту, ин шеъри хеле хуб аст.

Посух. Албатта, ман онро бад намедонам. Фақат, агар ба ихтиёри ман буд, вожаи «қурбоққа»-ро ба «каппа» бадал мекардам ва ба ивази «ҷаҳид» «ба таври аҳсан парвоз кард» кор мефармудам.

Суол. Чаро?

Посух. Аз вежагии мо, каппаён аст, ки дар ҳар осори ҳунар боисрор каппа меҷӯем.

Пас аз ин раиси анҷуман ҷаноби Пэкк суҳбатро қатъ мекунад ва ба аъзои комиссион ёдовар мешавад, ки онҳо дар сеанси иртибот бо руҳ қарор доранд, на дар баҳсу мунозараи адабӣ.

Суол. Шеваи зиндагии ҷанобони арвоҳ чӣ гуна аст?

Посух. Хеч тафовуте бо зиндагии шумо надорад.

Суол. Пас, оё шумо аз худкушии худ пушаймон ҳастед?

Посух. Албатта, не. Агар ман аз зиндагии шабаҳӣ дилтанг бишавам, бори дигар туфангро мегираму худэҳёӣ мекунам.

Суол. Оё худэҳёӣ кардан осон аст?

Ин суолро шабаҳи Токк бо суол рад мекунад. Чунин шеваи суҳбати Токк ба ҳамаи касоне, ки ӯро дар зиндагониаш мешинохтанд, маълум аст.

Посух. Оё худкушӣ кардан осон аст?

Суол. Арвоҳ зиндагонии абадӣ доранд?

Посух. Дар мавриди тӯли умри мо чандин назария вуҷуд дорад, ки ҳеч кудоме аз онҳо қобили эътимод нест. Набояд фаромӯш кард, ки дар миёни мо муътақидони динҳои мухталиф – масеҳиён, буддоиён, мусулмонон, оташпарастон ҳастанд.

Суол. Ту худ пайрави кадом дин ҳастӣ?

Посух. Ман ҳамеша шаккокам.

Суол. Аммо зоҳиран, ба вуҷуд доштани арвоҳ шак надорӣ?

Посух. Ба мавҷудияти арвоҳ ман камтар аз шумо эътиқод дорам.

Суол. Оё дар ин ҷаҳоне, ки ҳастӣ, дӯст зиёд дорӣ?

Посух. Ман дар ҳамаи замонаҳо ва дар миёни ҳамаи халқҳо на камтар аз сесад дӯст дорам.

Суол. Ҳамаи дӯстони ту худкушӣ кардаанд?

Посух. Албатта, не. Рост, ки масалан, Монтен, ки худкуширо маваҷчаҳ медонист, яке аз дӯстони наздик ва мавриди эҳтироми ман аст. Аммо бо ин оқои Шопенҳауер, бо ин оқои бадбин, ки то охир худро накушт, шинос будан ҳам намехоҳам.

Суол. Оё Шопенҳауер сиҳатту саломат аст?

Посух. Ҳоло вай идеяи ҷадиди худро дар мавриди пессимизми арвоҳ таблиғ мекунад ва талош дорад, дарёбад, ки оё худэҳёӣ кардан хуб аст ё бад. Зимнан, чун фаҳмид, ки вабо низ бемории сироятӣ аст, вай то ҳадде ором гирифт.

Баъд мо аъзои комиссион дар бораи арвоҳи Наполеон, Конфутсий, Достоевский, Дарвин, Клеопатра, Сакя Муни, Демосфен, Данте ва дигар нобиғаҳо суолҳо додем. Аммо, мутаассифона, Токк дар мавриди онҳо ҳеч ҳарфи ҷолибе нагуфт ва дар навбати худ аз мо дар мавриди худаш суолҳо дод.

Суол. Дар бораи ман пас аз маргам чӣ мегӯянд?

Посух. Кудом як мунтақиде туро «яке аз шоирони маъмулӣ» номид.

Суол. Ӯ яке аз онҳоест, ки аз ман ранҷида буданд, чунки ман маҷмуаи ашъорамро туҳфа накарда будам. Оё Куллиёти ман чоп шуд?

Посух. Чоп шуд, вале мегӯянд, ки тақрибан касе намехарадаш.

Суол. Пас аз сесад сол, вақте ки мафҳуми ҳуқуқи муаллиф аз байн меравад, китобҳои маро миллионҳо нафар хоҳанд харид. Модина ва дугонаи ман чӣ шуд?

Посух. Вай бо ҷаноби Ракк, соҳиби китобфурӯшӣ издивоҷ кард.

Суол. Бечора, вай эҳтимолан намедонист, ки чашми Ракк маснуъӣ аст. Бачагони ман чӣ?

Посух. Зоҳиран онҳо дар ятимхонаи давлатӣ ҳастанд.

Токк муддате хомӯш мемонад, баъд суоли дигар медиҳад.

Суол. Хонаи ман чӣ шуд?

Посух. Алъон дар он истудиёи фалонӣ ҷой гирифтааст.

Суол. Мизи таҳрири ман чӣ шуд?

Посух. Мо намедонем.

Суол. Дар ғалладони миз ман баъзе номаҳоро пинҳон карда будам… Вале, ба шумо ҷанобон, ки одамони серкоред, ин амр рабте надорад. Аммо, акнун дар ҷаҳони кӯчаки мо торикӣ фаро мерасад ва ман маҷбур ҳастам бо шумо хайрухуш кунам. Хуш бошед, ҷанобон, хуш бошед… Хуш бошед, ҷанобони меҳрубони ман.

Бо изҳори ин суханони охир хонум Хопп ногаҳон аз ҳолати ваҷду изтирор берун омад. Мо, ҳамаи ҳафдаҳ нафар аъзои комиссион, дар баробари худои осмонӣ савганд мехӯрем ва дурустии суҳбати сабтшударо таъйид менамоем. Эзоҳ: хонум Хопп, ки мавриди эътимоди бениҳояти мост ба ҳайси ҷоиза маблағеро дарёфт кард, ки дар замони ҳунарпеша буданаш дастмузди якрӯзаашро ташкил медод.

## 16

Пас аз он ки ман ин мақоларо хондам, оҳиста-оҳиста яъсу андуҳ вуҷудамро фаро гирифт, дигар намехостам дар ин кишвар бимонам ва пайваста бар он меандешидам, ки чи тавр ба ҷаҳони мо, ба ҷаҳони одамиён баргардам. Ман ин тарафу он тараф мегаштам, вале

ҳеч наметавонистам, гудолеро пайдо бикунам, ки як вақтҳо ба воситаи он ба ин ҷо уфтода будам. Дар ин муддат боре моҳигир Багг ҳикоят кард, ки дар гӯшае аз ақсои кишвари обиҳо дар миёни хомӯшию оромӣ каппаи пире зиндагӣ мекунад, ки рӯзҳои худро бо хондани китоб ва найнавозӣ сипарӣ мекунад. «Чӣ мешавад, агар ба ин каппа мурочиат бикунам? – аз дил гузаронидам ман. – Шояд ӯ роҳи бурун рафтан аз ин кишварро бароям нишон медиҳад?» Ва ҳамон дам ба канори шаҳр роҳ пеш гирифтам. Вале дар он ҷо, дар кулбаи кӯчаке, ман на каппаи пир, балки навҷавони дувоздаҳ ё сездаҳсолаеро дидам, ки табақи болои сараш ҳанӯз нарм буд. Вай пастакак най менавохт. Албатта, ман гумон кардам, ки иштибоҳан ба хонаи дигар даромадаам. Барои он ки дурустии гумонамро бисанҷам, ман бо номе, ки Багг бароям гуфта буд, ба ӯ мурочиа кардам. Не, маълум шуд, ки ӯ ҳамон каппаи пир будааст.

– Аммо шумо, ки тамоман кӯдак ба назар мерасед… – изҳор доштам ман.

– Ту магар намедонистӣ? Бо амри тақдир ман аз модар пири сарсафед ба дунё омадам. Баъд пайваста ҷавонтар шудан гирифтам ва акнун ба бачае бадал гардидам. Дар замоне ки таваллуд шудам, ман ҳадди ақалл шастсола будам, дар айни замон синни ман тақрибан яксаду панҷоҳ ё яксаду шаст аст.

Ман ба атрофи хона назар афкандам. Шояд табъам хуш буд, ки ба назарам расид, дар ин ҷо, дар байни мизу курсиҳои сода, як навъ хушвақтии рӯшане мавҷ мезанад.

– Зоҳиран шумо хушбахттар аз ҳамаи каппаҳои дигар зиндагӣ мекунед?

– Шояд ҳамин тавр бошад. Дар ҷавонӣ ман пир будам, аммо дар пирӣ ҷавонӣ ёфтам. Ман чунонки ба пирмардон хос аст, аз майлҳои қонеънагашта хушк нашудам ва чунонки ҷавонон мекунанд, ба айёшиҳои

шаҳвонӣ дода нашудам. Ҳаройина, зиндагии ман, агар хушбахтона ҳам набуд, аммо яқинан оромона сипарӣ гардид.

– Бале, бо чунин вазъ зиндагии шумо бояд ҳам оромона бошад.

– Албатта, танҳо ин амр барои оромӣ кофӣ нест. Саломатии ман тамомии умр хеле хуб буд ва дороии кофӣ ҳам доштам, ки хуб ғизо бихӯрам. Лекин, албатта, хушҳолкунандатарин вазъи зиндагонии ман ин буд, ки пир зода шудам.

Мо муддате суҳбат кардем. Дар бораи худкушии Токк ҳарф задем, аз Гэр гуфтем, ки ҳамарӯза пизишконро даъват мекунад. Аммо, ба сабаби бароям номаълум дар чеҳраи каппа ҳеч таваҷҷуҳе ба ин гуфтугӯҳо дида намешуд. Ман ниҳоятан пурсидам:

– Шумо эҳтимолан, ба зиндагӣ мисли дигар каппаҳо дилбастагие надоред?

Каппаи пир ба чеҳраи ман нигариста, оромона гуфт:

– Мисли дигар каппаҳо ман ҳам аз раҳими модар берун наёмадам, то замоне ки падарам пурсид, оё мехоҳам ба ин ҷаҳон оям ё не?

– Вале ман ба ҷаҳони шумо комилан иттифоқан уфтодам, – гуфтам ман. Лутфан, бигӯед, ки чӣ тавр метавонам аз ин ҷо берун равам.

– Аз ин ҷо танҳо як роҳ ҳаст.

– Охир, кудом?

– Роҳе, ки ту ба ин ҷо уфтодӣ.

Чун ин ҳафрро шунидам, муи сарам сих шуд.

– Ман наметавонам ин роҳро пайдо кунам, – гуфтам ман.

Каппаи пир бо чашмони чун оби чашма софи худ бодиққат ба ман нигарист. Баъд ӯ аз ҷой бархост, ба гӯшаи хона рафт ва ресмонеро, ки аз сақф авезон буд, кашид. Ҳамон лаҳза дар сақф равзанаи мудаввар, ки

ман қаблан мушоҳида накарда будам, боз шуд. Ва аз ин равзана, дар болои шохаҳои сарву санавбарҳо ман осмони бузурги кабудро дидам. Ва қуллаи Яригатакэ чун пайкони бузурги тир ба осмон қад кашида буд. Ман ҳатто, мисли кӯдаке, ки ҳавопаймо дида бошад, аз шодӣ дар ҷой ҷаҳидам.

– Инак, роҳ, – гуфт каппаи пир. – Метавонӣ биравӣ.

Бо ин сухан вай ба ресмон ишора кард. Вале, ин ресмон набуд, чунонки дар аввал ба назари ман намуда буд, балки нардбони ресмонӣ буд.

– Хеле хуб – гуфтам ман. – Бо иҷозати шумо ман меравам.

– Фақат аввал фикр бикун. Баъдан пушаймон нашавӣ.

– Ҳеч гап нест – гуфтам ман. – Пушаймон намешавам.

Ман аз нардаҳо дошта боло мешудам. Ба поин нигариста, хеле дур аз худ дар сари каппаи пир табақро дидам.

## 17

Аз кишвари обиҳо бозпас омада, ман муддати мадиде наметавонистам ба бӯйи пӯсти одамӣ одат бикунам. Зеро каппаҳо нисбат ба мо хеле озодатаранд. Афзун бар ин, ман дар атрофи худ танҳо каппаҳоро дида, он қадар ба ин амр одам карда будам, ки акнун чеҳраи одамиён ба чашмонам комилан баднамуд мерасиданд. Шумо, шояд инро намефаҳмед. Хайр, чашмҳову даҳонҳоро мешуд таҳаммул кард, аммо кокулҳо ба дилам даҳшат меафканданд. Табиист, ки рӯзҳои аввал ман талош мекардам, касеро набинам. Баъдтар, эҳтимолан кам-кам бо одамиён хӯ гирифтам ва пас аз ним сол метавонистам ба ҳар ҷой биравам. Танҳо ин амр нохушоянд буд, ки зимни суҳбат гоҳу ногоҳ калимаҳои забони

каппаҳо аз забонам берун меомаданд. Тахминан ин тавр рух медод:

– Ту фардо дар хона мешавӣ?

– Qua.

– Чӣ гуфтӣ?

– Бале, бале, мешавам.

Пас аз як соли бозгашт ман дар як муомила варшикаста шудам ва аз ин рӯ….

(Дар ин маврид доктор С. гуфт: «Дар ин хусус ҳикоят кардан намебояд». Вай ба ман гуфт, ки бемор баробари сухан гуфтан дар ин боб он қадар ҷунунзада мешавад, ки чанд тан нигаҳбон ҳам наметавонанд оромаш бикунанд.)

Хуб, дар ин бора намегӯям. Хулоса, дар як муомила варшикаста шуда, ман хостам ба кишвари обиҳо баргардам. Бале, маҳз баргардам. На сафар кардан, на рафтан, балки бозгаштан. Зеро ки дар ин муддат ман кишвари обиҳоро ватани худ эҳсос мекардам.

Ман ноаён аз хона бурун рафтаму талош кардам ба қатори хатти Марказӣ биншинам. Мутаассифона, пулис маро боздошт кард ва ба ин тиморхона ҷой кардандам. Вале дар ин ҷо низ муддате бо ҳасрат кишвари обиҳоро ёд мекардам. Доктор Чакк ҳоло ба чӣ кор машғул аст? Файласуф Магг чӣ? Эҳтимол ӯ чун қабл дар зери фонуси ҳафтранги худ нишаста ба андеша фурӯ рафтааст. Дӯсти меҳрубони ман донишҷӯ Рапп бо минқори шикастааш чӣ? Боре дар чунин рӯзи абрӣ, чун имрӯз ман тибқи одати маъмули худ ба хаёлу хотирот фурӯ рафта будам ва ногаҳон моҳигир Баггро дида, қариб аз ҳайрат дод зада будам. Намедонам вай кай ба ҳуҷраи ман ворид шуда буд, аммо акнун сари пой дар назди ман менишасту ба саломи ман таъзим ба ҷой меовард. Вақте ки ман каме ором шудам… ба ёд надорам, механдидам ё мегиристам. Фақат дар хотир дорам бо

чӣ хурсандие ва эҳтимолан бори аввал пас аз таваққуфи зиёде бо забони кишвари обиҳо суҳбат кардам.

– Гӯш кун, Багг, ту чаро ба ин ҷо омадӣ?

– Ба аёдати шумо. Гуфтанд, ки шумо бемор шудаед.

– Ту чӣ тавр фаҳмидӣ?

Багг хандид. Вай хушҳол буд.

– Аз родиё шунидам.

– Чӣ тавр ба ин ҷо омадӣ?

– Ин кори душворе ннест. Рӯдҳою ҷарӯ ҷӯҳои Токио баро мо, каппаҳо ҳеч тафовуте бо кӯю хиёбон надоранд.

Ва ман ба хотир овардам, гӯйӣ фақат акнун фаҳмидам, ки каппаҳо мисли қурбоққаҳо ба синфи обхокиҳо тааллуқ доранд.

– Вале дар ин наздикиҳо ҳеч рӯде нест.

– Не. Ман ба ин ҷо аз тариқи лӯлаҳои обрасонӣ омадам. Ва дар ин ҷо калиди зидди сӯхторро боз кардам…

– Калиди зидди сӯхторро боз кардӣ?

– Шумо магар фаромӯш кардед, ҷаноб? Охир дар байни каппаҳо ҳам механикҳо ҳастанд.

Каппаҳо ду-се рӯз боре ба аёдати ман меомаданд. Ба ақидаи доктор С. ман гирифтори dementia praecox[1] ҳастам. Аммо доктор Чакк (барои фошгӯӣ маъзарат мехоҳам) мегӯяд, ки ман ҳеч dementia praecox надорам, балки ин худи шумо ҳастед, ки аз доктор С. сар карда ҳама мубталои dementia praecox мебошед. Бадеҳист, ки агар доктор Чакк ба аёдати ман меояд, пас донишҷӯ Рапп ҳам, файласуф Магг ҳам ба дидорбиниам меоянд. Зимнан, агар моҳигир Баггро ба ҳисоб наёварем, ҳеч кадоме аз онҳо ҳангоми рӯшноии рӯз намеоянд. Онҳо дунафара, сенафара меоянд ва ҳамеша шабона.. дар шабҳои маҳтобӣ. Барои мисол дишаб ҳам дар рӯшноии

[1] Камақлии муқаддамотӣ

нури моҳтоб ман бо мудири ширкати тавлиди шиша Гэр ва файласуф Магг суҳбат кардам. Оҳангсоз Крабак бароям скрипка навохт. Дар рӯйи миз он дастаи савсани сиёҳро мебинед? Ин дастагулро дишаб Крабак бароям тақдим кард.

(Ман сар баргардонидам. Албатта, дар рӯйи миз ҳеч савсанеро надидам. Рӯйи миз чизе набуд.)

Ин китобро бароям файласуф Магг овард. Шеъри аввалро бихонед. Не, бибахшед. Шумо, охир забони онҳоро намефаҳмед. Бидиҳед, ман худам мехонам. Ин яке аз ҷилдҳои Куллиёти Токк аст, ки чанде пеш ба табъ расид.

(Вай китоби кӯҳнаи шумораҳои телефонро боз карду бо садои баланд сатрҳои зайлро хонд:)

*Байни гулҳои норҷил, дар миёни соқаи бамбукҳо*
*Хуфтааст кайҳост Буддо.*

*Дар зери шохаҳои анҷири пири хушкида*
*Хобида Исои хаста.*

*Оё замоне фаро нарасида, ки мо ҳам аз илҳом*
*бархурдор шавем,*
*Ҳадди ақалл ин ҷо, дар саҳнаи театр.*

(Аммо агар ба паси саҳна бингарем – дар он ҷо фақат тоблуҳои дарбеҳшударо мебинем?)

Аммо ман мисли ин шоир пессимист нестам. Ва то замоне, ки ба назди ман каппаҳо меоянд.... Ҳа, қариб фаромӯш карда будам. Шумо, эҳтимолан, дӯсти ман додрас Бэппро дар ёд доред. Инак, ҳамин каппа аз мақом барканор шуда, воқеан девона шудааст. Мегӯянд, ки вай ҳоло дар кишвари обиҳо дар бемористони равонӣ қарор дорад. Кошки доктор С. ба ман иҷоза медод, ман бо камоли майл ба аёдати ӯ мерафтам.

*Феврали 1927*

# ҲИКОЯ ДАР БОРАИ ҶУДО ШУДАНИ САР АЗ ТАН

## Оғоз

Хэ Сяо-эр шамшер аз даст афканду аз дил гузаронд: "Сари маро буриданд!" - ва бехудона чанг ба ёли асп зад. Не, дуруст ин андеша, пас аз он ба дилаш хутур кард, ки чанг ба ёли асп зада буд. Чизе бо садои хафиф ба гулӯяш фурӯ рафт ва ҳамон лаҳза ӯ чанг ба ёли асп зад. Баробари ба қоши зин фурӯ уфтодани Хэ Сяо-эр асп баланд шиҳа кашид, пӯз боло кард ва аз миёни анбӯҳи ҷасадҳои рӯйи ҳам хобида гузашта аз миёни киштзори беинтиҳои гаолян[1] давидан гирифт. Зоҳиран аз ақаб садои шилики гулӯла баланд шуд, вале ба самъи Хэ Сяо-эр ин садоҳо чун дар хоб мерасиданд.

Гаоляни баландтар аз қади одам бар асари тохти девонавори асп, чун мавҷ бар замин мехобиду рост мешуд. Соқаҳои гаолян аз чапу рост гоҳе мӯйи Хэ Сяо-эрро парешон мекарданд, гоҳе ба либоси танаш бармехӯрданд ва гоҳи дигар хуни сиёҳи таровида аз гарданашро пахш мекарданд. Вале сари ӯ тавони дарки ин ҳамаро ба алоҳидагӣ надошт. Мағзаш ба рӯшанӣ фақат ин ҳақиқати одиро талқин мекард – буриданд. «Сарамро буриданд! Буриданд» - мегуфт ӯ ба дил ва комилан бехудона пошна ба шиками араққардаи асп мезад.

Хэ Сяо-эр ва рафиқони саворанизоми ӯ, ки бо мақсади бозбинӣ ва таҳқиқи маҳал ба самти деҳаи хурде, ки рӯд аз урду ҷудо мекард, рафта буданд, даҳ дақиқа пеш дар киштзори гаоляни зардшуда ногаҳон ба талояи саворан жопуниҳо дучор омаданд. Ин амр ғайриинтизор рух дод ва на сарбозони худӣ, на рақибон фурсат ёф-

---

[1] Гаолян – навъе чойҷуворӣ, ки дар Чину Кура мерӯянд ва баланди соқааш ба 1,5 то 2 метр мерасад.

танд, ки даст ба туфанг бибаранд. Ҳароина, баробари ба дид омадани кулоҳҳои ҳошиясурх ва ҷомаҳои ҷангии мағзиҳояшон сурх Хэ Сяо-эр ва ёронаш баробар шамшер аз ниёмҳо баркашиданд ва ҳамон лаҳза сари аспҳоро ба сӯйи рақибон баргардонданд. Албатта, дар ин дам ҳеч кудоме аз онҳо фикр намекард, ки эҳтимол кушта бишавад. Тамоми фикрашон машғули ҳамин як нукта буд: инак душман. Ва ҳам шояд: бояд душманро кушт. Аз ин рӯ, онҳо сари аспҳоро баргардониданду чун сагон дандон намуда, ба сӯйи саворахои жопунӣ давонданд. Рақиб низ зоҳиран дар қайди ҳамин майлу андеша буд. Пас аз лаҳзае аз чапу рост дар баробари чашмонашон чеҳраҳое зоҳир шуданд,ки гӯйӣ акси худашон дар ойина буд, ҳамон тавр мисли саг дандон менамуданд. Ва ҳамзамон дар атрофи онҳо шамшерҳо дурахшиданд.

Баъд... Баъд тасаввури замон низ аз миён рафт. Ҷолиб аст, ки Хэ Сяо-эр хеле рӯшан ба ёд дошт, ки гаоляни дароз мисли он ки аз вазиши боди тунд меҷунбид ва дар болои хӯшаҳои ҷунбон офтоби чун мис сурх авезон буд. Аммо ин ки ҷанг чӣ қадар идома кард ва тартиби рӯйдоди воқеаҳо чӣ гуна буд, чизе дар хотир надошт. Ба ҳар сурат, тамоми ин муддат Хэ Сяо-эр мисли девонагон калимаҳои барои худаш низ комилан бемаъноеро фарёд карда, пайваста шамшер мезад. Ногаҳон ба назараш намуд, ки шамшер сурх шуд, вале зоҳиран аз ин ҳол чизе тағйир наёфт. Баъд дастаи шамшер аз арақ лағзон гардид. Ва ҳамзамон даҳонаш комилан хушк шуд. Ин дам ногаҳон дар пеши аспи ӯ чеҳраи каҷу килеби сарбози жопунӣ, ки чашмонаш гӯйӣ аз ҳадақа берун омада буданд ва даҳонаш калон кушода буд, пайдо гардид. Аз сӯрохи кулоҳи ҳошиясурхи аз миёнаш буридашуда сари паст тарошидаи сарбоз менамуд. Хэ Сяо-эр шамшер бардошту бо тамоми неру ба болои кулоҳ фуруд овард. Аммо шамшер ба кулоҳ ва

сари зери кулоҳ фурӯ нарафт, балки ба ханҷари бардоштаи рақиб бархӯрд. Аз миёни ғавғои гӯшхароши атроф садои ба ҳам бархӯрдани силоҳҳо баланду даҳшатовар шунида шуд ва бӯйи тунди филиз ба димоғ зад. Ханҷари теғпаҳн, ки дурахшаш дар анвори офтоб чашмро хира мекард, дақиқан дар боли сари Хэ Сяо-эр қарор гирифт ва хате доиравор эҷод кард.... Ва дар ҳамон лаҳза чизе хеле сард бо садое кунд ба гардани ӯ фурӯ халид.

Асп дар зери ронҳои Хэ Сяо-эр нолон аз дард девонавор аз гаолянзор медавид. Гаолян хеле анбӯҳ руста буд ва ба назар мерасид, ки майдонаш ниҳоят надорад. Садои одамон, шиҳаи аспон, ҷаранг ҷурунги ба ҳам бархӯрдани ханҷару шамшерҳо – ҳама маҳв шуд. Офтоби поизӣ дар Ляо-дун чун дар Жопун медурахшид.

Хэ Сяо-эр, чунонки гуфта омад, дар пушти асп мекалавид ва аз дард менолид. Вале нолише, ки аз миёни дандонҳои фишурда ба ҳам берун меомад, фақат бар асари дарди ҷисм набуд. Дар он эҳсоси амиқтаре нуҳуфта буд: Хэ Сяо-эр бар асари азоби руҳӣ мегирист, аз ин эҳсоси саргиҷкунанда менолид, ки реша дар тарси марг дошт.

Барои ӯ тарки ин ҷаҳон кардан хеле талху азиятовар буд. Афзун бар ин, ба ҳамаи одамон ва рӯйдодҳое, ки сабаби тарки ин ҷаҳон кардани ӯ шуда буданд, нафрати шадид эҳсос мекард. Афзун бар ин, аз худаш, ки маҷбур буд ҷаҳонро тарк бигӯяд, дар ғазаб буд. Афзун бар ин.... Ҳамаи ин эҳсосоти мухталиф паси ҳам ҳамлавар мешуданд, ҳамдигарро иваз мекарданд ва пайваста азияташ медоданд. Ва баробари он ки ин эҳсосот ба қалбу мағзаш ҳамлавар мешуданд, вай гоҳе талош мекард дод бизанад: «Мемирам, мемирам!», гоҳе номи падар ё модарашро фарёд бикунад ва гоҳе сарбозони жопуниро душном бидиҳад. Аммо, бадбахтона, садоҳое, ки аз забонаш берун меомаданд, ҳамон замон ба ноли-

ши хафифи номафҳум бадал мешуданд, зеро ӯ бар асари ҷароҳат хеле бемадор шуда буд.

«Ҳеч одамие бадбахттар аз ман нест! Ҷавони навхат ба ҷанг биравию мисли саг кушта шавӣ. Аввалан ба он жопуние нафрин мехонам, ки маро кушт. Баъдан ба фармондеҳи гурӯҳбоне нафрат дорам, ки маро барои бозбинию таҳқиқи маҳал фиристод. Ва ниҳоят ба Жопуну Чин нафрин мегӯям, ки ин ҷангро оғоз карданд. Не, танҳо ба инҳо нафрат надорам. Ба ҳамаи касоне, ки андаке ҳам бошад ба ҳодисаҳое, ки боиси сарбоз шудани ман шуданд, рабт доранд, нафрат меварзам, ҳамаи онҳо душманони ҷони ман ҳастанд. Ба сабаби онҳо, ба сабаби ҳамаи онҳо ман чанд лаҳза баъд ҷаҳонеро тарк мекунам, ки ҳоло корҳои зиёдеро дар он мехостам анҷом бидиҳам. Ва худи ман ҳам аҳмақам, ки ба ин одамон ва ин ҳодисаҳо иҷоза додам, кореро бикунанд, ки карданд!»

Маънои нолишҳои Хэ Сяо-эр дар муддате, ки ӯ чанг ба гардани асп зада аз гаолянзори беҳудуд дуртару дуртар мерафт, ҳамин буд. Гоҳу ногоҳ ин ҷову он ҷо чӯҷаҳои рамидаи вартиш ба ҳаво мепариданд, вале асп, албатта, ҳеч таваҷҷуҳе ба онҳо намекард. Асп кафк дар лабонаш метохт ва аслан парвое надошт, ки саворааш бо душворӣ дар хонаи зин нишастааст.

Аз ин рӯ, агар тақдир иҷоза медод, Хэ Сяо-эр беист нолидаву аз бадбахтии хеш ба осмон гила карда, рӯзи дароз, то замоне ки офтоби сурхи мисранг дар доманаи уфуқ ғуруб намекард, дар рӯйи зин калавида рафтан мегирифт. Аммо ҳамворӣ ба оҳистагӣ ба нишеб пайваст ва чун дар пеши роҳ рӯдаки хурди гилолуд дурахшид, ки аз миёну ду девори гаолян ҷорӣ мешуд, тақдир дар соҳили ин рӯдак ба сурати чанд бун маҷнунбед зуҳур кард; дар шохаҳои пасти он баргҳои хазоншудааш ҷамъ шуда буданд. Ҳамин ки аспи Хэ Сяо-эр худро ба миёнаи дарахтҳо гирифт, шохаҳои анбӯҳ ба бадани савора

заданд ва ӯро дар соҳили рӯд ба замини лойолуди нарм афкananд.

Дар лаҳзаи уфтодан Хэ Сяо-эр ба чӣ сабаб бошад, ки дар осмон шуълаи зардгуни оташро дид. Ҳамин тур шуълаи зарди рӯшан, ки вай ҳангоми бачагиаш дар зери деги бузург дар ошпазхонаашон дида буд. «Оташ забона мезанад!» – аз дил гузарон ӯ ва ҳамон лаҳза аз ҳуш рафт.

## Идома

Оё Хэ Сяо-эр баробари аз асп уфтодан комилан беҳуш шуд? Дар ҳақиқат дарди ҷароҳат ногаҳон тақрибан аз миён рафт. Вале дар соҳили бекас, оғушта ба хуну хок вай дарк кард, ки ба осмони баланди кабуд, ки баргҳои маҷнунбед навозиш мекунанд, менигарад. Ин осмон амиқтар ва кабудтар аз ҳама осмонҳои дигар менамуд, ки то кунун дида буд. Гӯйӣ аз поин ба косаи парӯи бузурги кабуди кабуд нигоҳ мекунӣ. Ва дар қаъри ин коса аз куҷое абрпораҳои монанд ба кафкҳои ҷамъшуда пайдо шуданду боз ба оҳистагӣ нопадид гаштанд. Гумон мекардӣ, ки онҳоро баргҳои ларзони маҷнунбед гаштаю баргашта мешӯянд.

Пас, Хэ Сяо-эр комилан аз ҳуш нарафта буд? Аммо дар миёни чашмони ӯ ва осмони кабуд мисли соя чизҳои мухталифе мегузаштанд, ки воқиан дар он ҷо набуданд. Аввалан, домани пираҳани чиркини модар пайдо шуд. Чандин бор дар кӯдакӣ вай дар ҳоли шодмонию ғам чанг ба ин доман задааст! Аммо акнун, ҳамзамон бо он ки даст ба сӯйи он дароз кард, аз пеши чашмонаш нопадид гардид! Зимни нопадид шудан вай хеле нозук шуд, мисли гоз ва аз паси он чун аз миёни абрак тӯдаи абрҳо тобиданд.

Баъд муназзам майдонҳои кунҷидзор, ки дар паси ҳавлии кӯдакии ӯ тӯл кашида буд, шиновар шуданд.

Майдонҳои кунҷидзори дар авҷи фасли тобистон, бо гулҳои пажмуридаи гӯё дар интизори торикӣ шукуфта. Хэ Сяо-эр дар миёни ин киштзорҳо бо нигоҳ худу бародаронашро ҷуст. Вале дар кунҷидзорҳо аҳаде ба чашм намерасид. Нурҳои заифи офтоб фақат гулҳои рангпаридаи хомӯш ва баргҳоро рӯшаноӣ медоданд. Онҳо низ ҳаворо убур карда гузаштанду нопадид шуданд, гӯиё касе кашола карда бурдашон.

Пас дар ҳаво ҷизи аҷибе, чизе, ки печутоб мехӯрд, падид омад. Хэ Сяо-эр бо диққат нигаристу фаҳмид, ки вай «фонуси аждаҳо»-и бузург аст, ки дар шаби понздаҳуми январ одамон шабона ба даст мегиранду ба кӯчаҳо мебароянд. Дарозии вай, тақрибан баробар бо панҷ-шаш кен буд[1]. Қафасаи бамбукиаш бо коғаз печонида ва коғазро ранги рӯшани кабуду сурх молида буданд. Фонус ба шакл аз аждаҳое, ки дар расмҳо мекашиданд, тафовут надошт. Бо вуҷуди рӯзи софу равшан, шамъи даруни аждаҳо даргирон буд ва дар осмони нилфом хира рӯшаноӣ медод. Афзун бар ин, – аҷиб! – ин фонус ба назар аждаҳои зинда мерасид ва дар воқеъ мӯйлабҳои дарозашро озодона меҷунбонд... Ҳангоме ки Хэ Сяо-эр онро назора мекард, аждаҳо оҳиста аз чашмдид дур шуду дафъатан нопадид гардид.

Вақте ки аждаҳо нопадид шуд, дар осмон ногаҳон пойҳои нозуки занона пайдо шуданд. Онҳоро қаблан латтапеч карда буданд, аз ин рӯ беш аз се сун тӯл надоштанд[2]. Дар интиҳои ангуштони боназокат хамидаи ангуштони пой нохунҳои сафед чашм мерабуданд. Андӯҳе дар қалби Хэ Сяо-эр барангехта шуд, хаёле андӯҳи сабуку номалмус, мисли газидани паша дар хоб,

---

[1] Кен – воҳиди тӯл баробар бо 1,81 м

[2] То ибтидои қарни 20-ум дар Чин пойи духтаронро аз тифлӣ латтапеч мекарданд, то ангуштони пояшонро кӯчак ва нозук нигоҳ доранд.

андӯҳ зодаи хотираи замонҳое буд, ки вай ин пойҳоро дида буд. Кош бори дигар метавонист ин пойҳоро ламс бикунад!... Аммо, ин амр ғайримумкин аст. Аз ин ҷо то маҳалле, ки вай ин пойҳоро дида буд, садҳо ли масофат дар миён аст[1]. Вай чунин фикр мекард, аммо пойҳо дар ин миён шаффоф шуданду ноаён бо сояи абрҳои осмон омехтанд.

Ин амр замоне рух дод, ки пойҳо нопадид шуданд. Аз жарфои вуҷуди Хэ Сяо-эр андӯҳи аҷибе сар бурун овард, ки то кунун боре ҳам эҳсос накарда будаш. Дар болои сари ӯ осмони нилфоми бузург доман гусларда буд. Дар зери ин осмон, дар маърази амвоҷи сабуки бодҳо одамон маҷбур ҳастанд зиндагонии ҳақиронаи хешро ба сар баранд. Ин қадар андӯҳбор аст ин амр! Ва хеле аҷиб аст, ки вай худ то кунун ин андӯҳро намешинохт! Хэ Сяо-эр амиқ оҳ кашид.

Дар ин лаҳза аз васати чашмони ӯ ва осмон бо шитобу аҷала, хеле бошитобтар аз он ки дар воқиият буд, дастаи саворанизоми жопунӣ, ки кулоҳҳои ҳошиясурх бар сар доштанд, рад шуд. Ва ҳамчунон бо шитобу аҷала нопадид гардид. Оҳ, оҳ, шояд қалби онҳо низ чун дили ӯ пур аз андӯҳ аст! Хуб буд, агар онҳо шабаҳ набуданд ва метавонистанд ҳамдигарро тасаллӣ диҳанду ҳадди ақалл барои чанд лаҳза андӯҳи худро фаромӯш бикунанд. Вале дигар барои ин амр ҳам дер шуда.

Чашмони Хэ Сяо-эра пайваста пурашк мешуданд. Ҳоҷати сухан нест, ки зиндагии пешин, акнун ки ба он бо чашмони пуроб менигарист, хеле бемаънӣ ба назараш мерасид. Ӯ мехост аз ҳама маъзарат бихоҳад. Ва мехост худаш низ гуноҳони ҳамаро бибахшад.

Бо гиря дар дили худ такрор мекард: «Агар маро наҷот бидиҳанд, ба ҳар василае гуноҳони гузаштаамро ҷуброн мекунам». Вале осмони жарфи жарф, осмони

[1] Ли – воҳиди тӯли чинӣ, баробар бо 3, 9 км

бениҳоят кабуд, гӯиё ба ҳарфе гӯш надода, ваҷаб ба ваҷаб ҳарчи бештару бештар ба рӯйи синаи ӯ фурӯ меомад. Дар ин уқёнуси кабудӣ ин ҷову он ҷо чизҳое хафиф медурашиданд, – шояд ситораҳое, ки рӯз ҳам намудор буданд. Шабаҳҳои қаблӣ дигар осмонро аз чашмони ӯ намебастанд. Хэ Сяо-эр бори дигар нафас кашид ва ба лабони ларзон оҳиста чашмонашро баст.

## Поён

Аз замони инъиқоди сулҳ дар байни Чину Жопун як сол гузашт. Як рӯзи авоили баҳор дар яке аз дафтарҳои сафорати Жопун дар Пекин вобастаи низомӣ майор Кимура ва муҳандиси вазорати кишоварзӣ ва тиҷорат, номзади илм Ямакава, ки ҳамин ҳоло аз Жопун омада буд, паси миз нишаста буданд. Онҳо қаҳва менӯшиданду папирос мекашиданд ва барои муддате корҳояшонро ба фаромӯшӣ супурда, аз ҳар даре суҳбат мекарданд. Бо вуҷуди ҳукумати фасли баҳор дар бухории калон оташ шуълавар буд ва хона он қадар гарм буд, ки ҳамсуҳбатон андаке арақ ҳам карданд. Аз олуи пастаки андаруни гулдон, ки рӯйи миз қарор дошт, гоҳе бӯйи хоси чинӣ ба машом мерасид.

Муддате суҳбаташон перомуни шоҳбону Ситайхоу[1] буд, баъд ба хотироти ҷанги Жопуну Чин пардохтанд ва ин дам буд, ки майор Кимура, зоҳиран дар натиҷаи андешае, ногаҳон аз ҷой бархост ва бастаи рӯзномаи «Шэнчжоу жибао»-ро, ки дар гӯшае мехобид, ба рӯйи миз овард. Вай яке аз шумораҳои рӯзномаро пеши чашмони муҳандис Ямакава боз кард ва бо ангушт гу-

[1] Ситайхоу (1834–1904) – шоҳбону, беваи император Сян Фэн, ки император Гуансюро аз сесолагӣ бар тахт нишонида, амалан аз соли 1874 ҳукумат кардааст. Соли 1898 аз сиёсати императори ҷавон норозӣ шуда, ӯро барканор кард ва худ ба тахт нишаст.

зоришеро ба ӯ намуда, бо нигоҳ даъват кард, онро бихонад. Муҳандис аз ин кори ногаҳонии майор каме осемасар шуд: зимнан, вай аз қабл медонист, ки майор марди сода ва маъмулист ва ба низомиён намемонад. Аз ин рӯ, дафъатан фикр кард, дар ин гузориш ҳатман воқеаи ғайриодии марбут ба ҷанг инъикос шудааст ва ба рӯзнома нигарист. Гузориши муфассал аз ҳодисае нақл мекард, ки тарҷумааш ба забони жопунӣ тақрибан чунин аст:

"Молики сартарошхона дар кӯчаи .... Хэ Сяо-эр номе, ки ҷанговари далер буд, дар замони ҷанги Жопуну Чин на як бору ду бор ҷасорату қаҳрамонӣ ба зоҳир овардааст. Бо вуҷуди ин, пас аз бозгашт вай рафтори бебанду бор аз худ зоҳир мекард ва зиндагиашро дар гарави шаробу занон гузошта буд; дар торихи ... вақте ки вай дар ресторон бо дӯстонаш шаробхорӣ мекард, дар миёни онҳо ҷанҷол бархост, ки ниҳоятан ба занозанӣ пайваст, дар натиҷа вай аз гарданаш маҷруҳ шуда, дар ҳол ҷон бохт. Сурати ҳоли гардани маҷруҳи мақтул бо вазъи ҷолибе марбут аст: ин ҷароҳат ба ӯ дар натиҷаи истифодаи силоҳ ворид нашудааст, балки ҷароҳати куҳанест, ки вай дар майдони корзори Жопуну Чин гирифта буд; зимнан, чунонки шоҳидони воқиа нақл карданд, чун мақтул ҳангоми занозанӣ мизро чаппа карда уфтод, сараш ногаҳон аз тан ҷудо шуда, оғушта ба хун ба рӯйи фарш ғелид. Агарчи намояндагони ҳукумат ба дурусту рост будани ин воқиа шубҳа доранд ва дар айни ҳол хеле ҷиддан ба ҷустуҷӯйи гунаҳкор пардохтаанд, аммо дар «Воқиаҳои ҷолиб»-и Ляо Чжай[1] омадааст, ки чӣ тавр сари марде аз Чжу-чен аз тан ҷудо шуда буд ва агар чунин аст, чаро бо Хэ Сяоэро низ ин тавр воқиа рух надиҳад?» ва ғайра.

---

[1] Ляю Чжай – тахаллуси нависандаи чинӣ Пу Сунлин (1640-1715).

Муҳандис Ямакава гузоришро хонду бо ҳайрат пурсид:

– Чӣ маънӣ дорад ин?

Майор Кимура, ба оҳистагӣ навори дуди папиросро ба ҳаво сар дода, мусоҳилакорона табассум кард:

– Воқиа аҷиб! Чунин воқиаҳо танҳо дар Чин метавонанд рух бидиҳанд.

– Дар ҳар куҷо, ки бошад, ақл наметавонад қабул бикунад.

Муҳандис Ямакава бо тамасхур хокистар ба зерсигонӣ афшонд.

Майор макс кард ва бо лаҳни ҷиддӣ изҳор дошт:

– Аҷибтар ин ки... ман ин Хэ Сяо-эрро мешинохтам.

– Мешинохтед? Хеле ҷолиб! Умедворам, ки шумои вобастаи низомӣ дар амри афсонапардозӣ бо ин хабарнигор ҳамдостон нестед?

– Не, албатта! Аммо, вақте ки ман дар муҳорибаи назди… маҷруҳ шудам, ҳамин Хэ Сяо-эр низ дар бемористони майдонии мо бистарӣ буд ва ман барои тамрини забони чинӣ чанд бор бо ӯ ҳамсуҳбат шуда будам. Дар ин гузориш гуфтаанд, ки ҷароҳати ӯ аз ноҳияи гардан буд, пас ман мутмаин ҳастам, ки ин мард худи ӯст. Вай ба бозбинии маҳал ва ё бо супориши дигар рафта, ба ҳамлаи саворанизомони мо дучор мешавад ва сарбози жопунӣ ба гарданаш шамшер мезанад.

– Ба ростӣ, ки воқиаи ҷолиб аст. Зимнан, ин Хэ Сяо-эр, ба навиштаи рӯзнома, марде айёш будааст. Ва шояд беҳтар буд, ки ҳамон вақт кушта мешуд.

– Он вақт вай ҷавони хеле самимӣ, некухисол, оромтабиате буд, дар байни асирон чунинҳо ба нудрат дучор меоянд. Ба ҳамин сабаб ҳам пизишкон хеле дӯсташ медоштанд ва зоҳиран тамоми таҷрибаю донишашонро барои дармонаш сарф карданд. Вай дар бораи худ ҳикоятҳои аҷиб нақл мекард. Аз ҷумла, ман хе-

ле хуб дар ёд дорам, ки ӯ вазъи худро, пас аз он ки бар асари ҷароҳат аз асп уфтода буд, чӣ тавр муфассал тавсиф карда буд. Вай дар миёни лойу гили соҳили рӯд аз асп меуфтад ва аз паси шоху баргҳои маҷнунбед ба осмон нигариста ва гӯиё дар ин осмон возеҳу рӯшан домани модараш, пойҳои занона ва киштзори кунҷидро мебинад…

Майор Кимура папиросро ба зерсигорӣ афканд, финҷони қаҳваро ба лаб бурд ва ба олуи андаруни гулдон нигариста, гӯиё барои худ афзуд:

– Ӯ мегуфт, ки маҳз ҳамон вақт бо андӯҳ эҳсос кардааст, ки зиндагонии қаблиаш то чӣ ҳад барояш нафратовар аст.

– Ва баробари ба охир расидани ҷанг вай ба марди айёш бадал шуд? Воқиан арзише надорад одамӣ!

Муҳандис Ямакава сар ба муттакои курсӣ гузошта, бо пӯзханд дуди папиросро ба сӯйи сақф раҳо кард.

– "Арзише надорад одамӣ?" Манзуратон ин аст, ки оромтабиатии ӯ тазоҳур буд?

–Бале, албатта.

– Не, ман чунин гумон надорам. Ба фикрам, эҳсоси ӯ ҷиддӣ буд, ба ҳар сурат дар он вақт хеле ҷиддӣ буд. Ва акнун ҳам, дар ҳамон лаҳзае, ки ба ибораи рӯзнома бигӯем, сари ӯ аз тан ҷудо шуд, вай боз ҳам, ба эҳтимоли зиёд ҷиддан чунин фикр мекард. Ман чунин тасаввур мекунам: ҳангоми занозанӣ, ӯро ҳамроҳ бо миз ба фарш афканданд. Ҷароҳати ӯ боз шуд ва ҳамон лаҳза сараш бо кокули дарозаш рӯйи фарш ғелид. Ва домани модар, пойҳои занона ва кунҷидзори шукуфон, боз ҳам аз паси пардаи тунуки меғ аз пеши назараш шино карда гузаштанд. Ва шояд, агарчи дар болои сараш бом буд, вай ба баландиҳои дур, ба жарфои осмони нилфом менигарист. Ва ҳамон дам боз бо андӯҳ эҳсос кард, ки чӣ тавр зиндагии гузаштааш барояш нафоратовар аст. Вале ин бор дер шуда буд. Бори аввал, чун ӯ беҳуш шуд,

беҳёрҳои жопунӣ вайро дида, берун оварда будандаш. Аммо акнун, он ки бо ӯ дастбагиребон шуда буд, ба вай ҳамла оварда бо мушту лагад мекӯфташ. Ва ӯ, бо қалби пур аз пушаймонию тавба, бо таассуфи бузург ҷон дод.

Муҳандис Ямакава китф дарҳам кашиду хандид.

– Шумо хаёлпардози бузург ҳастед. Аммо барои чӣ вай пас аз он ҳама эҳсосот айёшӣ мекард?

– Барои он ки одамӣ чандон арзише надорад, танҳо на ба он маъние, ки шумо дар назар доред.

Майор Кимура папироси дигар даргиронд ва дуд ба дарун кашида, табассум бар лаб бо лаҳни возеҳ ва то ҳадде насиҳатомез гуфт:

– Ҳамаи мо бояд эътимод дошта бошад, ки зиндагиаш чандон арзише надорад. Дар асл, танҳо онҳое ки ин маъниро медонанд, арзише доранд. Вагарна, кӣ медонад, эҳтимол сари мо ҳам замоне аз тан ҷудо мешавад, чунонки сари Хэ Сяо-эр ҷудо шуд…. Рӯзномаҳои чиниро маҳз чунин бояд хонд, на ба гунаи дигар.

*Декабри 1917*

## «СУХАНОНИ ПАКАНА»

«Суханони пакана» на ҳамеша метавонанд баёнгари афкори ман бошанд. Онҳо фақат гоҳе дар ин боб, ки чи гуна андешаҳои ман рӯз аз рӯз тағйир меёбанд, тасаввурот медиҳанд. Аз як шоха чандин нарт мерӯяд, вале касе шуморашонро намедонад.

### Бинӣ

Гуфтаи Паскал машҳур аст, ки агар бинии Клеопатра кач буд, торих эҳтимол бо роҳи дигар ҷараён меёфт. Вале ошиқ ба нудрат метавонад тарҳи воқиии чеҳраи маҳбуби худро бибинад. Агар мо мубталои ишқ бошем, хеле моҳирона худамонро мефиребем.

Антоний низ истисно нест: агар бинии Клеопатра кач ҳам буд, ба гумон аст, ки Антоний ин каҷиро медид. Ва агар медид ҳам, имтиёзи дигаре пайдо мекард, ки ин кубҳро ҷуброн менамуд. Дар саросари ҷаҳон зани дигареро, ки мисли маҳбуби мо афзалиятҳо дошта бошад, наметавон пайдо кард. Антоний низ чунонки мо дар маҳбуби худ пайдо мекунем, дар чашмон ё лабони Клеопатра чизе дармеёфт, ки нақси ӯро комилан ҷуброн мекард. Барсарӣ боз «қалби ӯро намегӯед!». Ба ростӣ, маҳбуби мо дар ҳама замонҳо қалби зебову бемонанд дошт. Ҳамчунин либос, сарват ва ё мақоми иҷтимоияш низ аз ҷумлаи афзалиятҳои ӯст. Ниҳоят, ҳатто мавридҳоеро медонем, ки далел ва ё овозаи он ки муддате қабл кадом як марди машҳур ӯро дӯст медошта, низ аз ҷумлаи шоистагиҳои маҳбуб ба ҳисоб меомад. Ва оё Клеопатра – охирин шоҳбонуи Миср ва дар миёнаи ҳолаи ҳишмату асрор набуд? Замоне, ки ӯ андаруни меғи бухури муъаттар, тоҷи муҷалло бар сар, шохаи нилуфар ё гули дигаре дар даст дар тахт менишаст,

магар касе метавонист андаке каҷии бинии ӯро бибинад? Чӣ ҷойи сухан аз Антонийи ошиқ аст.

Чунин худфиребӣ на фақат ба ишқ марбут аст. Танҳо дар маъдуд мавориде мо воқеиятро бо рангҳои дилхоҳи худ оро намедиҳем. Бигирем, масалан овезаи дандонпизишкро – мо на он қадар овезаро мебинем, балки бештар аз он мехоҳем бибинемаш, чи дандонамон сахт дард мекунад. Албатта, дарди дандони мо, ба торихи башар ҳеч рабте надорад. Вале маъмулан, ҳам риҷоли сиёсӣ, ки майл доранд андешаву хостаҳои мардумро бидонанд, ҳам низомиён, ки талош мекунанд мавқеияти душманро бифаҳманд, ҳам бозаргонон, ки мехоҳанд бо вазъи бозору қурби пул ошно бошанд, гирифтори чунин худфиребианд. Ман мункир нестам, ки хирад ин ҳамаро бояд танзим кунад. Вале дар ин ҳол ба вуҷуди «тасодуф» ҳам, ки ҳамаи кори одамиро идора мекунад, қоил ҳастам. Ва шояд, худфиребӣ неруи доимист, ки торихи башарро идора мекунад.

Хулласи калом, торихи duҳазорсола бо чигунагии бинии Клепатра, ки лаҳзае дар ин торих зуҳур кардааст, ҳеч иртиботе надорад. Ин торих ба эҳтимоли қавӣ ба ҳамоқати мо, ки дар ҳама ҷойи замин ҳузур дорад, вобаста аст. Аз ҳамоқате, ки аз дари ханда аст, вале ҳамоқати олист.

## Ахлоқ

Ахлоқи ҳукмфармо дар ҷомиаи мо – ахлоқи феодалии заҳрогин шуда дар замони сармоядорист. Вай фақат зиён меоварад ва ҳеч шафоате надорад.

Ахлоқ номи дигари роҳат аст. Чизе монанди «ҳаракати самти чап».

Виҷдон чун риш бо гузашти синну сол пайдо намешавад. Барои дарёфтани виҷдон, каме таҷриба лозим аст.

Шояд виҷдон сарчашмаи ахлоқ бошад. Вале ахлоқ ҳеҷ гоҳ сарчашмаи он чи ки виҷдон накӯӣ медонад, набуд.

## Иродаи озод ва тақдир

Ҳар чи ҳам бошад, агар ба тақдир итминон дошта бошем, ҷиноят вуҷуд надорад, пас ҷазо маънии худро гум мекунад, яъне муносибати мо ба ҷинояткор бояд меҳрубонона бошад. Дар айни ҳол, агар ба иродаи озод бовар кунем, масъалаи масъулият матраҳ мешавад ва барои он ки аз фалаҷи виҷдон иҷтиноб кунем, бояд нисбат ба худ ҷиддӣ бошем. Пас ба чӣ бояд бовар кард?

Бидуни эҳсос посух мегӯям. Бояд ҳам ба озодии ирода ва ҳам ба тақдир бовар кард. Ё ҳам ба озодии ирода ва ҳам ба тақдир шакку шубҳа бояд дошт. Магар мо бар асари тақдир бо занамон издивоҷ накардаем? Ва оё бо дархости завҷаамон ва бо иродаи худ барои ӯ пероҳану камарбанд нахаридаем?

На танҳо иродаи озод ва тақдир, балки худо ва шайтон, зебоию зиштӣ, ҷасорату тарсуӣ, хирад ва имон – муносибат ба ҳамаи инҳо бояд чун паллаҳои тарозу мувозана дошта бошанд. Кадимиҳо инро миёнаи тиллоӣ – «тюё» мехонданд. Дар тарҷумаи англисӣ ин мафҳум «good semso” (ақли солим) ном дорад. Ман мутмаин ҳастам, ки бидуни хиради солим найл ба хушбахтӣ имкон надорад. Ва агар ба хушбахтӣ ноил ҳам ки шудӣ, чунин хушбахтӣ бадал ба шарорат мешавад. Ин амр бад-он мемонад, ки дар рӯзи тасфон оташ барафрӯзӣ ва ё дар сармо худро бо бодбизан бод бизанӣ.

## Зиндагии инсон

Агар ба касе, ки шиновариро наёмӯхтааст, фармон диҳанд, ки «шино бикун», ҳамагон ин амрро аблаҳӣ

меҳисобанд. Агар ба оне, ки тамрини давидан накардааст, амр кунанд, ки дар сабқати дав ширкат бикунад, низ ҳама инро хилофи ақли солим мешуморанд. Вале мо ҳама аз замони ба дунё омаданамон чунин фармонҳо мегирем.

Оё дар батни модар мо зиндагӣ кардан омӯхтаем? Вале баробари ба дунё омадан бояд ба зиндагӣ, ки сахт мушобеҳи саҳнаи муборизаҳост, ворид бишавем. Албатта, касе ки шиновариро наёмӯхтааст, наметавонад шиновари хуб бошад. Он ки тамрини давидан накардааст аз давандагон ақаб мемонад. Ҳамчунин мо низ аз саҳнаи мубориза бидуни ҷароҳат наметавонем берун оем.

## Боз дар ин боб

Зиндагии инсон шабеҳи қутии гӯгирд аст. Муносибати ҷиддӣ ба он хандаовар аст, муносибати саҳлангорона хатарнок.

## Боз дар ин боб

Зиндагии инсон шабеҳи китобест, ки чандин сафҳааш уфтодааст. Душвор аст ин номаро нусхаи комил шуморем. Вале ба ҳар сурат, ин нома китоби комил аст.

## Неруманд ва заиф

Одами неруманд аз душманон намеҳаросад, аммо аз дӯстонаш метарсад. Вай, ки душманро бо як зарба фурӯ меафканад ва ҳеч эҳсоси пушаймонию ранҷиш дар дил надорад, аз ногаҳон ранҷонидани дӯсташ чун занон метарсад.

Заиф аз дӯстонаш наметарсад, вале аз душманон сахт дар ҳарос аст. Ва ба ин сабаб дар чеҳраи ҳар кас душман мебинад.

## Майда чуйдаҳо

Барои он ки зиндагӣ хушбахтона бошад, бояст майдачуйдаҳои рӯзмарaро дӯст дошт. Дар ҳама майдачуйдаҳои рӯзгор: тобиши абрҳо, начвои барги дарахтон, нағмаи гунҷишкон, чеҳраи раҳгузарон бояд маншаи лаззатро ҷуст.

Вале дӯст доштани майдачуйда ба ин маъно низ ҳаст, ки барои ин майдачуйдаҳо ғам низ бояд хӯрд. Қурбоқае, ки андаруни ҳавзи қадимаи боғ меҷаҳад андӯҳи садсоларо мешиканад. Вале қурбоқае, ки аз ҳавзи қадима берун меҷаҳад шояд ғами садсоларо дар қалб дошта бошад. Зиндагии Басё зиндагии пайванд бо лаззат буд. Вале ҳаройина зиндагие низ, ки ғаму азоб ҳамгомаш буда. Барои он ки табассум бар лаб лаззат бибарӣ, бояст низ табассум ба лаб азоб ҳам бикашӣ.

Барои он ки зиндагӣ хушбахтона бошад, бояст аз барои майдачуйдаҳои рӯзмарра ғам хӯрд. Дар ҳама майдачуйдаҳои рӯзгор: тобиши абрҳо, начвои барги дарахтон, нағмаи гунҷишкон, чеҳраи раҳгузарон бояд азобҳои марди уфтода ба дӯзахро эҳсос кард.

## Теории сармоядорон

«Ин ки ҳунарманд асари бадеиашро мефурӯшад, ё ман консерви харчангро тафовути чандон зиёде дар байн нест. Аммо ҳунармандон гумон мекунанд, ки ҳунар бузургтарин ганҷинаи олам аст. Ба тақлид аз онҳо ман низ бояст аз консервҳои худ ба арзиши шаст сен барои як банка ифтихор бикунам. Лекин тайи шаст

соли умрам ман боре ҳам ба чунин хушгумонии ҳунармандон гирифтор нашудаам».

## Асарҳои дӯстдоштаи ман

Асарҳои дӯстдоштаи ман – манзурам осори адабист – онҳое ҳастанд, ки эҳсос мешавад, муаллифашон инсон аст. Инсоне, ки мағз, дил ва эҳсосоти воқеӣ дорад. Аммо, мутаассифона, бештарини нависандагон маъюбоне ҳастанд, ки нуқсоне доранд. (Рост, ки гоҳе наметавон дар назди маъюби бузург сари таъзим фуруд наовард).

## Ахиллес

Мегӯянд паҳлавони юнонӣ Ахиллесро танҳо ҷойи заъф пошнаи пояш буд. Пас барои шинохтани Ахиллес бояст пошнаи пойи ӯро ҳам мешинохтанд.

## Ҳунар

Ҳунар мисли зан аст. Барои он ки зеботар ҷилва кунад, вай бояд бо ҷавви маънавии замони худ фаро гирифта шавад ё мутобиқ бо муди замони худ либос пӯшад.

## Нобиға

Аз мо то нобиға як қадам фосила аст. Вале барои дарки ин як қадам, бояст математикаи олиро фаро гирифт, ки мутобиқи қавонини он нимаи сад ри наваду нуҳ риро ташкил мекунад.

## Сабр

Сабр тарси романтикӣ аст.

## Никоҳ

Никоҳ барои таскини эҳсосот муфид аст. Барои таскини ишқ ба дард намехӯрад.

## Машғулият

Моро аз ишқ на фақат ақл, ки бештар аз он машғулият начот медиҳад. Ишқ… Барои ишқи зебо пеш аз ҳама вақт лозим аст. Ошиқони замонҳои гузашта – Вертер, Ромео, Тристанро ба ёд оваред: ҳамаи онон одамони бекор буданд.

## Мард

Мард аз қадимулайём беш аз ишқ ба кор арзиш қоил буд. Агар касе ба ин гуфта шубҳа дорад, лутфан номаҳои Балзакро бихонад. Балзак ба графбону Ганская навиштааст: «Агар ин номаро ба дастнавис бадал кунем, вай чандин франк арзиш дошт!»

## Озодӣ

Озодии сиёсӣ, озодии ишқ, тиҷорати озод – мутаассифона, дар паймонаи ҳар кадом аз «озодиҳо» оби зиёд рехта шудааст. Ва бештари ин обҳо оби гандидаи кӯлмакҳост.

## Боз дар боби озодӣ

Озодиро ҳама мехоҳанд. Вале аз канор чунин ба назар мерасад. Дар асл дар умқи дил ҳеч кас заррае ҳам озодӣ намехоҳад. Исботи ин амр ин аст: нобакоре, бидуни тардид омода аст ҳар касеро бикушад, ҳатто ин нобакор хоҳад гуфт, ки фулониро ба хотири амният ва

шикуфоии кишвар куштааст. Аммо озодӣ ба ин маъност, ки рафтори мо ба чизе марбут нест, яъне мо барои чизе масъулият доштанро – хоҳ сухан аз худо бошад, ё ахлоқ, ё суннатҳои иҷтимоӣ барои худ шоиста намедонем.

## Боз аз озодӣ

Озодӣ ҳавои сари кӯҳ аст – одамони заиф ба он тоб оварда наметавонанд.

## Асари адабӣ

Вожаҳои асари адабӣ бояст зебоие дошта бошанд, ки дар фарҳангҳо аз он маҳруманд.

## Зан

Ақли солим амр мекунад: «Ба занон наздик машав»
Вале ғаризаи солим бар хилофи ин мефармояд: «Аз занон мапарҳез».

## Ишқ

Ишқ ҳисси шаҳвониест, ки бо шеваи шоирона баён шудааст. Ҳаройина, эҳсоси шаҳвоние, ки шоирона ифода нашуда бошад, арзиши номи ишқро надорад.

## Худкушӣ

Танҳо чизе, ки барои ҳамаи одамон муштарак аст тарси марг аст. Беҳуда нест, ки ахлоқ ба худкушӣ назари инкор дорад.

## Ифтихор

Мо бештар аз чизе ифтихор мекунем, ки онро надорем. Масалан, Т. олманиро балад буд, аммо рӯйи мизи ӯ ҳамеша китобҳои инглисӣ мехобиданд.

## Бут

Ҳеч кас бо шикастани бутҳо мухолиф нест. Дар ин ҳол, ҳеч кас ҳам мухолифат намекунад, агар аз худаш бут тарошанд.

## Ман

Ман ба пул беэътино будам. Албатта, барои он ки пулам барои хӯрдан кифоят мекард.

## МУНДАРИЧА

Окутогово: Мероси бузурги умри кӯтоҳ ................................. 3
Момотиро.................................................................................. 11
Дэюриано Китискэ.................................................................... 19
Бинӣ .......................................................................................... 23
Тамоку ва шайтон .................................................................... 33
Гӯркан...................................................................................... 44
Азобҳои ҷаҳаннам.................................................................... 49
Дар бешаи анбӯҳ ...................................................................... 87
Дар кишвари обиҳо ................................................................. 99
Ҳикоя дар бораи ҷудо шудани сар аз тан ............................159
«Суханони пакана» .................................................................171

---

***Окутогово***

**АЗОБҲОИ ҶАҲАННАМ**

Мусаҳҳеҳ *А. Рӯзибой*

Ба чоп 12.12.2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 11,25.
Теъдоди нашр 500 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Донишварон» чоп шудааст.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Вализода 3/1.
Тел.: 992 93-526-41-31. E-mail: donishvaron@mail.ru